ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МИНИСТЕРСТВО КУЛЬТУРЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

КОНСЕРВАТОРИЯИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ ТАЛАБХӮҶА САТТОРОВ
ТАДЖИКСКАЯ НАЦИОНАЛЬНАЯ КОНСЕРВАТОРИЯ
ИМЕНИ ТАЛАБХУДЖИ САТТОРОВА

# МУТРИБ

## №1

**МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ**
**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ**

ДУШАНБЕ - 2023

# ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

## САРМУҲАРРИР:

**Достизода Миралӣ** – ректор, Ҳунарманди Халқии Тоҷикистон.

## МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

**Азизӣ Фароғат Абдуқаҳҳорзода** – мусиқишинос, Арбоби ҳунари Тоҷикистон, доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор.

## АЪЗОЁНИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

**Латифзода Диловар Назришоҳ** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор.
**Низомов Аслиддин** – мусиқишинос, доктори илмҳои санъатшиносӣ, мудири шуъбаи санъатшиносӣ АМИ ҶТ.
**Сафаров Сайфулло Саъдуллоевич –** номзади илмҳои фалсафа.
**Назарова Лариса Александровна –** мусиқишинос, номзади илмҳои санъатшиносӣ.
**Ҳомидзода Сангалӣ Саттор** – композитор, Корманди шоистаи Тоҷикистон, муовини раиси ИК Тоҷикистон.
**Камолова Хосият Қурбоналиевна** – номзади илмҳои фалсафа.
**Шарифзода Лутфулло** – мудири кафедраи забонҳо, омӯзгори калон.
**Рауфзода Сӯҳроб** – масъули чопи шумораи мазкур.

# РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

## ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:

**Достизода Мирали** – ректор, Народный артист Таджикистана.

## ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

**Азизи Фарогат Абдукаххоровна** – музыковед, Заслуженный деятель искусств Таджикистана, доктор искусствоведения, профессор

## ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:

**Латифзода Диловар Назришох** – доктор педагогических наук, профессор.
**Низомов Аслиддин** – музыковед, доктор искусствоведения, заведующий отделом искусствоведения НАН РТ
**Сафаров Сайфулло Саъдуллоевич –** кандидат философских наук
**Назарова Лариса Александровна –** музыковед, кандидат искусствоведения.
**Хомидзода Сангали Саттор –** композитор, Заслуженный работник Таджикистана, заместитель председателя Союза композиторов РТ.
**Камолова Хосият Курбоналиевна** – кандидат философских наук.
**Шарифзода Лутфулло** – заведующий кафедрой языков, ст. преподаватель
**Рауфзода Сӯҳроб** – ответственный за данный номер журнала

## АЗ САРМУҲАРРИР // ОТ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА

Хонандаи мухтарам! Ҳамкасбони арҷманд!



Миннатдории самимии худро раёсат, ҳайати омӯзгорон-профессорон ва донишҷӯёни консерватория ба Асосгузори сулҳу ваҳдат - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҳанӯз бист сол қабл (2003) таъсис додани ин таълимгоҳи ҳунари воло бо эҳтироми бузург баён менамояд. Фаъолияти консерватория сол то сол васеътару самаранoктар шуда истодааст. Дар он магистратура ва докторантура (PhD) кушода шуд. Имсол Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов таъсиси маҷаллаи илмиро ба ӯҳда гирифтааст. Инак, шумораи аввалини онро зери унвони «Мутриб» пешкаши шумо мегардонем.

Зарурияти таъсиси ин маҷалла аз он иборат аст, ки то имрӯз маҷаллае доир ба масъалаҳои мусиқишиносӣ, санъати иҷрокунандагӣ, фаъолияти композиторӣ, соҳаҳои созшиносӣ, дирижёрӣ, режиссураи овоз ва дигар вуҷуд надорад. Зарур аст, ки мусиқӣ аз нигоҳи касбӣ ва илмӣ мустақим инъикос ёбад, диди мутахассисон ба хонандаву шунавандаи мусиқӣ бирасад, баҳсу мунозираҳои ҳамкасбони соҳа фаъол гардад. Аз тарафи дигар ягона мактаби олии мусиқӣ, ки акнун соҳиби магистратураву докторантура мебошад, бе маҷаллаи илмӣ ва инъикоси пайвастаи фаъолияти худ душворӣ мекашад. Баъзе маҷаллаҳо, ба монанди «Фарҳанг ва санъат» ва ё «Санъатшиносӣ» ба масъалаҳои фарҳанг ва санъат таваҷҷуҳ зоҳир кунанд ҳам, маҷаллаи хосаи мусиқавӣ нестанд.

Раёсат ва аҳли консерватория таъсиси маҷаллаи хешро масъалаи мубрами рӯз шуморида, хонандагону мусиқидононро даъват мекунад доир ба рушди таърихии мусиқӣ, тамоюли он дар замони ҳозира, баррасиҳои илмӣ дар назария, фалсафа, этика, эстетика, сотсиология, психология ва педагогикаи мусиқӣ, арӯз ва мусиқӣ, шеъри муосир ва мусиқӣ, таҳлилу тадқиқоти жанрҳои мусиқӣ, самту равияҳои мусиқӣ, портретҳои эҷодии композиторону олимону ҳунармандони мусиқӣ, рафти экспедитсияҳои мусиқӣ-этнографӣ, натоиҷи онҳо, дастовардҳо дар омӯзиши асосҳои мусиқӣ-назариявӣ, инъикоси ҳаёти мусиқии кишвар, воқеаҳои дилрабои фарҳанги мусиқӣ, консерту озмунҳои мусиқӣ, дар бораи зарурати тарбияи мутахассиси мусиқӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ҳар гуна иттилооти дигаре марбут ба мусиқӣ маводи дилхоҳу судмандро пешниҳод намоянд.

Имрӯз яке аз чорабиниҳои муҳимме дар соҳаи мусиқии касбӣ, ки соли сеюм аст зери сарпарастии бевоситаи Пешвои муаззами миллат дар саросари кишвар баргузор мегардад, озмуни «Тоҷикистон – Ватани азизи ман!» аст. Натиҷагирӣ аз фаъолияти озмун судмандии онро барои ҷомеаи муосири Тоҷикистон исбот намуд. Иштирокчиёни озмун сол то сол фаъолтар шуда, ба дастовардҳои нав ба нав ноил мегарданд. Ва умед аст, ки дар баробари лауреатҳои озмунҳои байналмилалӣ, дар маҷаллаи мо мақола-портретҳои сарояндагону навозандагон, иштирокчиёни озмуни «Тоҷикистон – Ватани азизи ман!» низ чоп хоҳанд шуд.

*Бо эҳтиром,*
*сармуҳаррир*
*Миралӣ Достизода*

## Такмили неруи илмӣ дар магистратура ва докторантураи консерватория

*Диловар Латифзода,*
*доктори илмҳои педагогӣ, профессор*

Магистратура ва докторантура (PhD) за рӯйи ихтисос барои Тоҷикистон, аз он ҷумла барои Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов як падидаи нав буд. Зарурат пеш омад, ки муассисаҳои таълимӣ ба ин низом гузаранд.

Таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя нишон дод, ки гузариш самараи хуб дода, ҳатто як қисм давлатҳо (Ҷумҳурии Қазоқистон) аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузашта, соҳиби сертификат шудаанд.

Махсусияти консерватория аз он иборат аст, ки магистратура дар ду самт ба роҳ монда шудааст: илмӣ-таҳқиқотӣ ва эҷодӣ, ки ин талабот раванди таълимро дар консерватория мураккаб мегардонад.

Вобаста ба таъсиси магистратура ва докторантура аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ гардиданд, ки фаъолияти ин зинаи таҳсилотро ба низом дароварда истодаанд.

Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳиме, ки соли 2021 қабул гардида, кори магистратура ва докторантураро вусъат бахшид, ин қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №264, “Дар бораи “Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030” ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии барномаи мазкур мебошад.

Қарор як ҳуҷҷати мукаммали барномавӣ ва роҳбарикунанда барои ҳамаи таълимгоҳҳои олии касбӣ ва таҳсилоти олии баъд аз макотиби олӣ ба шумор меравад ва тайёр намудани кадрҳои илмиро то соли 2030 муайян менамояд.

Аз соли таҳсили 2018-2019 дар консерватория шуъбаи магистратура таъсис дода шудааст, ки айни замон дар он 21 нафар магистрант таҳсил мекунанд. Аз инҳо курсҳои якум 16 нафар буда, 9 нафар буҷавӣ, 7 нафар шартномавӣ ва 4 нафарашон зан мебошанд.

Роҳбарони илмию эҷодии магистрантон аз ҳисоби олимон ва эҷодкорони шинохтаи ҷумҳурӣ интихоб шудаанд.

Соли таҳсили 2020-2021 якумин магистрантон аз рӯйи ихтисосҳои сароядагии академӣ ва анъанавӣ, фортепианои тахассусӣ, созҳои халқӣ, композитсия (роҳбараш аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон), мутрибони анъанавӣ магистратураро хатм намуда, дар Консерватория ва дигар таълимгоҳҳои соҳаи фарҳангу санъат, инчунин дар дастаҳои ҳунарии Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти илмию эҷодӣ бурда истодаанд.

Соли таҳсили 2021-2022 дар консерватория бори аввал шуъбаи докторантураи фалсафа (PhD) – докторантура аз рӯйи ихтисоси санъати мусиқии касбӣ таъсис ёфт, ки айни замон дар он 5 нафар докторант таҳсили илм карда истодааст: чор нафари онҳо аз рӯи ихтисоси мусиқишиносӣ ва 1 нафар аз рӯйи ихтисоси иҷрокунандагии созӣ.

Нақшаҳои таълимии зинаҳои магистратура ва докторантура дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудаанд.

Роҳбарии муҳассилинро доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор Фароғат Азизӣ, доктори илмҳои санъатшиносӣ Аслиддин Низомов, профессорон Сайфулло Сафаров, Диловар Латифзода, омӯзгори калон Алихон Маҳмадов ва дигарон ба ухда доранд.

Қобили қайд аст, ки магистрантон ва докторантон илова ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ фаъолона иштирок намуда, барандагони ҷоизаҳо ва ҷойҳои намоён низ гардидаанд. Масалан, докторанти курси аввали консерватория Убайдзода Бахтиёр ғолиби озмуни байналмилалии мусиқинавозон “Grand muric Art” дар номинатсияи “Асарҳо аз эҷодиёти муаллиф” дар шаҳри Маскав гардидааст.

Дар консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов дар магистратура ва докторантура чунин шаклҳои корҳои таълимию эҷодӣ, тарбиявӣ ва илмиву таҳқиқотӣ роҳандозӣ гардидаанд:

- навиштани мақолаҳои илмӣ;
- фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, ки ба таҳия ва дифои рисолаҳои магистрӣ, ҳимояи диссертатсияҳои докториву номзадӣ, рисолаҳои магистриву докторӣ равона гардидаанд;
- баромад дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ва амалӣ, инчунин дохилӣ;
- роҳбарӣ ба рисолаҳои хатми донишҷӯён, роҳбарӣ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва эҷодии донишҷӯён;
- ҷамъоварии маводи илмӣ барои рисолаҳои номзадӣ, докторӣ;
- таҷдиди барномаҳои таълимию эҷодӣ;
- навиштан ва коркарди дастурҳои таълимӣ-методӣ ва дигар корҳо;
- ташкил ва баргузор намудани дарсҳои маҳорат, консертҳои синфӣ;
- баромад дар чорабиниҳои муҳими давлатию фарҳангӣ, иштирок дар озмунҳои эҷодии гуногунсатҳҳ.

Сатҳу сифати дониши магистрантону докторантон аз рӯйи ихтисосҳои санъати мусиқии тибқи нақшаҳои таълимӣ тавассути санҷишҳои фосилавӣ ва имтиҳонот санҷида мешавад.

Назорат аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва худи консерватория низ ба роҳ монда шудааст.

Магистрантон ва докторантон бо гузоришу маърузаҳо дар конференсия ва семинарҳо суханронӣ менамоянд. Аз ҷумла дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Методикаи суннатии устод-шогирд ва татбиқи он дар мактаби олии мусиқӣ: эҳё ва инноватсия” (26-27-уми апрели соли 2021), ки тибқи нақшаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва баргузор шуд, аксарияти онҳо бо маърӯзаҳои илмӣ баромад намуданд.

Дар барномаи конференсияи илмӣ-амалии консерватория ба ҷалби олимони ҷавон, унвонҷӯён, магистрантон ва донишҷӯён таваҷҷуҳи бештар дода шуда буд.

Баъзе аз онҳо натиҷаҳои корҳои илмиашонро пешниҳод карданд. Дар ин нишасти илмӣ ҳамчунин меҳмонон аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ иштирок намуданд.

Мизи мудавваре, ки дар доираи конференсияи илмӣ - амалӣ ташкил ва баргузор гардид, имкон дод, ки баъзе проблемаҳои пайдарҳамии раванди таълим дар зинаҳои ибтидоӣ, миёна ва олии махсус баррасӣ ва роҳҳои ҳалли мушкилотро дар ин раванд ошкор ва баҳри беҳтар намудани таҳсилоти мусиқии касбӣ пешниҳодҳои мушаххас ироа гардиданд.

Дар консерватория нақшаи дурнамо оид ба тайёр намудани номзад ва доктрони илм вобаста ба талаботи барномаҳои давлатии санъати мусиқии касбӣ то соли 2023 таҳия ва амалӣ гардида истодааст, ки дар он махсусан ба тайёр намудани кадрҳои илмӣ, аспирантон ва докторантон таваҷҷӯҳи ҷиддӣ дода шудааст.

Кадрҳои илмие, ки консерваторияро хатм мекунанд, бо ҷойи кор дар сохторҳои муассисаҳои таълимӣ ва илмии соҳаи фарҳанг пурра таъминанд.

Ҷойҳои ҷудошуда аз тарафи давлат барои магистратура ва докторантура тибқи нақшаҳои қабули консерватория пурра истифода бурда мешаванд.

Магистрантон ва докторантон аз рӯйи ихтисоси санъати мусиқии касбӣ вобаста ба норасойии кадрҳо ба ҳайси омӯзгор дар консерватория ва дигар муассисаҳои таълимию эҷодӣ кор мекунанд.

Тайёр намудани кадрҳои илмию педагогӣ ва эҷодӣ дар консерватория тавассути унвонҷӯӣ низ ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла, Каримзода Саъдулло Салим ва Давлатзода Баҳодур Давлат минимумҳои номзадиро аз фанни фалсафа супорида, ҷиҳати ҷамъбасти маводи илмии рисолаҳояшон кор карда истодаанд.

Мақолаҳои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Паёмномаи Академияи миллии илмҳо ва Паёмномаи Пажӯҳиш-гоҳи фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон) нашр мешаванд.

Кор рӯйи рисолаҳои номзадии Саъдулло Каримзода "Фалак ва хусусиятҳои суннатии амалии он", Шаҳноз Олимова "Рушди жанри сонатаи фортепианоӣ дар мусиқии композитории Тоҷикистон", рисолаи доктории Х.Қ. Камолова дар мавзуи "Таҳлили муқоисавии ахлоқи сиёсии ислом ва зардуштия", рисолаҳои номзадии Баҳодур Давлатзода таҳти унвони "Хордофонҳои миллии тоҷикӣ дар низоми ансамблӣ-оркестрӣ", Рамзия Ҷӯраева дар мавзӯи "Мафҳуми хушбахтӣ дар фарҳанги забонии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" идома ёфта истодааст.

Рисолаи номзадии Лутфулло Шарифзода дар мавзуи "Арзишҳои илмӣ ва адабии номаҳои Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзода" дифоъ карда шуд.

Зери роҳбарии номзади илмҳои фалсафа С.С.Сафаров ду нафар унвонҷӯ – Ҳайбатулло Шодиев ва Икром Шарипов рисолаҳои номзадии худро дар бахши сиёсатшиносӣ барои ҳимоя омода карда истодаанд.

Ҳамкориҳои пурмаҳсули байни Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов бо академияҳо ва дигар қонсерваторияҳои хориҷӣ баҳри рушди ҳамкориҳои эҷодиву илмӣ ба такмили фаъолияти магистратура ва докторантура мусоидат менамоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии магистрантон, аспирантон ва докторантон бо назардошти талаботи замони муосир дар самтҳои зерин татбиқ карда мешаванд:

- кафедраҳои назариявии консерватория (таърих ва назарияи мусиқӣ, фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарӣ) дар асоси мавзуъҳои илмӣ-таҳқиқотии тасдиқшуда ҳамасола кор бурда истодаанд, ки натиҷаҳои он дар конференсияҳои илмӣ баррасӣ ва муҳокима мешаванд;
- аз ҷониби олимон рисолаи докторӣ ва номзадӣ дар соҳаи санъатшиносӣ ва педагогика дифоъ карда шудаанд, ки натиҷаҳои онҳо барои пешбурди пажӯҳиши соҳаи санъати мусиқии касбӣ, фаъолияти таҳсилотӣ дар муассисаҳои таълимии соҳа ва педагогикаи мусиқӣ аҳаммияти калони амалӣ доранд;
- тӯли панҷ сол (2016-2020) профессорону омӯзгорони консерватория аз рӯйи лоиҳаи «Коркарди илмӣ ва банизомдарории масъалаҳои назариявӣ, таърихӣ ва методологии таълимоти мусиқӣ дар Тоҷикистон» (роҳбар ва муаллифи лоиҳа, профессор Ф.А.Азизӣ) кору фаъолият карданд, ки дар натиҷаи он барномаҳои таҳсилотӣ, дастурҳои методӣ, китобҳои дарсӣ таҳия гардида, маводи нави таълим барои системаи таҳсилоти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дорад. Дар таҳқиқи ин мавзӯи лоиҳа баъзе магистрантон низ ҷалб гардидаанд;
- аксарияти профессорону омӯзгорони консерватория, ки роҳбарии магистрантон ва докторантонро ба уҳда доранд, муаллифони семинарҳои махсус, курсҳои лексионӣ буда, инчунин дар раванди таълими таҷрибаи омӯзгориашон усули анъанавии устод-шогирдро татбиқ мегардонанд;

- объектҳои таҳқиқшаванда ба раванди таълим дар асоси нақшаҳо ва барномаҳои таълимие, ки аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд, ҳамчун фанҳои алоҳида ҷорӣ гардидаанд;
- натиҷаҳои таҳқиқоти магистрантон, аспирантон, унвонҷӯён ва докторантони консерватория дар конференсияҳои назариявӣ ва амалӣ тавассути гузоришу маърӯзаҳо амалӣ мешаванд;
- аз рӯйи натиҷаи онҳо ба конференсияҳо гузоришу маърӯзаҳои пешниҳод ва маводи илмӣ-методӣ ба нашр расонида мешавад.

Айни замон барои дифои рисолаҳои диссертатсионии докторантон ва аспирантону унвонҷӯён дар консерватория масъалаи таъсиси Шурои муштараки диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисосҳои санъати мусиқӣ ва санъати тасвирӣ баррасӣ шуда, кор дар ин самт идома дорад. Бастаи ҳуҷҷатҳо ба Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ва иҷозатдиҳӣ пешниҳод шудааст.

## Барномаҳои таълимии тахассусӣ ва коркарди онҳо дар консерватория

*Воҳид Мирзоев,*
*сардори раёсати таълим*

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ Стандарти давлатии таълимии ихтисосҳо мавҷуд аст, ки он аз маҷмӯи талаботи ҳатмӣ барои татбиқи барномаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз рӯи ихтисосҳо иборат аст. Ин стандарт бо қарори Мушовараи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 тасдиқ карда шудааст.

Барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ омӯзиши фанҳои таълимӣ ва иҷрои корҳои ғайриаудиториро дар бар мегирад: фанҳои гуманитарӣ, фанҳои табиию риёзӣ ва иқтисодӣ, фанҳои умумикасбӣ, фанҳои тахассусӣ, таҷрибаомӯзии таълимӣ, омӯзгорӣ, истеҳсолӣ, пешаздипломӣ ва аттестатсияи хатм.

Мавзуъ ва мундариҷаи ҳар як фанни таълимӣ тавре муайян карда мешавад, ки дар он баробари пурра аз худ намудани барномаи таълимии онҳо, сатҳи мустақилнокӣ, қобилият, малакаю маҳорат ва донишҳои назариявии донишҷӯ ташаккул ёбад.

Айни замон низоми таҳсил кредитӣ мебошад. Як кредит дар ҳамаи таҳсилоти олии касбӣ ба 24 соати академӣ баробар мебошад. Як соати академӣ дар низоми кредитии таҳсилот ба 50 дақиқа баробар аст.

Сарбории таълимии солонаи донишҷӯ бо дарназардошти ҳамаи шаклҳои фаъолияти таълимии ӯ дар як соли таҳсил тибқи меъёрҳои муайянгардида барои ҳамаи зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҳаҷми 60 дақиқа муқаррар карда шудааст.

Дар стандарти давлатии таълимии ихтисосҳо соҳаи фаъолияти таҳсилоти олии касбии хатмкунанда, объектҳои фаъолияти касбӣ, намудҳои фаъолияти касбӣ, талабот оид ба фаъолияти касбии хатмкунанда-фаъолияти мусиқӣ-иҷрокунандлагӣ, педагогӣ, ташкилию идоракунӣ, роҳбарии бадеӣ ва коллективи эҷодӣ ва мусиқӣ – маърифатӣ хеле хуб ба қайд гирифта шудааст.

Мақсади асосии барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии санъати мусиқӣ ин баланд бардоштан ва рушд додани қобилиятҳои умумифарҳангӣ ва салоҳияти касбӣ мебошад.

Сабабҳое, ки натиҷаҳои бад медиҳанд:

- мавзӯи дарс кушода дода шуд, вале дар вақти муайяншуда (50 дақиқа) дарс ба охир намерасад;

- на он қадар дуруст муайян шудани вазифаҳои аниқи дарс, нутқи дуруст надоштан;
- маводи мусиқиро хуб донистан ва онро дар дарс бо маҳорати баланд истифода бурдан, вале ирода намерасад, ки диққати донишҷӯро дар доираи муайян нигоҳ дошта, на ҳамеша натиҷаи хуб дар дарс ба даст оварда мешавад;
- супоришҳои хонагӣ, корҳои мустақилонаи донишҷӯ дуруст ба шогирд расонида намешавад, бинобар он вариантҳои гуногуни корҳои мустақилона дар хона супорида шавад;
- мавзӯи дарс кушода дода шуд, вале дар вақти муайяншуда (50 дақиқа) дарс ба охир намерасад;
- на он қадар дуруст муайян шудани вазифаҳои аниқи дарс, нутқи дуруст надоштан;
- маводи мусиқиро хуб донистан ва онро дар дарс бо маҳорати баланд истифода бурдан, вале ирода намерасад, ки диққати донишҷӯро дар доираи муайян нигоҳ дошта, на ҳамеша натиҷаи хуб дар дарс ба даст оварда мешавад;
- супоришҳои хонагӣ, корҳои мустақилонаи донишҷӯ дуруст ба шогирд расонида намешавад, бинобар он вариантҳои гуногуни корҳои мустақилона дар хона супорида шавад.

Дар коркарди барномаҳои таълимии тахассусӣ муҳим аст, ки масъалаҳои зерин ҳал шаванд:

- риояи пайдарпайи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ;
- хусусиятҳои касбӣ, миллӣ, лаёқати таълимгиранда, усулҳои таълим, соҳаи фаъолияти касбӣ, объектҳои фаъолияти касбӣ, намудҳои фаъолияти касбӣ;
- талабот оид ба фаъолияти касбии мусиқӣ-иҷрокунандагӣ, педагогӣ, ташкилию идоракунӣ, роҳбари бадеии коллективи эҷодӣ.

## Се масъала оид ба навиштани рисолаи хатм
### (Як андеша)

*Чоршанбе Ғоибназаров, PhD*

Мақола як масъалаи муҳими методологиро аз таҷрибаи худи муаллиф, ки дар муддати ду сол дар муассисаи таълимӣ бо он сару кор дорад, мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ин масъала то имрӯз бо баъзе паҳлӯҳои он барои ман норавшан боқӣ мондааст, ва дар ин гузориш кӯшиш намудам, то ба таври мухтасар ба баъзе аз ин масъалаҳо ишора намоям, ки шояд барои дигарон, ки барои навиштани кори илмӣ шавқ доранд, кӯмаке шавад.

Инак ду сол мешавад, ки ман ба ҳайси роҳбари илмӣ барои як ё ду нафар хатмкунандагони консерватория барои таҳияи як маводи хаттӣ, ки ҳам бо номи «реферати дипломӣ» ё «рисолаи хатм» маълум аст, кӯмак мекунам.

Мақсади мақолаи банда имрӯз дар атрофи ҳамин маводи хатии илмӣ мебошад. Дар мақола се масъала дида мешавад:

1. дар бораи мафҳумҳои «реферати дипломӣ» ё «рисолаи хатм»;
2. оид ба таҳияи ин маводи хаттӣ;
3. дар бораи сирқати адабӣ /плагиат

**Масъалаи аввал** – оид ба мафҳумҳои «реферати дипломӣ» ва «рисолаи хатм».

Робита ба ин масъала ман «Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро, дар бораи рисолаи хатми донишҷӯёни дараҷаи бакалавр ва мутахассиси муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз 26 январи соли 2018 дар асоси қарори №2/47 тасдиқ шудааст, аз назар гузаронидам ва дар боби аввали он, ки Муқаррароти умумӣ ном дорад, таърифи мафҳуми «рисолаи хатм»-ро ёфтам, ки чунин аст:

3. Рисолаи хатм дар зинаҳои бакалавриат ва мутахассис натиҷаи фаъолияти илмӣ ва таълимию методии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб меравад. Рисолаи хатм - дастоварде мебошад, ки дар он тамоми натиҷаҳои дониши назариявию амалӣ, малакаҳои омӯзиши манбаъҳо, таҳлилу тасниф, қиёсу муқобилгузорӣ, тасдиқу инкор ва хулосаву натиҷагириҳои муаллиф нисбат ба мавзӯи пажӯҳиш инъикос меёбад. Ин шакли фаъолияти илмии донишҷӯ сифатҳои ҳатмии ҷамъбасти натиҷаҳо, таҳлили далелҳо ва мушоҳидаҳои махсусро дар худ таҷассум менамояд.

Дар қисмати 5 ин Низомнома ҳатмӣ будани ин маводи хаттӣ ишора шудааст:

5. Барои хатмкунандагони зинаҳои бакалавриат ва мутахассиси муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба дараҷаи таҳсилот навиштани рисолаи хатм ҳатмӣ мебошад.

Давоми ин Низомнома ба талаботҳои методологӣ ва таҳияи рисолаи хатм, интихоби мавзӯъ, вазифа ва ӯҳдадории роҳбари илмӣ ва донишҷӯ ва ғайра ҷудо шудаанд. Дар ҳеҷ ҷойи ин Низомнома ман мафҳуми «реферати дипломӣ»-ро дучор нашудам.

Хотиррасон мекунем, ки мафҳуми «реферат» аз калимаи лотинии «referre», ки маънояш  гузориш, гузориш)[1] мебошад, яъне  гузориши кӯтоҳ дар мавзӯи мушаххасест, ки маълумотро аз як ё якчанд манбаъ дар бар мегирад.

**Масъалаи дуюм** ин навиштан ва омода намудани рисолаи хатм. Донишҷӯён тибқи низомнома ҳатман рисолаи хатм менависанд. Он дар худ марҳилаҳои гуногун дорад аз оғоз то анҷоми он. Аммо, мутаассифона, дар бештари мавридҳо ин кор тибқи Низомнома амал намегирад ва донишҷӯён, шояд на ҳамаи онҳо, балки баъзе аз нафароне, ки бо корҳои онҳо банда дучор омадам, ҳарф мезанам. Аммо чунин ба назар мерасад, ки дар бештари мавридҳо чунин масъалаҳо вуҷуд доранд. Донишҷӯе, ки бояд рисолаи хатм нависад ҳатман дар давоми ду семестр бояд бо тарзи кор ва методологияи навиштани рисола ошно гардад. Мутаасифона чунин чиз хело кам ба назар мерасад, бо сабабҳои гуногун. Яке аз ин сабабҳои маъмулӣ иштирок накардани донишҷӯ ба дарсҳои устод. Дуюм бештари донишҷӯён таҷрибаи навиштани кори хаттӣ надоранд, чаро, ки дар консерваторияи миллӣ онҳо бештар таваҷҷуҳашонро ба иҷроиш, яъне навозандагӣ ва сароядагӣ диққат медиҳанд. Аммо навиштани як рисолаи хатм, ки як намуди кори илмӣ ба ҳисоб меравад, аз донишҷӯ талаб менамояд, вай бояд дар атрофи мавзуъаш маводи илмӣ мутолиа намояд. Бе мутолиаи сарчашмаҳои илмӣ навиштани як саҳифаи кори илмӣ низ мушкилоти худашро дорад. Бинобар ин аксари донишҷӯён рисолаи хатмашонро ҳудашон наменависанд ва маҷбур мешаванд, ки ба ин ё он нафари дигар мурочиат намоянд то рисолаашонро омода намоянд. Ин амал, мутаассифона, имрӯз ба анъана даромадааст, ва ин як фоҷиа аст ва оҳиста- оҳиста ба рукуди илм дар ҷомеа, бахусус дар илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ, оварда мерасонад.

Ва ин гуфтаҳо моро ба **масъалаи сеюм** меоварад, ки он як масъалаи муҳими дигар аст: «сарқати адабӣ» ё плагиат. Чун донишҷӯ аз ӯҳдаи навиштани рисола набаромада, онро ба нафари дигар медиҳад ва он кас сарчашмаҳои илмиро пайдо намуда, дар бештари мавриди аз ин ё он сарчашма айнан рубардор намуда, барои донишҷӯ месупорад. Донишҷӯ то ҳатто он рисоларо намехонад, ки дар он чӣ навишта шудааст ва барои ба даст овардани баҳо рисолаашро ба муассисаи таълимӣ месупорад. Ман чанде аз рисолаҳои хатм, ки бештарашон бо унвони «реферати дипломӣ» дар бойгонии консерватория маҳфузанд, аз назар гузарондам, бахусус навиштаҳои факултаи мусиққии суннатӣ.

Рисолаҳое, ки дар бораи жанри Шашмақом ва Фалак навишта шудаанд, бештари сарсуханҳо аз китоби Аслиддин Низомов «Таърихи мусиқии тоҷик» ва аз китоби Наим Ҳакимов «Шашмақом дар қарни XX» ва дигар китобу сарчашмаҳо ба забони тоҷикӣ, ки дар интернет мавҷуданд, бидуни ишора ба корҳои муаллиф, айнан рубардор намуда шудаанд, ки ҳам аз ҷиҳати илмӣ ва ҳам аз ҷиҳати ахлоқӣ кори нохушоянд мебошад.

Бинобар барои беҳтар намудани сифати кори илмӣ дар консераватория банда пешниҳод мекунам:

- мавзуҳои рисолаи дипломӣ бо шавку хоҳиши донишҷӯ интихоб шавад;
- рисолаи хатм фақат ба донишҷӯе супорида шавад, ки хоҳиши навиштани кори илмиро дошта бошад;
- агар тибқи талаботи Вазорати маориф ва илми ҶТ барои ҳамаи донишҷӯ бошад, пас бояд аз соли якум то соли чорум муаллимони ихтисос ҳамасола ба донишҷӯ як-ду саҳифа кори хаттӣ супоранд, то донишҷӯ фикрашро дар атрофи ихтисоси худ хуб навишта тавонад ва то соли чорум аллакай малакаи фикр кардан ва ба таври таври хаттӣ ё шифоҳӣ баён кардани фикрашро пайдо кунад;
- ё барои донишҷӯёни курсҳои 3-4 дарси методикаи навиштани рисолаи хатм ва кор бо сарчашмаҳои илмӣ ҷорӣ шавад, то донишҷӯ малакаи мустақилона кор карданро ёд бигирад;
- чун донишҷӯи консерватория бештар ба иҷроиш диққат медиҳад, беҳтар мешуд ба ҷойи навиштани рисолаи хатм ба онҳо 5 ё 6 асари мушкилро пешниҳод намоянд, то дар тули 1 сол ин 6 асарро аз худ намояд ва мутахассиси хуб шавад.

## Таҷлили Рӯзи Фалак – ҷашн дар консерватория

*Саъдулло Каримзода*
*ноиби ректор оид ба таълим, дотсент*

Дар арафаи Рӯзи Фалак Консерваторияро фазои хоссае фаро мегирад. Фалак ҳамчун жанри мақомоти кӯҳистони тоҷик дар давраи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон пазируфта шуда аст. Аҳли Консерватория хуб дарк мекунад, ки ҳифз кардан, зери сиёсати фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол рушд додани ин падидаи волои мусиқии миллӣ, мутобиқ кардани Фалак ба талаботи ибтидои асри ХХ1 – ҳама бар дӯши Консерваторияи миллӣ аст. Чунки он ягона мактаби олии мусиқӣ аст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷашни “Рӯзи Фалак” дар соли ҷорӣ аз он ҷиҳат рамзист, ки баъди воридшавии Фалак ба рӯйхати арзишҳои маънавии башариаят нахустин бор гузашта истодааст. Аҳли устодону донишҷӯёни Консерватория мефахранду меболанд. Аз он, ки маҳсули маънавиёти тоҷик, тафаккури мусиқии кӯҳистони тоҷик аз тарафи тамоми башарият ҳамчун намунаи олии тафккури бадеӣ базируфта шуд. Ба даст овардани чунин ифтихормандӣ қабл аз ҳама ташаббус ва амалҳои дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Ин аст, ки ҳамасола ҷашнгирии Рӯзи Фалак аз изҳори самимӣ ва миннатдории аҳли Консерватория ба Ҷаноби олӣ оғоз мегардад. Мо ифтихор аз он мекунем, ки дар мамлакати мо, сарвари маҳбуби мо чунин ҷашни парастиши маънавиётро таҷлил кардааст. Агар солҳои аввал Консерватория Рӯзи Фалакро бо барномаҳои консертӣ истиқбол мегирифт, солҳои охир мекӯшад, ки бо таълифи китоби нав барномаи пуршукӯҳи консертӣ, дарсҳои кушод, натиҷагирии экспедитсияҳо ва дигар коркардҳои таълимӣ-методӣ ба ҷашнгирии ин иди мусиқӣ бирасад.

Рӯзҳои 6-7 октябри соли 2022 дар Толори калони Консерваторияи миллӣ ду барномаи консертии донишҷӯён бахшида ба Рӯзи Фалак баргузор гардид.



Ҷашнвораро ректори Консерватория, профессор Достизода М. ҳусни оғоз бахшид. Дар суханронии худ оид ба иҷрои нақшаи мушаххаси Консерватория бахшида ба Рӯзи Фалак натиҷагирӣ намуда, ҷараёни таълимро дар факултети мусиқии суннатӣ таҳлил карда, оид ба ворид кардани методикаи хоссаи фалакхонӣ устод-шогирд дастовардҳои Консерваторияро қайд намуд.

Дар рафти ҷашн инчунин рӯнамои китоби нав "*Экспедитсияи мусиқӣ-этнографӣ: таҷрибаи омӯзишӣ ва амалӣ*"- и муаллифон Азизӣ Ф. А., Каримзода С. С., Бурҳонов М., Лутфишоев Қ., Алиев М. ки дар арафаи ин иди пуршукӯҳ аз чоп баромад, таҷлил гардид. Хусусияти ин китоб дар он аст, ки он дар асоси экспедитсияи омӯзгорони Консерватория таҳия гардида аст. Ин экспедитсия тобистони соли 2017 дар ҳайати Каримзода С. С., Бурҳонов М., Лутфишоев Қ., Алиев М. ба минтақаҳои Кулоб ва Бадахшон ба амал оварда шуда буд. Хусусияти ин экспедитсия дар он аст, ки он барои ҷамоварии намунаҳои Фалак ва бақайдгирии устодон-фалакхонон дар ин маҳалҳо равона карда шуда буд. Дар натиҷа ин гурӯҳи илмӣ-пажӯҳишӣ 17 соат мусиқиро аз 60 устодон-фалакхонони маҳаллӣ сабт карда, ба фонди аудиоии китобхонаи электронии Консерватория супорид. Моҳи апрели соли 2018 дар семинари илмӣ-методии Консерватория натиҷаи ин экспедитсия муҳокима гардид. Албатта банотагирии ин маводи бузургҳаҷми ҷамовардашуда дар нақшаи ояндаи наздики Консерватория даровarда шудааст. Имрӯз китобе, ки рӯнамо гардида истодааст санадҳои раҳнамунии гузаронидани экспедитсияро дар бар мегирад. Арзишмандии китобро маълумоти дақиқ оид ба ҳар як устод-фалакхони минтақаҳои Кулоб ва Бадахшон фузунтар мегардонад, қайд кард доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор Ф. А. Азизӣ дар баромади худ.



Силсилабарномаи ҷашнӣ аз ду бахш – барномаи консертии фалаки овозӣ (6 октябр, соати 15.00) ва барномаи консертии фалаки созӣ (7 октябр, соати 11.00) иборат буд. Дар консерти рӯзи якум ва дуюм донишҷӯёни курсҳои 1, 2, 3, 4, Суннатулло Сангов, Абдусамад Эшонзода, Ёқубҷон Балаҷонов, Манучеҳр Намозов, Таманно Гулмамадова, Ҷамшед Азиззода, Сафарбек Раҷабов, Фотима Назаралиева, Неъматулло Саидзода, Сафарбек Раҷабов, Абдусамад Эшонзода, Наврӯз Бердов, Мунис Борониев, Абдунабӣ Юсуфзода, омӯзгорон Қурбон Давлатов, Фирдавс Сайдализода, Раҳмонов Алишер, Зиёев Муҳаммад, Одиназода Солеҳ, Одинаев Давлаталӣ Ҷонибек Сатторзода, ансамбли сарояндагон (роҳбар Манучеҳр Бурҳонов) ва ансамбли мутрибон (роҳбарон Сабзалӣ

Сайдалиев, Абдураҳмон Матхолов)  фалакҳои яккисмаву силсилавиро дар сатҳи баланди касбӣ иҷро намуданд.















Ёдовар мешавем, ки донишҷӯи курси 3 Назаралиева Фотима (шогирди Каримзода С. С.) қисмҳои силсилаи Фалак-Мадҳияро бар матни Истиқлол иҷро намуд, ки аз тарафи шунавандагон хуб пазируфта шуд.

Хурсандиовар аст, ки барномаҳои консертӣ доираи жанрии Фалакро хеле васеъ нишон доданд. Дар он шаклҳои яккахонӣ, якканавозӣ услуби камеравӣ (ҳуҷрабазмӣ)-и фалаки кулобӣ ва фалаки помирӣ дар баробари шаклҳои нави иҷрои консертии Фалак (дар ҳайати ансамблҳои бузург) ба самъи шунавандагон пешниҳод гардиданд.

Дар таҳия ва банду басти барнома ноиби ректор оид ба таълим Каримзода С. С., декани факултети мусиқии суннатии тоҷик Манучеҳр Бурҳонов, мудири кафедраи мутрибони анъанавӣ Қурбон Давлатов ва омӯзгори калон Фаридуни Ҳотам саҳми назаррас гузоштанд.



Дар фарҷоми ҷанвораи Рӯзи Фалак барномаи пешниҳодгардида аз тарафи устодон ва донишҷӯёни Косерватория натиҷагирӣ карда шуд. Онро ректори Косерватория бо баромади хулосавии худ бо ибрози пешниҳодҳо ва изҳори миннатдорӣ ба иштирокчиён ва роҳбарони барнома ба анҷом расонид.

## Наврӯзи консерватория

*Эмомалӣ Абдуллозода,*
*омӯзгор*

Имсол Наврӯзи эҳёгару хушқадам бо шукӯҳу шаҳомати хоси худ ба сарзамини зебоманзару биҳиштосои мо, тоҷикон бо пайки шодию сурур, муждаи оғози зиндагии тоза, бо навпардозиҳои худ ворид гардид, ки ин ҳама ба дилҳо умеди навро барои зиндагию созандагӣ меоварад.

Боиси ифтихори мост, ки сентябри соли 2009 Наврӯз ба Феҳристи осори фарҳангии маънавии башариятдар созмони ЮНЕСКО шомил шуд ва аз соли 2010 Рӯзи байналмилалии Наврӯз эълон гардид. Ин аст, ки ҳамасола санаи 21-уми март ҷашни Наврӯз мардумони кишварҳои гуногун қайд мекунанд.

Бо шарофати сиёсати Тоҷикистони соҳибистиқлол ва кӯшишҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва мардуми сарбаланди тоҷик ҷашни байналмилалии Наврӯз дар ватани маҳбуб

дар фазои сулҳу субот, оромию осудагӣ ва ваҳдати комили миллӣ истиқбол гирифта мешавад.

Наврӯз яке аз ҷашнҳои қадим ва бузурги халқи тоҷик ҳарсол дар саросари кишвари азизамон, шаҳру ноҳияҳо, муассисаю ташкилот, корхонаву идораҳои давлатӣ, маҳаллаву ҷамоатҳо бо сарфарозӣ таҷлил мегардад.

Дар Консеваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов низ ҳамасола ин ҷашни созандагӣ бо як самимият, бо шодиву хурсандӣ ҷашн гирифта мешавад.

Имсол истиқболи Наврӯз аз рӯи барномаи қаблан коркардшуда 19-уми март гузаронида шуд.

Дар назди даромадгоҳ омӯзгорону донишҷӯён бо садои карнаю сурнай ба рақсу бозӣ ҷашнвораро оғоз намуданд.




Сониян, ҳозирин ба тамошои рӯзномаҳои деворӣ ва дастархонҳои наврӯзӣ, ки аз ҷониби факултетҳову шуъбаҳои Консерватория омода карда шуд, гузаштанд.

Яке аз анъанаҳои наврӯзи Консерватория озмуни хони наврӯзӣ аст. Аз ҷониби омӯзгорону донишҷӯён дастархони наврӯзӣ бо риояи ҳафтсину ҳафтшин ороста мешавад.

Инчунин, дар назди хони наврӯзӣ савту навоҳои дилнишин менавозанд.

Ҳар як факултет бо суруду рақс тамошобинон ва аъзоёни ҳакамонро пешвоз мегирад.

Дар озмуни дастархони наврӯзӣ ҷойи якум ба факултети иҷрокунандагӣ дода шуд.



Ҷойи дуюм ба факултети мусиқии суннатии тоҷик




Ҷойи сеюм сазовори факултети санъати мусиқии эстрадӣ гардид



Ҳамасола бахшида ба ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ озмунҳои дигар низ, аз қабили мусобиқаҳои варзишӣ, газетаи деворӣ, «Гулдухтарони тоҷик», қироати беҳтарини шеър, «Хонаи беҳтарин» (дар хобгоҳи донишҷӯён) гузаронида мешаванд.

Ба истиснои озмунҳои дастархони наврӯзӣ ва рӯзномаи деворӣ, ки рӯзи таҷлили Наврӯз мегузаранд,озмунҳои дигар аз ҷониби ҳайати комиссияҳо як ҳафта пеш аз ин маҳфили идона гузаронида шуда, ғолибон муайян мешаванд.

Ба озмуни газетаи деворӣ ҳамагӣ 12 газета пешниҳод гардид. Онҳо аз тарафи донишҷӯён кашида шуда буданд, ки ин малакаи рассомии донишҷуёнро нишон медиҳад.

Мазмуни газетаҳои деворӣ ба мусиқӣ ва Наврӯз бахшида шудаанд.Аз ҷониби комиссия ҷойи якум ба факултети мусиқии суннатии тоҷик (бо пешниҳоди шаш газетаи деворӣ)лоиқ дониста шуд












Ҷойи дуюм ба факултети санъати мусиқии эстрадӣ (бо пешниҳоди ду газетаи деворӣ):




Ҷойи сеюм ба факултети иҷрокунандагӣ (чаҳор газетаи деворӣ) расид.










Дар озмуни «Гулдухтарони тоҷик» донишҷӯёни Консерватория иштирок намуданд.

Тибқи талаботи ин озмун духтарон маҳорати тайёр кардани хӯроки миллӣ ва хӯришро бояд нишон диҳанд.

Ҳар кадоми онҳо дар тан куртаву зеварҳои миллӣ доштанд.

Тибқи шарти озмуни «Гулдухтарони тоҷик» ҷойи якум ба «Маликаи сол», ҷойи дуввум - ба «Баҳор» ва ҷойи сеюм ба «Маликаи Наврӯз» дода мешавад.

Хулосаи доварон чунин буд, ки «Маликаи сол» ба донишҷӯи курси 3-юми факултети санъати мусиқии эстрадӣ Самиева Сарвиноз, унвони «Баҳор» ба донишҷӯи курси 1-уми факултети иҷрокунандагӣ Одинаева Басонат ва номи «Маликаи Наврӯз»ба донишҷӯи курси 1-уми факултети иҷрокунандагӣ Мирзоева Дилноза дода шавад.





Яке аз озмунҳои дигари Наврӯзи Консерватория ҳамасола озмуни қироати шеър аст.

Дар васфи Наврӯз донишҷӯён аз ашъори шоирони классик ва муосир шеърҳо қироат менамоянд.

Шеърхонии онҳо хеле дилрабо ва таъсирбахш аст.

Имсол дар ин озмун 14 нафар иштирок кард, аз ҷумла аз факултети иҷрокунандагӣ 6 кас ва аз факултети мусиқии суннатии тоҷик 8 кас. Аз миёни донишҷӯён се нафар «Шеърхони беҳтарин» интихоб гардиданд: ҷойи якумро донишҷӯи курси 1-уми факултети иҷрокунандагӣ Одинаева Басонат, ҷойи дуюм ба донишҷӯи курси 1-уми факултети

мусиқии суннатии тоҷик Мирзоева Руҳмана ва ҷойи сеюм насиби донишҷӯи курси 1-уми факултети мусиқии суннатии тоҷик Шокирова Муҳиба гардид.



Озмуни навбатӣ зери унвони «Хонаи беҳтарин» дар хобгоҳ гузаронида мешавад.Ҳайати доварон ду-се бор ба хобгоҳ рафта, хонаҳоро аз назар гузарониданд. Баъди тафтиши бори сеюм ба хулосае омаданд, ки ҷойи якум ба хонаи донишҷӯёнифакултети мусиқии суннатии тоҷик Сайфуллоева Парвина ва Назаралиева Фотима ва ҷойи дуюм ба донишҷӯёни курси 2-юми факултети мусиқии суннатии тоҷик Шарифов Саидҷаъфар ва Азизода Ҷамшед дода шавад.

Мусобиқаи варзишӣ яке аз озмуни шавқмандтарин мебошад. Дар он қариб ҳамаи донишҷӯён иштирок мекунанд. Дар озмуни навбатӣ мусобиқа аз рӯи ду намуди варзиш – тенниси рӯйи миз ва шашка гузаронида шуд.

Доварон дар мусобиқаи теннис ҷойи якумро ба донишҷӯи курси 4-ум факултети мусиқии суннатии тоҷик Қодиров Адҳамбек, ҷойи дуюмро ба донишҷӯи курси 2-юми факултети иҷрокунандагӣ Ҳоҷиев Муҳаммад лоиқ донистанд.



Дар мусобиқаи варзишии шашка бошад,ҷойи якум ба донишҷӯи курси 2-юми факултети мусиқии суннатии тоҷик Тошхӯҷаев Мустафохӯҷа, ҷойи дуюм ба донишҷӯи курси 3-юми факултети мусиқии суннатии тоҷик Насруддинов Диловар насиб гардид.



Хусусияти ҷашни наврӯзии имсола дар он низ буд, ки дар арафаи он озмуни «Иҷрокунандаи беҳтарин» гузаронида шуд.

Аввалин бор ин озмун дар солҳои таъсисёбии Консерватория бо ташаббуси нахустректори ин мактаби олӣ композитори маъруф, профессор Талабхӯҷа Сатторов таҷлил гардидааст.

Мақсади ин озмун аз ибтидо ба баланд бардоштани маҳорати касбии донишҷӯён равона карда шудааст.

Дар озмуни навбатӣ ба Файзализода Марҳабо (скрипка), Борониев Мунис (ғиҷак), Назаралиева Фотима (Фалак), Тошхӯҷаев Мустафохӯҷа (Шашмақом), Бойматов Шерзод (ғиҷак), Турсунбоев Ромиш (сарояндаи эстрадӣ) ҷойи якум дода шуд.

Ҷойи дуюмро ба Толибова Фараҳноз (фортепиано), Ниёзов Меҳровар (сарояндаи академӣ), Пиров Акбаршоҳ (рубоб), Баротов Меҳроб (Фалак), Маҳмудова Моҳина (Шашмақом), Абдуллоева Нигорабону (дутори парда), Ниёзов Суннатуллои (гитара), Ниёзов Ҷаҳонгир (сарояндаи эстрадӣ) сазовор донистанд.

Унвони барандаи ҷойи сеюм насиби Абдуллоева Манижа (скрипка), Саидзода Ғолибшоҳ (сарояндаи академӣ), Бунёдов Сано (ғиҷак), Исматзода Саидмӯъмин (Фалак), Қодиров Алҳам (Шашмақом), Мавлонзода Ҳалимҷон (танбӯр), Пиров Амрулло (саксофон) гардид.

Ҷоизаи баландтарини озмун Шоҳҷоиза аст. Онро доварон барои иҷрои асарҳои «Мухаммаси Баёт» (мақоми Наво) ва «Таманно» (оҳанги Муҳаммадҷон Муртазоев) ба рубобчӣ Ҷалилов Ҷавоҳир сазовор донистанд.

Ҷашнвораи наврӯзӣ бо барномаи консертии идона ҷамъбаст мешавад. Бинобар ин, роҳбарияти Консерватория, омӯзгорону донишҷӯён, меҳмонон барои тамошои барномаи консертӣ ба толори калон ворид гардиданд.

Дар толор пеш аз консерт ректор Миралӣ Достизода ва муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Манучеҳр Шарифзода бо суханони табрикотӣ ҳамаро муборакбод карданд.

Сониян, маҳфили ҷоизасупорӣ оғоз гардид.

Ба ғолибони озмунҳои наврӯзӣ ва озмуни «Иҷрокунандаи беҳтарин», инчунин, ба 25 нафар устодони собиқадори муассиса, ки дар таълиму тарбияи донишҷӯён саҳми арзандаи хешро гузоштаанд, сипосномаҳо дода шуд.



Сипас, барномаи консертӣ оғоз гардид. Он хеле рангину ҷаззоб буда, асарҳои беҳтаринро дарбар гирифт.

Дар барнома «Наврӯзи Аҷам» (мақоми Сегоҳ) дар иҷрои ансамбли навозандагони анъанавӣ (роҳбар Орипов Солеҳ), суруди «Наврӯз» (шеъри А. Ҷӯразод, оҳанги А. Ҳасанов) дар иҷрои донишҷӯи курси 3-юми шуъбаи сароянлагии анъанавӣ Ғайрат Пулотов, суруди «Сарзамини Гулбасар» (шеъри Камол Насрулло, оҳанги Х. Иброҳимзода) дар иҷрои ансамбли сароянлагони анъанавӣ, суруди «Омад баҳори ҷонҳо» (ғазали Ҷалолиддини Балхӣ, оҳанги Давлатманд Холов) дар иҷрои донишҷӯи курси 2-юми шуъбаи сароянлагии анъанавӣ Неъматулло Саидзода, суруди «Наврӯз» (шеър ва оҳанги халқӣ) дар иҷрои донишҷӯи курси 2-юми шуъбаи сароянлагии анъанавӣ Назаралиева Фотима, суруди «Суманак» (шеъри халқӣ, оҳанги А. Раҳимов) дар иҷрои донишҷӯёни шуъбаи сароянлагии анъанавӣ Шаҳноза Шоева ва Таманно Гулмамадова хеле дилнишин иҷро гардиданд.

Дар барнома донишҷӯён Одинаева Басонат (курси 1-уми факултети иҷрокунандагӣ), Мирзоева Руҳмана (курси 1-уми факултети мусиқии суннатии тоҷик), Муродзода Хайрулло (курси 1-уми факултети санъати мусиқии эстрадӣ) ва Мирзоева Дилноза (курси 1-уми факултети иҷрокунандагӣ) бо шеърхонӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ баромад карданд. Шеърхонии ин донишҷӯён аз забондонии баланди онҳо шаҳодат медиҳад. Барномаи консертӣ бо суруди «Бӯи баҳор мерасад» (шеъри Бозор Собир, оҳанги Саидқул Билол) дар иҷрои ансамбли шуъбаи сароянлагии анъанавӣ ба анҷом расид.

Баъд аз консерт донишҷӯён ва устодони Консерватория ҷашнгирии Наврӯзро бо оҳангҳои зебо ва рақсҳои миллӣ идома дода, хурсандӣ карданд.

Гузаронидани ҷашни Наврӯз рӯҳи донишҷӯёнро баланд мебардорад, ифтихормандӣ аз миллати худро меафзояд.

Он имкон медиҳад, ки ҳама бо илҳоми нав ба таътили наврӯзӣ равад, то ки идомаи ҷашнро бо хонавода дар маҳали зисти худ гузаронад. Наврӯзи созанда муборак бод, дӯстони азиз!

## Аз таърихи озмуни «Иҷрокунандаи беҳтарин»

*Фархунда Олимӣ, омӯзгор*

Озмуни Иҷрокунандаи беҳтарин яке аз озмунҳои дохилии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов ба шумор меравад. Он аз соли 2003 инҷониб дар консерватория бо як тартибу низоми муайян баргузор мегардад.

Озмуни дохилии консерватория зери унвони Иҷрокунандаи беҳтарин ва бо пешниҳоди ректори аввалини ин мактаби олии мусиқӣ Арбоби ҳунари Ҷумҳурии Тоҷикистон, композитор, профессор Талаб-хӯҷа Сатторов тавсиф дода шуда буд. Омили ин иқдом он буд, ки вазифаи асосии консерватория ҳамчун шиор бори дигар садо диҳад.

Озмуни мазкур бахри баланд бардош-тани маҳорату малакаи иҷрокунандагии донишҷӯён ва тарғибу ташвиқи мусиқии касбию суннатӣ таҷлил гардид. Ин озмун то соли 2009 ҳама сола моҳи декабр ва баъдан дар ду сол як маротиба гузаронида мешавад.

Озмуни Иҷрокунандаи беҳтарин дар ду давр ва нӯҳ номинатсия гузаронида мешавад:

1. Фортепиано
2. Созҳои оркестрӣ
3. Сарояндаи академӣ
4. Созҳои халқӣ
5. Сарояндагии анъанавӣ (Шашма-қом)
6. Сарояндагии анъанавӣ (Фалак)
7. Навозандаи анъанавӣ
8. Сарояндагии эстрадӣ
9. Навозандагии эстрадӣ

Даври якуми озмун дар дохили кафедраҳои тахассусӣ баргузор гашта, шумораи иштирокчиён бемаҳдуд аст. Ҳайати комиссияи даври якум аз теъдоди омӯзгорони кафедраҳои тахассусӣ интихоб мегардад. Иштирокчиён аз даври якум ба даври дуюм роҳхат ёфта, дар назди комиссияи махсусе, ки аз ҷониби худи муассиса интихоб ва тасдиқ мешавад, ҳунару маҳорати худро нишон медиҳанд. Ғолибони даври дуюмро ҳайати ҳакамон муайн мекунад. Барои дар сатҳи баланди касбӣ баргузор намудани озмуни Иҷроку-нандаи беҳтарин дар даври ҷамъбастӣ ба ҳайати ҳакамони номинатсионӣ, иборат аз 3-5 нафар мутахассисони барҷастаи соҳа ба ҳайси раис ва аъзоён таъйин карда мешаванд. Тибқи низомномаи озмун дар тамоми номинатсияҳо раиси ҳакамон як нафар ва аъзоёни ҳакамон бошад, вобаста ба номинатсияҳо интихоб мегарданд. Тартиби баромад дар даври хотимавӣ танҳо тавассути қуръапартоӣ аст ва дар ягон маврид тағийр дода намешавад. Ғолибони даври дуюми озмуни мазкур бо ҷоизаҳои қадрдонӣ карда мешаванд: ҷойи сеюм, ҷойи дуюм, ҷойи якум ва Шоҳҷоиза.

Тибқи низомномаи озмун истифодаи фонограмма аз ҷониби иштирокчиён қатъиян манъ аст. Ҳамчунин шахсоне, ки лауреати озмунҳои байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ гаштаанд, дар озмуни мазкур танҳо бо барномаи куллан нав иштирок карда метавонанд.

Раисии ҳакамони озмуни “Иҷро-кунандаи беҳтарин”-ро то соли 2009 шах-сиятҳои намоёни мусиқии касбии ҷумҳурӣ Берон Меробов (дирижёр), Абдуфатоҳ Одинаев (композитор), Зарина Миршакар (композитор), Қудратулло Яҳёев (компо-зитор), Зокир Нишонов (дирижёр, композитор) ба ӯҳда доштанд. Дар байни лауреатҳо ҷойи якумро – Сангинов Маҳмуд (скрипка), Галиахметова Азалия (скрипка), ҷойи дуюмро – Канзафарова Марина (фортепиано), ҷойи сеюмро – Пряделников Артём (скрипка) ишғол намуданд.

Соли 2009 озмуни ҳафтуми “Иҷроку-нандаи беҳтарин” баргузор гардид.

Дар даври дуюм ҳар як иштирок-кунанда ба муддати 15-20 дақиқа барномае иборат аз се асар пешниҳод намуд, ки якеи он мебояд ҳатман аз асарҳои компо-зиторони тоҷик мебуд. Иштирокчиёнро аз рӯи тартиби 20-балла баҳо доданд. Ҳайати ҳакамони озмуни соли 2009 ба ухдаи шахсони зерин гузошта шуда буд:

Зокир Нишонов (композитор) раиси ҳакамон;
Хайрулло Латипов (профессор, овозхони академӣ) аъзо;
Алмос Абдуллоев (дотсент) аъзо;
Эргаш Азизов (дотсент) аъзо;
Виктория Латипова (омӯзгори калон);
Сергей Дурмишев (дотсент);
Сироҷиддин Ҷӯраев (омӯзгор).

Аз байни тамоми иштирокчиёни озмуни ҳафтум ба даври дуюм ҳамагӣ 40 нафар роҳхат ёфт. Аз шумораи онҳо донишҷӯёни зерин сазовори ҷойҳои намоён гардид: Каримов Шаҳбоз (кларнет, ҷойи якум), Бобиев Сангинмурод (флейта, ҷойи дуюм), Орипов Собир (фортепиано, ҷойи сеюм). Далери Исматулло (сарояндагии академӣ, ҷойи якум), Раҳмонов Манчеҳр (сарояндагии академӣ, ҷойи дуюм), Ризоева Зарина (сарояндагии академӣ, ҷойи сеюм), Эшонов Бахтиёр (сарояндагии академӣ, ҷойи сеюм). Тӯхтаев Абдуғаффор, Шари-пов Ҳусейн (мутрибони анъанавӣ, ҷойи якум), Бобоева Умеда (созҳои халқӣ, ҷойи дуюм), Бобоев Бахтовар (созҳои халқӣ, ҷойи дуюм), Орипов Толибҷон (созҳои халқӣ, ҷойи сеюм). Қодирова Муслима (сарояндагии суннатӣ, ҷойи якум), Расулов Абдусалим (сарояндагии суннатӣ, ҷойи дуюм), Ибодов Қурбоналӣ (сарояндагии суннатӣ, ҷойи дуюм), Satторов Абдураҳ-мон (сарояндагии суннатӣ, ҷойи сеюм), Ситораи Кароматулло (сарояндагии суннатӣ, ҷойи сеюм) ва Мадалиев Худойдод (сарояндагии суннатӣ, ҷойи дуюм). Ҷабборов Ҳусейн (сарояндаи эстрадӣ, ҷойи сеюм), Ҷалолов Сироҷиддин (сарояндаи эстрадӣ, ҷойи сеюм), Ҳусейнов Зокир (сарояндаи эстрадӣ, ҷойи сеюм) ишғол намуданд. Барои ҳавасманд гардонидани консертмейстерон номинатсияи "Консерт-мейстери беҳтарин" мавҷуд буд, ки онро ба Наталия Белинская супориданд. Ҳама лауреатҳои озмун бо мукофотҳои пулӣ ва дипломҳои хотиравӣ қадрдонӣ гардиданд. Консерти ғолибони озмуни "Иҷрокунандаи беҳтарин соли 2009" дар Толори калони консерватория 28-уми декабри соли 2009 баргузор гардид.

Соли 2011 дар озмуни Иҷрокунандаи беҳтарин 57 нафар донишҷӯ иштирок намуда, ба даври дуюми он 37 нафар роҳхат ёфт. Баъди ҷамъбасти озмун 24 нафар ғолибон бо ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм мукофотонида шуданд. Ба ҷойҳои якум Савдаршоева Фарзона, Ғафурова Манижа дар номинатсияи фортепиано, Маҳмудов Фирдавс дар номинатсияи созҳои миллӣ (рубоб), Хуҷастаи Мирзовалӣ номинатсияи овозхони академӣ, Далери Исматулло, Ҳошимов Фирдавс, Ҳайдаров Зоир дар номинатсияи сарояндагони анъанавӣ, Никитина Даря ва Шукуров Абдурозиқ дар номинатсияи санъати эстрада сазовор гардиданд.

Озмуни нуҳуми "Иҷрокунандаи беҳта-рин" соли 2013 ба 60-солагии композитор Талабхӯҷа Сатторов бахшида шуд. Ҳакамон дар озмуни мазкур композитор, Қудратулло Яҳёзода (раис), навозанда Маҳмадкул Давлатов (муовини раис), Арбоби халқии Тоҷикистон, профессор Бурҳон Маҳмадкулов (аъзо), композитор Шӯҳрат Ашӯров (аъзо), пианинонавоз Нигина Обидова (аъзо) таъин гардида буданд. Шумораи лауреатҳо 23 нафарро ташкил кард. Дар байни онҳо: Убайдов Бахтиёр (фортепиано, ҷойи якум), Зиёева Саёҳат (фортепиано, ҷоийи дуюм), Шоҳимардонов Бахтиёр (флейта, ҷойи сеюм), Матхолов Некрӯз (скрипка, ҷойи сеюм), Абдуқаҳоров Шерзод (рубоб, ҷойи якум), Раҳматуллоева Дилноза (чанг, ҷойи дуюм), Санҷари Абдумалик (рубоб-прима, ҷойи дуюм), Раҳмонова Гулбону (чанг, ҷойи сеюм), Ҳайитов Дилшод (най), Амиров Султон (ғиҷҷак), Давлатов Қурбон (сетор), Дадабоев Фарҳод (ғиҷҷак), дар номинатсияи

сарояндагии академӣ Ҳабиб-зода Фирӯз, Меҳрнигори Рустам, Назарова Зуҳро, Абдурафиев Фирӯз, Аҳадов Олим, Дин Жун, Ёдгоров Манучеҳр, Алимар-донов Шуҳрат, Шарипов Самарид-дин, дар номинатсияи сарояндагии анъана-вӣ Умарова Бунафша, дар номинатсияи санъати эстрада Ромизи Парвиз ҷойҳои намоёнро ишғол намуданд.

Соли 2017 озмуни "Иҷрокунандаи беҳтарин" панҷ нафар мутахассисони варзидаи соҳа баргузор шуд. Дар даври аввал шумораи донишҷӯён аз тамоми номинат-сияҳо 51 нафарро ташкил намуд. Дар ин озмун дар номинатсияи фортепиано Мирова Зебуниссо сазовори Шоҳҷоиза гардид, ки нахустин бор дар таърихи консерватория ин ҷоиза супорида шуд. Лауреатҳои ҷойи якуми ин озмун – Рашидов Шараф (рубоб), Зиёдуллоев Абдумалик (ғиҷҷак), Юсуфова Шоҳсанам (сароядагии анъанавӣ), Анваров Ҳикматулло (сароядагии анъанавӣ), Зребунов Некрӯз (сароядагии эстрадӣ); ҷойи дуюм – Назаров Фирӯз (флейта), Бобоев Саидиқбол (най), Валиев Асрор (сароядагии анъанавӣ) ва Тағоев Сорбон (сароядагии эстрадӣ); ҷойи сеюм: Остоноев Фурқат (виолончел), Мирзошарипов Иброҳим (дутор), Ғаффоров Бахтовар (сароядагии анъанавӣ), Вайдуллоев Меҳрулло (форте-пиано), Пирназарова Шарофат (фортепиано), Суннати Алишер (сароядагии эстрадӣ) ва Ҳамрохонов Ҳаётҷон (овозхони академӣ) дониста шуданд.

Соли 2018 озмуни "Иҷрокунандаи беҳтарин" ба 15-солагии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов бахшида шуда буд.



Мукофотсупории Раиси ҳакамон С.Р.Билолов ва ректор Ф.А.Азизӣ ба Наврӯз Бодуров (2018).

Он бо як шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил ёфт. Ба мисли солҳои қаблӣ озмун дар ду давр ва ҳафт номинатсия баргузор гардид. Ҳайати ҳакамон иборат аз 5 нафар дар даври ҷамъбастӣ тибқи ҳар як номинатсия аз ҳисоби мутахассисони варзида таъин шуданд. Раиси ҳакамони даври ҷамъбастии озмун Ҳунарпешаи халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, директори дастаҳои ҳунарии

кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидкул Билолов интихоб шуд.

Ба ҳайати ҳакамони номинатсионӣ бошад, мутахассисони пуртаҷрибаи тахассусӣ ворид шуданд. Шумораи иштирокчиён дар соли 2018 30 нафарро ташкил кард. Лауреатҳои озмун дар ҷойи якум – Солиев Соҳибҷон (зарбӣ), ҷойи дуюм – Ҳазратқулов Шералӣ (навозандагии анъанавӣ, най) ва ҷойи сеюмро Бодуров Наврӯз (сарояндагии анъанавӣ) ишғол намуданд. Донишҷӯён Остонаев Фурқат (виолончел), Ғаффоров Бахтовар (сарояндагии анъанавӣ), Афзалшоҳ Сафарзод (сарояндагии эстрадӣ), Холов Фаёз (созҳои миллӣ), Саидов Саймуддин (созҳои миллӣ), Воҳидов Шоҳрух (сарояндагии академӣ) ва Алибеков Фурқат (мутрибони анъанавӣ) дипломант гардиданд.

Соли 2022 озмуни "Иҷрокунандаи беҳтарин" ба муносибати сазовор пешвоз гирифтани 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Он дар арафаи ҷашни Наврӯз таҷлил ёфт. Даври якуми он аз (14 феврал то 1-уми март) дар дохили кафедраҳои тахассусӣ ва даври дуюм (аз 10-ум то 16-уми март) дар Толори хурди консерватория баргузор гардид. Дар даври якум комиссия аз тарафи деканатҳои факултет ва ҳакамони даври дуюм аз тарафи раёсати консерватория интихоб гардид.

Дар озмуни навбатӣ ба Файзализода Марҳабо (скрипка), Борониев Мунис (ғиҷак), Назаралиева Фотима (Фалак), Тошхуҷаев Мустафохӯҷа (Шашмақом), Бойматов Шерзод (ғиҷак), Турсунбоев Ромиш (сарояндаи эстрадӣ) ҷойи якум дода шуд. Ҷойи дуюмро ба Қурбонмамадова Фараҳноз (фортепиано), Ниёзов Меҳровар (сарояндагии академӣ), Пиров Акбаршо (рубоб), Баротов Меҳроб (Фалак), Маҳмудова Моҳина (Шашмақом), Абдуллоева Нигорабону (дутор), Ниёзов Суннатулло (гитара), Ниёзов Ҷаҳонгир (сарояндагии эстрадӣ), сазовор донистанд. Унвони Лауреати ҷойи сеюм насиби Абдуллоева Манижа (скрипка), Саидзода Ғолибшоҳ (сарояндаи академӣ), Бунёдов Сано (ғиҷак), Исматзода Саидмӯъмин (Фалак), Қодиров Адҳам (Шашмақом), Мавлонзода Ҳалимҷон (танбӯр), Пиров Амрулло (саксофон), Сафарзода Шаҳзод (сарояндагии эстрадӣ) гардид. Шоҳҷоиза соли ҷорӣ насиби донишҷӯи курси 3-юми факултети мусиқии суннатии тоҷик шуъбаи навозандагии анъанавӣ (рубоб) Ҷалилов Ҷавоҳир гардид. Супоридани ҷоизаҳо ба ғолибони озмун 19 март дар Толори калони консерваторияи консерти идонаи Наврӯзӣ амал омад. Барои супоридани ҷоизаҳо муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Шарифзода ҳозир гардид.

Фаъолияти озмуни "Иҷрокунандаи беҳтарин" ба дарёфти ҷавонони болаёқатманди мусиқии касбӣ аз соли 2003 ин ҷониб нақши арзандаи худро бозида истодааст. Бо боварии комил бояд зикр кард, ки ин озмун иқдоми хубест барои боз ҳам баланд бардоштани маҳорати саҳнавии донишҷӯёни соҳаи мусиқии касбӣ-профессионалӣ. Озмуни мазкур донишҷӯёнро водор месозад, ки кӯшишу талошҳои худро барои фатҳ намудани қуллаҳои баланди санъати навозандагиву сарояндагии касбӣ саъйю талош кунанд, то дар оянда ҳамчун санъаткори асили соҳа бахри рушди санъати мусиқии кишвари маҳбубамон Тоҷикистони азиз саҳми босазои худро гузоранд.

ТДУ 792.8 (091) (575.3)

# Театри опера ва балети тоҷик: роҳи тайшуда ва рушди минбаъда

*Миралӣ Достизода,*
*Ҳунарпешаи Халқии Тоҷикистон, ректор*

Аз таърихи фарҳанги Тоҷикистон дар қарни гузашта маълум аст, ки ҳанӯз аввали солҳои сиюми асри бист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санъати мусиқии касбии тоҷик, аз ҷумла санъати театрӣ бо ибтикори як зумра шахсиятҳои фарҳангӣ ва санъатдӯст поягузорӣ шуда тадриҷан рушд ёфт ва дар арсаи собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷаҳон мавриди эътибор қарор гирифт. Шӯҳрати театри тоҷик дар андак муддат хеле боло рафт ва дар байни даҳ театрҳои бонуфузи мамлакат ҷой гирифта буд.

Боиси ифтихор аст, ки дар поягузорӣ ва рушди театр адибон ва устодони санъати асили мусиқии тоҷик М. Турсунзода, З. Шаҳидӣ, А. Деҳотӣ, М. Рабиев, Т. Фозилова, А. Азимова, А. Корох, Л. Кауфман. Е. Прокофев, П. Мирошниченко, Ғ. Валаматзода, С. Баласанян, А. Исломова, А. Протсенко, А Ленский, А. Муллоқандов, М Мӯъминов, А. Камолов, Л. Зоҳидова ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд.

Соли 1929, вақте ки аввалин театри тоҷик дар бинои Хонаи колхозчиён (баъдан дар ин бинои театри драмаи русии ба номи В.Маяковский фаъолият дошт) таъсис ёфт, баъд аз се - чор соли он, аниқтараш, соли 1933 аз Самарқанду Бухоро ва Хуҷанд артистони болаёқат ба пойтахти ҷумҳурӣ, шаҳри Душанбе даъват карда шуда дар таъсиси театри мусиқӣ ва баъдан операи тоҷик асос гузоштанд. Аз як зумра роҳбарони бадеӣ, дирижёрҳо, режисёрҳо, хормейстерҳо, консертмейстерҳо ва дигар мутахассисони пуртаҷриба мутахассисони маҳалӣ таҷрибаи эҷодӣ меомухтанд. Соли 1935 театр ба ду гурӯҳи коллективи эҷодӣ ҷудо карда шуд: театри драма ва театри мусиқӣ ва ин ду театр дар як бино кору фаъолият мекард.

Баъд аз таҳияи якчанд намоишномаҳои мусиқӣ соли 1937 аввалин операи тоҷик “Шӯриши Восеъ” (муаллиф –С.Баласанян, аз руйи либреттои Ғ. Абдулло) , соли 1938 бошад, аввалин балети тоҷик “Гулсара”– и К. Яшин ва М. Муҳаммадов ба саҳна гузошта шуданд.

Барои пурра кардани ҳайати оркестри симфонии театр аз шаҳрҳои Москва, Ленинград, Киев Минск ва дигар шаҳрҳо мусиқичиён дават карда шуданд. Дар натиҷа ҳайати театр пурра гардонида шуда, фаъолияти худро пурзӯр кард. Барои ба саҳна гузоштани асарҳо ва иҷрои нақшҳо ҳам дар асарҳои операвӣ ва ҳам дар балет солистони опера ва балет: Т. Фозилова, Ш. Ҷӯраева, Б. Тураев, Ғ. Валаматзода, А. Камолов, О. Исомова, А. Исҳоқова, М. Қобилов, Л.Зоҳидова, М. Файзибоева, Ҳ. Пасаров, Б. Ҳомидов, С. Хуҷаев, Ҳ. Аҳмадов, А. Бобоева, Р. Толмасов ва дигарон ҳиссаи худро гузоштаанд.

Соли 1941 операи “Коваи Оҳангар”– и С. Баласанян, либреттои А. Лоҳутӣ ва балети “Ду Гул”– и А. Ленский ( басаҳнагузоранда – хореографи маъруфи шӯравӣ К. Голейзовский) ба саҳна гузошта шудаанд. Ин асарҳо дар Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар ш. Москва бомуваффақият намоиш дода шуданд ва дар ҷамъбасти ин маъракаи бузурги фарҳангӣ иддаи хеле зиёди ҳунарман-дони Тоҷикистон бо мукофотҳои давлатӣ ва театри опера ва балет бошад ба мукофоти олии мамлакат - бо ордени Ленин сазовор гардонида шуд. [3; 9 с.66;].

Бояд ёдовар гарид, ки ҳанӯз дар соли 1937 тибқи лоиҳаи олиҷаноб сохтмони бинои нави театр шурӯъ шуд ва он санаи 17 феврали соли 1942 ба истифода дода шуд. Бо ҳамин коллективи театр ба бинои нави замонавӣ кӯчонида шуда, минбаъд фаъолияти

эҷодии худро дар шароити мусоид ва муҳити эҷодӣ давом дод. Имрӯз ҳамагон аз тамошои ин бинои хеле зебо ва мӯҳташам, ки Театри академии опера ва балет дар он фаолият дорад лаззат мебаранд. Аз нуқтаи назари ҳунари меъморӣ ин бино аҳаммияти бузурги эстетикӣ дорад ва ба рӯйхати бузургтарин иншооти мамлакат ворид гардидааст. Коллективи ҳунармандони театр дар муддати зиёда аз 80 сол пайваста асарҳои нав ба навро пешкаши мухлисон-ҳаводорони санъати мусиқии касбӣ гардонида бо ҳамин дар тарбияи ватандӯстӣ, эстетикӣ ва дастрас шудани мардум ба шоҳасарҳои ҷаҳонӣ саҳми хеле назаррас гузоштаанд.

Ёдовар мегардем, ки дар замони солҳои аввали баъди ҷанги Бузурги Ватанӣ театр ба асарҳои маъруфи мусиқии ҷаҳонӣ рӯ оварда, пайваста беҳтарини онҳоро рӯи саҳна пешкаши мардум намудааст. Масалан, асарҳои композиторони машҳури ҷаҳонӣ "Травиата", "Трубадур"- Дж. Верди, "Сартароши севилӣ" - Ҷ. Россини, "Чио-чио-сан" - Ҷ. Пуччини, "Ширинкорон" - Р. Леонковалло, "Евгений Онегин", "Моткаи қарамашоқ" - П. Чайковский аз ҳамон солҳо репертуари асосии театрро оро медоданд. Дар баробари ин ҳунармандони ин театри касбии тоҷик фавран ба офаридани асарҳои саҳнавӣ аз эҷодиёти композиторони тоҷик шуруъ намуданд. Дар ҳамин давра асарҳои композиторони тоҷик "Комде ва Мадан" - З. Шаҳидӣ, " Пӯлод ва Гулрӯ", "Рӯдакӣ", "Айнӣ" - Ш. Сайфиддинов, "Парастуи фирорӣ" - Ф. Одинаев, "Лаънаткардаи халқ" "Қишлоқи тиллоӣ", "Дугонаҳо", - Д. Дустмуҳаммадов ва дигар асарҳоро пешкаши тамошобинон гардонида, бо ҳамин мавқеъ ва нуфузи санъати мусиқии касбии тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуданд. Ин маҳсули фаъолияти театри опера ва балет моҳияти хеле бузурги фарҳангӣ ва сиёсӣ низ дошт, зеро дар он замон баъзан барои ба вуҷуд омадани опера ва балети миллӣ шубҳа пайдо шуда буд. Чанде аз мутахассисони ҷаҳонӣ ҷонибдори он ақида буданд, ки гӯё ин жанрҳо дар фарҳанги мардумони Осиёи Миёна ҷойи худро пайдо карда наметавонанд.

Аммо чуноне ки исбот гардид, баъдан, солҳои 50-60-ум ҳунармандони хатмкардаи консерваторияи ш. Москва ба номи П. И. Чайковский, овозхонон Ҳ. Мавлонова, А. Бобоқулов, Р. Бурҳонов, Л. Кабирова, дирижёри оркестри симфонӣ И. Абдуллоев, режиссёр Ш. Низомов ба ҳайати эҷодии театр бо ҳунари боло ва таҳсилоти олӣ ворид шуданд. Худи ҳамин омили пешрафти минбаъдаи театр гардид. Дертар Ё. Ғолибов, Ф. Ҳакимова ҳамчунин ду гурӯҳи хатмкардагони Омӯзишгоҳи хореографии ш. Ленинград ба фаъолияти эҷодӣ оғоз намуданд, яъне бо ҳамин гуфтан мумкин аст, сатҳи профессионалии театр ба дараҷаи зарурӣ боло рафт.

Маҳз дар ҳамин давра зарурати махсус оид ба номгузории театр ба вуҷуд омад. Аз таърихи навини Тоҷикистон маълум аст, ки дар замони солҳои 30-уми асри гузашта устод Садриддин Айнӣ яке аз аввалинҳо шуда мақолаи бузурги хешро бо номи "Назаре ба гузаштаи санъати халқи тоҷик" ба чоп расонданд ва бо ҳамин ба илми санъатшиносии тоҷик оғоз бахшиданд. Аз мазмуни мақолаи мазкур аён мегардад, ки устод Айнӣ гӯё таърихчаи санъати тоҷикро бо зикри саҳифаҳои дурахшон ва шарҳи ҳоли бузургтарин ҳунармандонро инъикос намуданд [1]. Ғайр аз ин ба ҳамагон маълум аст, ки маҳз устод Айнӣ бо дастгирии падарона ва ғамхории беназир барои ҷалби истеъдодҳои соҳаи ҳунари мусиқии касбӣ (ба мисоли Т.Фозилова, Б.Исҳоқова ва диг.) саҳмгузор шуда буданд. Ана ҳамин хизматҳои бузургу арзандаи устод С. Айниро дар соҳаи илму адаби тоҷик ба инобат гирифта, соли 1954 театрро ба номи устод С. Айнӣ номгузорӣ карданд.

Марҳилаи навбатии рушди фаъолияти театри опера ва балет ба солҳои шастум ва аввали солҳои ҳафтодум рост меояд. Ин давра ба театр ҳунармандони нав, аз ҷумла дирижерони касбӣ А. Ниёзмамадов, Б. Меҳробов, хормейстер Х. Маҷидов, овозхонон Б. Мамадқулов, Р. Мулоҷонова, З. Аминова, О. Сабзалиева, Н. Ҳамробоев, В. Каримов, Ф. Зайдуллоев, А. Холиқов, Г. Зорина, А. Денисов, Н. Буряк, Н. Саидшоев, И. Абдуллоев, Мақсудов, З. Салимов, Ҳ. Магдиев, М. Қурбонова, Ф. Мамедова, солистони балет М. Собирова, М. Бурҳонов, В. Кормилин, С. Узоқова, Ш. Турдиева, Қ. Холов, Т. Холова, В. Эшонхоҷаев ва дигарон ҳамсафи ҳунармандон гардиданд. Театр ба ин ҳунармандони

нави эҷодӣ такя намуда, як қатор асарҳои мураккаби ҷаҳонӣ ва ватаниро дар таҳрири нав ба рӯйи саҳна овард. Инҳо: "Оттело", "Бал маскарад", " Трубадур" - и Ҷ. Верди, "Богема"- и Пуччинӣ, "Дон-Пас-Куале"- и Г. Донитсетти, "Зангирии Фигаро", "Реквием", "Дон Жуан"- и В. Мотсарт", "Иван Сусанин"- Глинка, "Кӯли қувон"- и П. Чайковский, "Золушка"- и Прокофев, "Лолаи сурх"- и М. Глиэр, "Лайлӣ ва Маҷнун"- и С. Баласанян, "Посбони оташ", "Юсуф ва Зулайхо", "Умари Хайём" Т. Шаҳидӣ, "Фарёди дуриҳо" – и Т. Сатторов ва дигар намоишҳо мебошанд, ки аксари ин асарҳо то ба имрӯз дар саҳнаи театр дар таҳрирҳои нав намоиш дода мешаванд. Аз дастовардҳои театри тоҷик дар солҳо хусусан ҳунарнамоии ситораи балети шӯравӣ, Барандаи ҷоизаҳои ҷаҳонии соҳаи балет, Артисткаи халқии Иттиҳоди Шуравӣ Малика Собироваро алоҳида қайд намудан зарур аст. Ин ҳунарманд, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ боиси эътироф гардид, ба оламиён исбот намуд, ки фарҳанги халқи тоҷик имкониятҳои хеле бузурги эҷодиро дар бар дорад. "Рӯзномаи "Вечерние новости" М.Собироваро "маликаи сатҳи ҷаҳонӣ" номида буд. [ 2 ].

Аввали солҳои ҳаштодуми асри XX насли нави ҳунармандон: солистони опера М. Достиев, А. Мирраҷабов, Г. Федюк, В. Могилин, И. Абдуллоев, В. Нечипуренко, О. Нечипуренко, Р. Дуллоев, А. Насриддинова, З. Туйчиева, солистони балет: Б. Давлатов, Г. Собирова, В. Алибаев, Ҳ. Алибаева, З. Беляева, Д. Валиева, Р. Нигматулина, С. Усмонов (режиссёр), баъдтар С. Нуруллоев, А. Абдураҳмонов, С. Юсупов, Г. Малинская, А. Шопавалова, М. Назарова, М. Шарапова, А. Бахман, И. Раҷабов ва дигарон гурӯҳҳои эҷодии театрро пурратар гардониданд.

Давраи ба соҳибистиқлолӣ ноил гардидани давлати Тоҷикистон бо сарварии Президенти муаззами кишвар, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи фарҳанг низ марҳилаи тоза ва сермазмуни эҷодӣ гардид.

Аз солҳои нахустини ин давраи тиллоии таърихи миллати тоҷик, яъне шуруъ аз аввали солҳои 90-м фаолияти театри опера ва балет ба марҳилаи нави худ ворид гардид. Қатъи назар аз душвориҳои кадрӣ, вазъияти маълуми он давра, дар театр кори эҷодӣ ва хизматрасонии бадеӣ-эстетикӣ идома меёфт [7, с. 70-74 ].

Маҳз дар ҳамин давра аз сабаби нарасидани кадрҳои соҳибхтисос кор то ба ҷое расида буд, ки фаолияти гурӯҳи балет дар театр ба душвориҳои зиёд дучор гардид. Ин душвориҳо аз ҷумла ба ақидаронии як зумра аҳли зиё дар ҳамон давра алоқамандӣ дошт. Кор ба ҷое расида буд, ки ҳатто, баъзе намояндандагони зиёӣ ва аҳли ҳунари кишвар мехостанд ба рушди санъати опера ва балет, ки тӯли 80 сол бо муваффақиятҳои беназир арзи вуҷуд карда буд, монеаҳо эҷод намоянд.

Масалан, баъзеи онҳо масъалаи ба санъати миллии мо бегона будани санъати опера ва балетро ба миён гузошта, аз байн бурдани санъати опера ва балетро дар ҷумҳурӣ таъкид мекарданд. Дар шароити афзудани омили миллӣ дар рушди санъати касбӣ мехостанд самти фаъолияти театрро дигаргун сохта, ба ҷойи он дастаҳои ҳунарии санъати мусиқии фолклорӣ-этнографиро ташкил ва рушд бидиҳанд. Як муддат чунин андешаҳо бо мақомоти болоии фарҳанг низ мувофиқа гардида бо ҳамин мардуми тоҷикро аз санъати ҷаҳонии мусиқӣ бебаҳра монданӣ буданд. Мутаассифона, дар байни онҳо баъзе ҳунармандони шинохтае низ буданд, ки бо талоши зиёд мехостанд, ки минбаъд санъати опера ва балет дар Тоҷикистон инкишоф наёбад.

Аммо бо ифтихор ва сипоси беҳад мо медонем, ки Сарвари олии кишвар, Президенти мӯхтарами мо аз аввалин рӯзҳои ба сари қудрат омаданашон ба соҳаи фарҳанг, хусусан ба ҷанбаҳои санъати профессионалӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намуданд.

Маҳз бо дастуру нишондодҳои Президент Эмомалӣ Раҳмон роҳбарони онвақтаи Вазорати фарҳанг ва дигар сохторҳои фарҳангӣ ба ислоҳи вазъият камар бастанд.

Чи тавре ки театршиноси маъруфи тоҷик, профессор Н. Нурҷонов қайд мекунад, шаҳрҳои Осиё, ки дорои тамаддуни волоанд (Анқара, Қоҳира, Боку, Алмаато, Астана, Бишкек, Тошкант ва ғ. дорои театрҳои опера ва балетанд. Дар Теҳрон , Ашқобод низ театрҳои касбӣ вуҷуд дошт, ки хеле хуб фаъолият мекард. [9, с.380].

Қобили қайд аст, ки бо ҳисси баланди муҳаббат ба касби худ, ба театр ва ба фарҳанги миллати худ буд, ки қисми аз ҳунармандони маҳаллӣ бо вуҷуди душвориҳои солҳои аввали давраи истиқлолият, театрро тарк накарданд. Роҳбарият ва аҳли эҷоди театр асарҳои навро рӯйи саҳна меоварданд ва тамоми тадбирҳоро меандишиданд, то ин ки санъати мусиқии баланди касбии ҷаҳонӣ аз байн наравад. Дар ин кор саҳми онҳое низ буд, ки ҷиҳати рушди таъминоти кадрӣ ва таҳким бахшидани заминаи моддӣ-техникии театр саҳми арзанда гузошта буданд. Мутахассисони соҳибкасбро дар дохил ва хориҷи кишвар тарбия намуда, пас аз хатм онҳоро ба кор гирифтанд. Ба муаллифи ин сатрҳо низ муяссар гардид, ки тибқи супориши роҳбарияти олии кишвар барои таҳсил ва ҳунарманд шудани гурӯҳи зиёди ҷавонон саҳмгузор гардам.

Дар давраи дигари рушди фарҳанги кишвар низ Сарвари давлат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба душвориҳои иқтисодӣ нигоҳ накарда, ба рушди соҳаи санъати касбӣ, аз ҷумла ба мусиқии касбӣ (санъати опера, балет, Шашмақому Фалак) аҳаммияти махсус медоданд ва пайваста зиёиёни эҷодкорро дастгирӣ мекарданд. Маҳз бо ибтикори Сарвари давлат дар Душанбе бо Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Консерваторияи миллӣ (аз 10 маи с. 2003, таҳти №196) ва Коллеҷи хореографӣ (аз 1. 05. С. 2007 таҳти № 25) таъсис дода шуданд. Ғайр аз ин масъалаи ба хориҷи кишвар фиристодан ва тарбия намудани ҳунармандони соҳаи хореографияи ҷаҳонӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ҳалли худро пайдо намуд.

Ҳамин тавр, Театри опера ва балет бо дастгирии Ҷаноби Олӣ аз соли 2005 то соли 2009 пурра аз таъмири асосӣ бароварда шуда, минбаъд барои кор ва фаъолияти эҷодии кормандон тамоми шароитҳо муҳайё гардид [7, с. 70-74 ].

Нимаи дуюми солҳои 2000-ум бо баргаштани мутахассисони ҷавон аз хориҷа ва инчунин мутахассисоне, ки Консерваторияи миллию шуъбаи рақси классикии коллеҷи хореографиро хатм карда ба кор омаданд. Дар натиҷа фаъолияти театр дар ҳамаи жанру намудҳои театри касбӣ пурра ба роҳ монда шуда ба маҷрои пешини худ баргашт. Ва умуман, худи театр низ як зумра роҳбарон, аз ҷумла директорон А. Самадов, Ғ. Валаматзода, Д. Дустмуҳаммадов, У. Боймухаммедов, А. Низомов, М. Атоев, Б. Гердел, Н. Каримов, М. Достиев, Х. Маҷидов, М. Шарифзода; дирижёрҳо Э. Д. Айрапетянс, И. Э. Абдуллоев, А. Ниёзмамадов, Б.Меробов; режиссёрҳо С. Саидмуродов, Ш. Низомов, С. Усмонов, Ш. Халилов; балетмейстерҳо Ғ. Валаматзода, С. Азаматова, М. Бурҳонов; хормейстерҳо Ҳ. Муллоқандов, Х. Маҷидов, Е. Тиллоева; рассомон Г. Чемодуров, В. Фуфачик, В. Суслов, Р. Сафаров, З. Собировро тарбия намудааст.

Гуфтан зарур аст, ки дар ташаккул ва рушди театри опера ва балет хизмати мутахассисони рус хеле калон аст, зеро маҳз таҳти роҳбарии онҳо як зумра солистони барҷастаро низ ба воя расиданд, ки ба ин артистони халқии СССР – М. Собирова, Ҳ. Мавлонова, Л. Кабирова, А. Бобоқулов; артистони халқии Тоҷикистон – Р. Толмасов, Ғ. Валаматзова, М. Бурҳонов, А. Азимова, Э. Айрапетянс, И. Абдуллоев, Б. Меробов, В. Эшонхоҷаев, Б. Исоева Б. Маҳмадкулов; Ҳунарпешагони халқии Тоҷикистон - О. Сабзалиева, Н. Ҳамробоев, А. Холиқов, М. Достиев, А, Мирраҷабов, ва диг. мисол шуда метавонанд.

Дар солҳои давраи соҳибистиқлолӣ мазмуни асарҳои саҳнавии театр низ рӯҳияи тоза пайдо кард. Тибқи дастуру нишондодҳо ва ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи театри касбӣ муваффақиятҳои бузурги эҷодӣ ва фарҳангӣ ба даст оварда шуданд. Бо фармоиши Сарвари давлат дар саҳнаи театр намоишҳои бузурги таърихӣ – операи “Амир Исмоил” (Т.Шаҳидӣ) ва “Рустам ва Сӯҳроб” (Т.Сатторов) рӯйи саҳна омаданд ва бо ҳамин ғояи бузурги давлатдлории замони истиқлолият бо забони мусиқӣ ба мардум дастрас гардид.

Ҳамчунин боиси ифтихор аст, ки ба туфайли ғамхориҳои беназир ва сарпарстии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат даҳҳо коллективҳои эҷодӣ-гурӯҳҳои рақсӣ, ансамлҳои давлатии Шашмақому Фалак ва ғ. ба фаъолият шурӯъ намуданд. Вазифаҳои кормандони фарҳангро муайян намуда, Пешвои миллат зикр менамояд, ки "бо мақсади таблиғи ғояҳои миллӣ, тарбияи зебоипарастӣ ва ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ ҷиҳати таҳияи асарҳои нави саҳнавӣ ва филмномаҳои таърихӣ чораҳои зарурӣ андешанд" [10, с.32].

Тадбирҳои давлату Ҳукумати Тоҷикистон дар даврони истиқлолият ҷиҳати рушду нумӯи санъати касбии тоҷик ба он мусоидат намуд, ки театри овозадори опера ва балети тоҷик ба яке аз марказҳои бузурги тарғиби ҳунар ва зебоипарастӣ барои мардуми кишвар табдил ёфт.

Имрӯзҳо ҳайати асосии театрро ҷавонони хатмкардагони Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов, Коллеҷи хореорафии ш. Душанбе ва Коллеҷи хореографии ш. Перми Федератсияи Россия ташкил медиҳанд, ки дар даврони соҳибистиқлолии кишвар аз таҷрибаи устодони асили театр сабақ омухта, дар рушду нумуи санъати асили опера ва балети тоҷик, ба мисли: А. Шоймуродов, А. Солиев, Д. Тиллоев, С, Усмонов, Ш. Усмонова, М. Исоева, А. Тиман, М. Раҳмонов, Қ. Зокиров, М. Мирзоева, Ҷ. Хоҷаев, К. Содиқов, Ш. Сафаров, П. Аюбӣ, Н. Нуруллозода, Д. Холов, А. Нурулло, Н. Болтуев, солистони балет: Ф. Қосимова, М. Азимзода. А. Нилобекова, Н. Юлчиева, Ф. Шакиров, С. Гулмуродова, А. Хуҷамбердиев ва дигарон ҳиссаи арзандаи худро гузошта истодаанд. Умуман, имрӯзҳо ҳамкориҳои таълимиву эҷодӣ миёни Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ва Театри академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ хуб ба роҳ монда шудааст.

Ба андешаи мо барои инкишофи минбаъдаи театр ва ҷалби зиёди тамошобин хуб мешуд, ки сафарҳои ҳунарии театр ва тарғиби санъати мусиқии опера ва балет дар заминаи қасрҳои фарҳанги навтаъсиси шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ташкил ва ба роҳ монда шавад.

Корҳои фарҳангӣ-маърифатӣ дар байни аҳолӣ ҷиҳати ҷалби тамошобин ба театр ва баланд бардоштани маънавиёти ҷомеа, бархурдор намудани меҳнаткашон, бахусус ҷавонон, аз шоҳасарҳои ҷаҳонӣ мусоидат карда метавонанд. Ин имкон медиҳад, ки мардуми мо ба опера ва балет на ҳамчун як санъати мусиқии ба мо бегона, балки чун ҷузъи таркибии маънавиёти тоҷикон баҳогузорӣ намояд. Дар ин кор махсусан намоиши асарҳои композиторони тоҷик З. Шаҳидӣ, Ш. Сайфиддинов, Я.Сабзанов,М.Атоев, С.Ҳамроев, Д. Дустмухаммедов, Т. Шаҳидӣ Т. Сатторов, Ш. Ашуров, А. Мусоев ва дигарон нақши муассир бозида метавонанд.

Дар фаъолияти ҳамарӯзаи театр нақши роҳбарони онро, ки дар бунёди шароитҳои мусоиди эҷодии кору фаъолият заҳмат кашиданд, қайд кардан бамаврид аст. Маҳз тахти роҳбарии оқилона ва дурбинонаи онҳо театр имконият пайдо кард, ки эҷодкорони он соҳиби унвонҳои ифтихории давлатӣ гарданд ва аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста қадршиносӣ карда шаванд.

Кӯмаки ҳамаҷонибаи онҳо ҷиҳати иштироки ҳунармандони номии кишвар дар озмуну фестивалҳои минтақавию ҷумҳуриявӣ хеле назаррас аст. Маҳз амали хайрхонаи онҳо буд, ки санъати касбии мусиқии миллии тоҷик, оҳангҳои композиторон ва эҷодиёти ҳунарпешаҳои опера ва балети тоҷик, асарҳои нотакрори арбобони ҳунари кишвар ба ҷаҳониён муаррифӣ гардад.

Хурсандиовар аст, ки солҳои охир ҳайати эҷодии театр аз ҳисоби хатмкунандагони Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов ғанӣ гардид. Онҳо ҳайати эҷодии театро пурра карда дар ривоҷу равнақи операи тоҷик саҳм гирифта, анъанаҳои пуршарафи ин даргоҳи ҳунарро ғаниӣ гардонда истодаанд.

Дар баробари муваффақиятҳои бузурги эҷодӣ дар соҳаитеатри касбии мо имрӯз душвориҳои ҳалталаб низ мавҷуданд. Масалан, нарасидани драматургон, либретонависон, режиссерон, композиторони хушсалиқае, ки мактабҳои бузурги оҳангсозиро гузаштаанд ба назар мерасад. Минбаъд зарур аст, ки ин гуна мутахассисонро

дар баробари Консерваторияи миллӣ ҳамчунин дар мактабҳои бузурги эҷодии хориҷи кишвар омода намоем.

Дар шароити соҳибистиқлолӣ театри опера ва балети ба номи С.Айнӣ ҳамчун маркази тарғиботии навъи олии санъат рушд карда ҳаёти маънавии ҷомеаи тоҷикистониёнро ғанӣ гардонида истодааст. Дар кишвари соҳибистиқлоли мо таҳти сарварӣ ва дастгирии Пешвои муаззами миллат роҳ ба сӯи дастовардҳои бузурги таърихӣ кушода шудааст. Итминон аст, ки театри опера ва балети тоҷик минбаъд низ барои ғанӣ гардонидани дунёи ботинии мардум ва ба ҷаҳониён муаррифӣ сохтани фарҳанги муосири Тоҷикистон хизмат хоҳад кард.

Адабиёт


1. Айнӣ ва мусиқӣ. Маҷмӯаи нотавӣ. - Душанбе: Ирфон, 1980.
2. Гривидцкас В. Искусство танца покоряет и сближает. – //Вечерние новости. – 1970. – 20 октября
3. Приём в Кремле участников таджикского искусства в Таджикистане //Известия. – 1941. – 23 апреля.
4. Композиторон ва мусиқишиносони Тоҷикистон: Маълумотнома. Мураттибон Ф.Азизӣ ва диг. – Душанбе, 2011. – 288 с.
5. Обидов Ҷ. Луғатномаи тафсирии мусиқӣ. – Душанбе: Аржанг, 2019. – С.381-382.
6. Раҳмонов Э.Ш. Дар бораи баркамоли илму фарҳанг //Ҷумҳурият. – 1998. – 18 сентябр.
7. Фарҳанг ва Истиқлол. Таҳияи Ф.А.Азизӣ. – Душанбе: Адиб. - 2011. – 292 с.
8. Шаҳидӣ З. Мусиқӣ дар ҳаёти ман. – Душанбе: Ирфон, 1976.
9. Нурджанов Н. Опера и балет Таджикистана. – Душанбе, 2010. – 424 с.
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2015. - 47 с.


ТДУ 781 .8 (091) (575.3)

## Рушди жанри рисолаи мусиқӣ зимни мақомоти тоҷик


*Фароғат Азизӣ,*
*доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор*


Мақомоти тоҷик аз се шохаи устувор иборат аст: шоҳкории тафаккури мусиқии тоҷик Шашмақом (зодаи мардуми пойтахтҳои таърихӣ ва имрӯзаи тоҷик Бухоро, Самарқанд, Душанбе, водии Ҳисор), падидаи марказии мусиқии мардуми кӯҳистон – Фалак (минтақаҳои кӯҳистони Кулоб ва Бадахшон) ва мақомҳои маҳаллии тоҷик (ҳунари мардуми таҳҷоии водиҳои Зарафшон ва Фарғонаи Тоҷикистон – маҳалҳои вилояти Суғди имрӯза). Дар харитаи имрӯзаи Тоҷикистон ҷойгиршавии пайдоиши гунаҳои мақомотро тахминан чунин нишон додан мумкин аст:




1. *Харитаи Тоҷикистон бо нишондоди ҷойгиршавии гунаҳои мақомҳои тоҷик*

Ҳар як хели мақомоти тоҷик дорои системаи лаҳнӣ, сози бунёдӣ-системавӣ, хусусияти шаклсозӣ, доираи жанрӣ, асоси зарбиву лаҳнии хоса аст. Ва ҳамаи он дороии фарҳанги мусиқии тоҷикон мебошад. Дар ҷаҳон имрӯз якеро *шоҳкорӣ* ва дигареро *намунаи мероси маънавии башарият* пазируфтаанд. Ба душворӣ метавон дарк кард, ки ин *шоҳкориҳо*-ро тӯли садсолаҳо зеҳну заковати мардуми тоҷик ба таври шифоҳӣ густариш дод, ва ба василаи одии *аз даҳон ба даҳон* то ба давраи мо расонид....

Дар баробари зуҳуроти синхронӣ мақомоти тоҷик роҳи диахронии рушди худро дар таърихи халқи тоҷик хеле равшан нишон додааст. Таърихан роҳи рушди Шашмақомро бо Ҳафтпардаи давраи тоисломӣ ва Дувоздаҳмақоми асримиёнагӣ мепайванданд. Мақомот аз нахустсистемаи худ сар карда, ҳамеша як падида – мусиқии дунявии суннатии профессионалии мардуми тоҷикро муаррифӣ мекунад. Ҳамқадами ин мусиқии профессионалӣ аз ибтидо мактаби суннатии он – устод-шогирд маҳсуб меёбад. Бо ҷараёни таълими ин мактаб пайдоиши дастурҳои таълимиву китобҳои дарсӣ дар шаклҳои гуногуни рисолаи мусиқӣ алоқаманд аст. Рисолаи мусиқӣ дар таърихи мусиқии классикии тоҷик аз он лиҳоз низ мавқеи бузургро дорад, ки таи садсолаҳо нақши ягона сарчашмаи хаттии мусиқиро иҷро намудааст.

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи пайдоиш ва рушди тадриҷии жанри рисолаи мусиқӣ зимни мақомоти тоҷик меравад. Жанри китобӣ-илмии «рисолаи мусиқӣ» ба маънои «асар, таълифи мухтасар оид ба як соҳаи илм» [15.139.] фаҳмида мешавад.

Рисолаи мусиқии мақомот аз ибтидо аз дохили мактаби устод-шогирд сар зад. Ҳанӯз дар давраи Борбад, бо ташаккули системаи мусиқӣ (Ҳафтпарда), услуби эҷоду иҷрокунандагӣ (хусусан, навозандагӣ)-и хусравонӣ[1] ва ташаккули жанри силсилавии

[1] Тибқи суннатҳои қадими эрониён Борбад системаи ихтироъкардаро ба шоҳ Хусрави Парвиз пешниҳод мекунад. Пазируфтани Хусрав Ҳафтпардаро омили ташаккули эҷод ва услуби хосаи иҷрокунандагии мусиқӣ ва пайдоиши жанри силсилавии ҳафтқисма мегардад. Пайдоиши ин услуб ва жанр дар мусиқии дарборӣ омили он гардид, ки мардум бо маҳбубият услуби мазкурро *хусравонӣ* ва жанри мусиқиро *хусравониёт* меномад. *Хусравонӣ* маҷмӯи қонунҳои худро байни навозандагон мушаххас устувор мегардонад. Ва ин маҷмӯъ риояи ҳатмиро дар амалияи мусиқӣ (ки он замон бештар дарборӣ буд), металабид.

хусравониёт, дар охири асри VI-аввали VII дар мактаби устод-шогирд василаи таълимӣ-дастурии *ҷадвали раҳнамунӣ* таҳия гардид. Дар он тибқи диди космологӣ мутобиқати пардаҳои мусиқӣ ба унсурҳои табиат, набототу ҳайвонот, коинот (макрокосм) ва инсон (микрокосм), вақти иҷро ва диг. оварда мешуд. Мактаби устод-шогирд дар баробари омӯзиши шифоҳии системаи Ҳафтпарда, риояи қоидаҳои иҷрои мусиқиро дар амалияи мусиқӣ талаб мекард. Дар давраи тоисломӣ чунин қавоид дар мусиқии Ҳинд хеле густариш ёфта буд [10; 5; 3.300.]. Дар асоси он ибтидоан системаи *ҷатӣ* ва сониян (а.V) – системаи *рага* рушд меёфт [7.53.]. Аз таърихи фарҳанги эрониён маълум аст, ки «таъсири андешаи ҳиндӣ дар зиндагии маънавии Эрон аз таъсири юнонӣ на танҳо камтар нест, балки ба маротиб беш аст»[2]. Аломатшинос (семиотик) О.Ф. Волкова аз рӯи рисолаҳои қадими Ҳинд чунин ҷадвали раҳнамуниро овардааст:

*ибтидо:*

| **парда** | **манша** | **ранг** | **қитъа** | **қирш** | **аломати зодгоҳӣ** |
|---|---|---|---|---|---|
| **Шадҷа** | худо | сабз | Ҷамбу | браҳман | Далв |
| **Ришабҳа** | риши | норанҷӣ | Атра | кшатрий | Мизон |
| **Гандҳара** | худо | тиллоӣ | Куша | вайшйя | Ҳут |
| **Мадҳйяма** | худо | ёсуманӣ | Краунча | браҳман | Асад |
| **Панчама** | аҷдод | сафед | Шалмали | шудра | Вирҷ |
| **Дҳайвата** | риши | зард | Швета | кшатрий | Қавс |
| **Найшада** | асура | рангоранг | Пушкара | вайшйя | Ақраб |

*идома:*

| **парда** | **сайёра** | **қисми бадан** | **ҳайвон** | **эҳсосот** |
|---|---|---|---|---|
| **Шадҷа** | Зуҳал | руҳ | товус | қаҳрамонӣ |
| **Ришабҳа** | Зӯҳра | сар | чатака | ғазаб |
| **Гандҳара** | Моҳ | даст | буз | оромӣ |
| **Мадҳйяма** | Хуршед | сина | кроншнеп | хушнудӣ |
| **Панчама** | Аторуд | гардан | кокила | шаҳвонӣ |
| **Дҳайвата** | Муштарӣ | пой | қурбоққа | нафратангез |
| **Найшада** | Миррих | Ангушт | фил | ҳаяҷоновар |

*идома дорад...*

2. *Ҷадвали раҳнамунӣ дар мусиқии Ҳинди қадим* (а.V)

Ҷадвали раҳнамунӣ ба тартибе сохта мешуд, ки ҷиҳати амудӣ доимо ҳафт пардаи асосиро дар бар мегирифт. Вале ҷиҳати уфуқӣ метавонист хеле дароз бошад. Ҳунармандон ва шогирдони мактаби устод-шогирд вазифадор буданд аз рӯи ин ҷадвал фаъолияти ҳунарии худро ба роҳ монанд. Риояи ҷадвали раҳнамунӣ яке аз талаботи мутрибии хусравонӣ гардид. Аз рӯи мазмун ва функсия он нақши қонунҳои иҷрокунандагиро зимни системаи Ҳафтпарда иҷро мекард.

[2] Эҳсони Табарӣ. Бархе баррасиҳо дар бораи ҷаҳонбиниҳо ва ҷунбишҳои иҷтимоӣ дар Эрон. (Теҳрон,1348. С.52) иқтибос: [18.21.].

Ин ҷадвали раҳнамунӣ гарчанде китоб набуд, вале сарчашмаи хаттӣ буд ва ба ҳайси маводи таълимӣ дар ин мактаб ва дастури раҳнамунӣ дар амалияи мусиқӣ истифода бурда мешуд.

Дар давраи фарҳанги исломӣ дар фаъолияти олимон-энсиклопедистон жанри китобӣ-илмии «рисолаи мусиқӣ» ба таҷассумгари навовариҳову ҷараёни пурҷӯшу хурӯши ташаккули заминаи илмии мақомоти Шарқ табдил ёфт.

Маълум аст, ки мусиқиро ҳамчун илм бештар аз ибтидои фарҳанги исломӣ баҳогузорӣ намудаанд. Эҳтимол, бино бар он, ки Ислом ҳунари мусиқиро ибтидоан танҳо дар ду маврид иҷозат медод (1)[3]. Диди нави олим-энсиклопедист ва ташаккули заминаи илмӣ дар асрҳои IX-XI ба чунин талқини мусиқӣ мусоидат мекард (2). Олимон-энсиклопедистони форс-тоҷику араб диди илмии хешро нисбат ба мусиқии таҳҷоии мардуми худ баён намуданд (3).

Асосгузорони илми мусиқии Шарқ Абунаср Фаробӣ асари «Китобу-л-мусиқӣ-л-кабир» ва Абуалӣ ибни Сино асарҳои энсиклопедии «Китобу-ш-шифо», «Китобу-н-наҷот»-ро ба забони арабӣ навиштаанд[4]. Дар назарияҳои илмии ин олимон мусиқӣ яке аз фанҳои чоргонаи риёзӣ [квадривиум] маҳсуб меёфт. Доираи илмии мусиқӣ тибқи диди Фаробӣ – илмҳои дақиқ ва дар ақидаҳои Ибни Сино – дар баробари илмҳои дақиқ, бо доираи васеътари фаннӣ – сотсиология, психология, педагогика, этика, эстетика, адабиёт, физиология [11: 192, 199, 200; 9: 202; 14: 282, 283, 284.] ва диг. фаррохтар гардид. Диди онҳо дар мусиқии Шарқ марҳилаи навро дар талқини мусиқӣ ба вуҷуд овард. Ва ин давраи сохтани заминаи илмии мусиқӣ аст. Дар асрҳои VIII-XI шакли нави рисолаи мусиқӣ ташаккул ёфт, ки он чунин хусусиятҳоро пайдо кард:

- мусиқиро ҳамчун илм талқин мекард;
- рисола ба забони арабӣ навишта мешуд;
- дар талқиноти мусиқӣ аз услубҳои риёзӣ истифода бурда мешуд;
- бештар ба шакли асари энсиклопедӣ пешниҳод мегардид.

Дар мусиқишиносӣ онро бо унвонҳои гуногун номидаанд. Дар умум ин номгузориҳо ба маънои «академӣ» рост меояд.

Яке аз аввалин рисолаи мусиқие, ки ба забони тоҷикӣ-форсӣ навишта шудааст, рисолаест (қисм) аз асари энсиклопедии «Донишнома»-и Абуалӣ Ибни Сино. Иқдоми аввалини Ибни Сино зери нуфузи тавоноии давлати Сомониён, ки забони модариашон – забони тоҷикиро, ба дараҷаи расмии давлатӣ ва илмӣ бори аввал дар фарҳанги исломӣ пазируфтанд, ба амал омад.

Нахустин рисолае, ки аз пайдоиши системаи нави мақомоти тоҷик – *Дувоздаҳпарда* дарак медиҳад, «Рисолаи мусиқӣ»-и Муҳаммад Нишопурӣ (охири қарни XII) мебошад[12]. Дар қарни сонӣ «Китоб ул-адвор»-и Сафиуддин Урмавӣ (қарни XIII) низ дар бораи ин система зери унвони *Дувоздаҳадвор* маълумоти муфассал меоварад. Гарчанде ҳар ду рисолаҳо дар муддати кӯтоҳе аз якдигар таълиф гардидаанд, дар мисоли онҳо ду анъанаи гуногуни рисоланависии қурунивустоӣ мушоҳида карда мешавад.

Асари «Рисолаи мусиқӣ»-и Муҳаммад Нишопурӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ, бидуни услубҳои риёзӣ таркиботи мусиқиро дар панҷ фасл мефаҳмонад. Фарқияти асосии рисола дар он аст, ки он дар қиёс бо рисолаҳои мусиқии олимон-энсиклопедистон, (ки масъалаҳои гуногуни назария ва амалияи мусиқиро дар бар мегиранд), ба як мавзӯъ – Дувоздаҳпарда бахшида шудааст. Баёни рисола ҳикоявӣ буда, дар бораи Дувоздаҳпарда бо таркиботи 12 парда, 6 шӯъба ва 18 бонг асоси мусиқии замон гуфта, таъсири эстетикӣ ва этикии

[3] Ду маврид: гуфтани азон (1) ва қироати Қуръон (2).

[4] Дар қарнҳои VIII-XI рисолаи мусиқӣ одатан қисми асари энсиклопедиро ташкил мекард. Дар ин қатор асари «Китоб ал-мусиқӣ ал-кабир»-и Фаробӣ, албатта, истисно аст. Вале, гарчанде ин асар сирф ба мусиқӣ бахшида шуда бошад ҳам, характери энсиклопедӣ дорад, жанри онро метавон «энсиклопедияи мусиқавӣ» муайян кард.

пардаҳоро таъкид намуда, Борбадро *асосгузори илми парда* меномад. Ӯ қайд кардааст, ки Дувоздаҳпарда аз Ҳафтпарда сар зада, пайравони Борбад онро мукаммал карда, то ба замони ӯ рушд додаанд. Муҳаммад Нишопурӣ худро «устоди Хуросон», «аҷаб уз-замон» меномад [12,114.]. Ин зумра унвонҳо дар замони муаллиф шояд расмӣ буданд ва онҳоро расман ба навозандагону сарояндагон мансуб медонистанд [6; 4.]. Аз ин унвонҳо маълум мешавад, ки Нишопурӣ мактаби худро дошт ва рисолаи худро барои шогирдонаш навиштааст. Дар умум хусусиятҳои ин рисола чунинанд:

- ба забони форсӣ-тоҷикӣ навишта шудааст;
- ба тарзи ҳикоявӣ баён гардидааст;
- рисола характери амалиро дорад (гарчанде дар бораи илми парда маълумот меоварад, онро ҳамчун илми амалӣ муайян менамояд);
- ба як мавзӯъ бахшида шудааст.

Аз услуб ва баёни он маълум мегардад, ки рисола функсияи хрестоматияи раҳнамуниро иҷро мекунад. Татбиқи амалии ҳамаи нуктаҳои он бояд бо машғулияти шифоҳӣ пурра гардад. Маълум аст, ки он услуби тадрисии инфиродиву амалии мактаби суннатии устод-шогирд аст.

Асари «Китобу-л-адвор»-и Сафиуддин Урмавӣ[5] бошад рисолаи сирф назариявист. Он дар бораи системаи Дувоздаҳшудуд/Дувоздаҳадвор гуфта, дар фасли нӯҳуми ин асар қайд мекунад: «Аҳли ин санъат давраҳоро ба арабӣ *шудуд* (аз калимаи «шадд» – «ҷӯр кардан») ва ба аҷамӣ *пардаҳо* хонанд ва ҳар давреро асле ҳаст, ки бар он бунёд ниҳанд ва назди эшон адвор дувоздаҳ аст бар ин номҳо: Ушшоқ, Наво, Бусалик, Ироқ, Исфаҳон, Зерафканд, Бузург, Зангула, Роҳавӣ, Ҳусайнӣ, Ҳиҷозӣ» бо таркиботи он – шаш овоз: Наврӯз, Гавошт, Гардония, Салмак, Моя, Шаҳноз. Инчунин, унсурҳои мусиқавии нағма, буъд ва мулоимат (консонанс) ва мунофират (диссонанс) дар абъод (фосилаҳо), иқоъ, лаҳн, таълифи асари мусиқӣ, таъсири эстетикии адвори машҳур ба мардум ва диг. овардааст. Ва ниҳоят, бо тақсимоти дараҷоти октаваӣ Сафиуддин «намунаи комилтарини гамма»[6]-ро пешниҳод менамояд:



3. *Гаммаи 17-дараҷаии Сафиуддин Урмавӣ* (а.XIII)

Дар мусиқӣ Сафиуддин ду ҳадафи асосиро ҷудо мекунад: таълифи мусиқӣ ва иҷрои он. Вале новобаста ба ин ҳадафҳои амалӣ рисолаи Сафиуддин характери сирф назариявиро дорост. Он ба забони арабӣ навишта шудааст. Таркиботи мусиқӣ бо ёрии унсурҳои риёзӣ фаҳмонда мешаванд. Муаллифи рисола олим аст. Дар муқоиса бо рисолаи мусиқии Муҳаммад Нишопурӣ он ба анъанаи академӣ бештар тааллуқ дорад. Хулоса, ин ду сарчашмаи хаттӣ намунаи рисолаҳои гуногунанъанаанд: шарти мутрибӣ ва академӣ.

Рисолаи дигаре, ки дар ҳамин замони наздик таълиф гардидааст «Дар иншиоби усул ва фурӯъи мусиқӣ»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ[7] (а.XIII) мебошад. Дар он низ Борбад ва ҳаммаслакони ӯро саромадони илми парда пазируфта, маҳорати онҳоро муаллиф «камолу-з-замон», «аъҷубату-д-давр» номидааст ва сониян, дар бораи Дувоздаҳпарда

[5] Соли таълифи ин асар тахминан 1251 аст.

[6] Гаммаи ҳабдаҳдараҷаии Сафиуддин Урмавиро муаррих-мусиқишиноси австриёӣ Р.Г.Кизеветтер (1773-1850) дар асари «Мусиқии Араб тибқи сарчашмаҳо» («Die Musik der Araber nach Originalquellen dargestellt» Лейпциг, 1842) чунин баҳогузорӣ кардааст.

[7] Ин рисола дар китоби энсиклопедии «Эъчози Хусравӣ»-и Амир Хусрав омадааст. Муфассал дар ин бора ниг:[6, 34 – 62.].

маълумот овардааст. Таркиботи ин системаро Амир Хусрав иборат аз *дувоздаҳ парда* ва *шаш абрешим* овардааст. Ӯ ҳарду унсурҳои лаҳнии системавиро бо калимаҳои форсӣ-тоҷикӣ номгузорӣ намудааст. Рисола ба забони тоҷикӣ-форсӣ навишта шудааст. Хусусиятҳои рисолаи Амир Хусрави Деҳлавӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки ин рисола низ дар анъанаи шарти мутрибӣ таълиф гардидааст. Маълум аст, ки Амир Хусрави Деҳлавӣ устоди бузурги мусиқӣ буд. Баъзе муаллифон рисолаи шарти мутрибиро барои мактабҳои суннатии устод-шогирд, шогирдони худ менавиштанд. Ҳазрат Амир Хусравро дар мусиқии Ҳинд асосгузори мактаби Деҳлӣ (*Деҳлӣ гҳарана*) мешуморанд. Ин мактаб, ки мактаби суннатии устод-шогирд (*гуру-шишйя*) аст, то имрӯз фаъолият мекунад[8].

Бо номи Қутбиддини Шерозӣ (1236-1312) истифодаи нахустини истилоҳи Дувоздаҳмақом алоқаманд аст. Дар рисола (қисм)-и мусиқии асари энсиклопедии «Дуррату-т-тоҷ ли ғуррату-д-Дубаҷ»[9] мусиқиро ӯ ҳамчун илми охирин (чаҳорумин)-и риёзӣ шинохта, асосҳои назарияи мусиқии пешомадагонро муфассал таҳлилу муқоиса карда, диди худро нисбат ба иҷрои мусиқӣ хеле дақиқу амиқ меоварад. Дар рисолаи мусиқии Қутбиддини Шерозӣ унсурҳои ҳарду анъанаи рисоланависии қурунивустоӣ ҷо дорад: гарчанде он ба забони тоҷикӣ таълиф гардидаасту ба иҷрои мусиқӣ аҳамияти калон медиҳад, талқиноти услуби риёзиро истифода бурдааст.

Рисолаи мусиқии Зайнулобидин Маҳмуди Ҳусайнӣ [17] «Қонуни илмӣ ва амалии мусиқӣ» ва ҳам асари Абдураҳмони Ҷомӣ «Рисолаи мусиқӣ» [1; 2.] ҳарду хусусиятҳои омехтаи ин ду анъанаро дороанд. Аз ин бармеояд, ки дар асрҳои XIII-XV рисолаи мусиқӣ бештар ба забони тоҷикӣ-форсӣ навишта шуда, унсурҳои ҳарду анъанаро ба худ мегирад. Дар маркази диққати рисолаи мусиқии ин давра ҳамеша системаи «дувоздаҳгонаи машҳура» –Дувоздаҳпарда/ Дувоздаҳадвор/ Дувоздаҳмақом ҷо дорад.

Давраи навро дар табдили шакли рисола Наҷмиддини Кавкабии Бухороӣ (қ. XVI) ворид менамояд. Ӯ «Рисола дар баёни Дувоздаҳмақом»-и худро ба назм менависад. Гарчанде истифодаи баёни шеърӣ дар рисолаи илмии қарнҳои пешин ҳам ҷо дошт (масалан, Амир Хусрави Деҳлавӣ), Кавкабӣ ба ин масъала хеле огаҳона сару кор мегирад. Кавкабӣ пурра ба услуби назм мегузарад[10]. Дар маркази диққати Кавкабӣ системаи Дувоздаҳмақом (бо таркиботи шаш овоз ва бисту чор шӯъба) истодааст. Хусусияти нави ин рисола на танҳо дар унсури зоҳирии он (баёни назмӣ), балки дар услуби талқини илми мусиқист. Чунин услуб дар дигар рисолаҳои анонимии асрҳои баъди замони Кавкабӣ низ вомехӯрад. Масалан, системаи аслии мақомро дар як рубоӣ ҷо мекарданд:

*Ушшоқи маро қади Ҳусайнӣ чу Рост,*
*Дар пардаи Бӯсалик, Раҳовиву Навост.*

*Чун гашт Бузург дар Исфаҳону Ироқ,*
*Зангула, Ҳиҷозу Кӯчак андар бари мост.* [Иқт. аз 3.131]

Ин баён чӣ бартарӣ дорад? Он ки баёни шеъриро аз ёд кардан осонтар аст. Дар ҳар мисраи ин мисол номи се мақом ҷо шудааст ва дар маҷмӯъ номҳои мақомҳои аслии Дувоздаҳмақом дар чаҳор мисраъ оварда шудаанд. Шогирд, ки ба тариқи шифоҳӣ-амалӣ

---

[8] Яке аз намояндагони ин мактаби ҳунарӣ Муҳаммад Иқболхон соли 2002 ба шаҳри Душанбе омада буд ва дар Толорҳои ДДСТ ба номи М. Турсунзода ва Сафоратхонаи Ҳиндустон дар Тоҷикистон бо барномаи консертӣ баромад намуд. Соли 2018 ӯ бо гурӯҳи худ дар Форуми Мақом (Шаҳрисабз, Ӯзбекистон) сазовори ҷои дуюм гардид. Муаллифи ин сатрҳо соли 2003 дар ш. Деҳлӣ дар мактаби суннатии рагахонии ӯ ба муддати як моҳ бо омӯзиши услуби тадрисии ин мактаб шинос шудааст.

[9] Ин рисолаи мусиқӣ аз муқаддима ва панҷ боб (мақолот) иборат аст. Се боби аввал даҳқисма буда, чаҳорум аз 4 қисм иборат аст. Хотимаи боби чаҳорум ёздаҳ мубҳасро дар бар мегирад. Таркиботи боби панҷум ҳафт қисм ва хотимаи хурд аст.

[10] Наҷмиддин Кавкабӣ муаллифи «Рисолаи мусиқӣ» низ ҳаст, ки дар он ҳам нуктаҳои нав доир ба таълифот ҷо доранд. Вале дар умум ин услуби суннатист. [13,43-58.].

дарси сарояндагиву навозандагиро меомӯзад, аз худ кардани номҳои мақомҳои аслиро дар шакли шеър хубтар қабул менамояд. Агар ба талқиноти дигари Дувоздаҳмақом рӯ оварем, он на танҳо номҳои мақомҳо, балки паиҳам омадани мақомҳоро низ таъкид мекунад:

*Зи ман бишнав даме, эй марди боҳуш*
*Чу бишнидӣ, макун дигар фаромӯш.*

*Нахустин мекунам аз Рост бунёд,*
*Ки мард аз ростӣ шуд аз гам озод.*

*Ҳусайниву Ироқ, он гаҳ Сипоҳон.*
*Пас аз Зангула, Ушшоқу Наво хон,*

*Ҳиҷозу Бусалик асту Раҳовӣ,*
*Ки дорам ёд аз тақрири ровӣ.*

*Дигар медон Бузург, он гоҳ Кӯчак,*
*Бигуфтам ҷумларо башмор як-як.*[13]

Ба ҳамин тариқ Кавкабӣ усулу буҳуру таркиботи Дувоздаҳмақомро хеле муфассалу равшан дар шакли хеле мухтасару пурмаънои шеърӣ мепазирад. Ин мусиқишиноси барҷаста худ донандаи илми мақом буд. Бинобар ин ба осонӣ чунин услубро пеш гирифт. Шакли мукаммалтарини баёни Кавкабиро олимони муосири имрӯз бо куллиёти ӯ мепайванданд. Куллиёти Кавкабӣ – намунаи олии баёни қоида дар шеър аст. Ӯ дар куллиёт системаи пурраи Дувоздаҳмақомро бо қоидаи паиҳамии он меоварад :

*Зи роҳи Рост, агар хоҳӣ, оҳанг мекунӣ ба Ҳиҷоз,*
*Зи Исфаҳон гузаре ҷониби Ироқ андоз.*

*Ба ноқа Зангула дар пардаи Раҳовӣ банд,*
*Ба Бӯсалик Ҳусайнӣсифат барор овоз.*

*Машав Бузург зи роҳи ниёз, Кучак бош,*
*Дар он мақом ба Ушшоқу Наво пардоз.*

*Гавашту Мояву Гардония чу бархонӣ,*
*Навоз пардаи Наврӯзу Салмаку Шаҳноз.*

*Ба ҷону дил шунав аз Кавкабӣ, кард баён*
*Ба чаҳор байт даҳу ду мақому шаш овоз.* [13]

Дар байти охирини куллиёт овардани маълумот дар бораи амали худ, ба хулоса меоварад, ки мақсади чунин баёни шеърӣ саъйест дар баёни мухтасару саҳеҳи маҷмӯи қоидаҳои иҷрокунандагӣ[11]. Дар умум баёни Кавкабӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар замони ӯ наздикшавии шеъру мусиқӣ ба марҳилаи нави худ расидааст. Дар анъанаҳои

[11] Истифодаи мусиқиву шеър дар сабақомӯзӣ, хусусан дар азхудкунии қоидаи фаннӣ ҳанӯз аз давраҳои қадим дар байни мардуми ҳиндуэронӣ густариш ёфта буд. Дар грамматикаи машҳури Панинӣ (қ. V то милод) қоидаҳои забону имлои калимаҳо ба таври шеърӣ ихчам оварда шуда, бо оҳангҳо суруда мешуданд. Китоби «Нисоб ус-сибён»-и Абӯнасри Фароҳӣ (қ.XIII), ки барои кӯдакону наврасон омӯзиши арӯзро пешниҳод менамояд, низ дар ин услуб буд. Аз он то чоряки аввали қарни XX дар мактаби суннатии устод-шогирд хеле фаровон истифода мебурданд. Шашмақомдони маъруфи тоҷик Фазлиддин Шаҳобов аз синни 5-солагӣ бо ин услуб сабақомӯзӣ мекард.[8, 64.]. Нависандаи маъруфи тоҷик Садриддин Айнӣ дар мактаб бо услуби сароиш қоидаҳои фанниро аз худ мекард. Ба толибилмони хурдсол чунин услуби таҳсил хеле хуш меомад. [19, 139].

рисоланависӣ ифодаи шеърии қоидаҳои мусиқӣ ва куллиёти Кавкабӣ шакли нави рисоларо ба вуҷуд овардааст. Ин сатҳи гузарише буд ба зинаи болотари тавъамии шеъру мусиқии классикии тоҷик дар охири қурунивусто (1). Аз тарафи дигар, рисолаҳои Наҷмиддини Кавкабӣ сатҳи дигари тафаккури мусиқиро намудор мегардонанд (2). Дар падидаи мақом мавқеъи шеъри классикӣ бо асоси зарбӣ ва мазмуни волои худ ба дараҷаи баландтарин баромад. Ва дар қиёс бо шаклҳои қаблии мақомоти тоҷик (Ҳафтпарда, Дувоздаҳмақом) ин навъи *тафаккури мусиқавӣ-назмӣ* аст. Зеро ки системаи сеюми мақомоти тоҷик – Шашмақомро, ки ҳамзамон силсилаи бузургҳаҷми беназир аст ва дар охири қарни XVIII ташаккул ёфтааст[12], метавон бо далелҳои дақиқ зодаи на танҳо мусиқӣ, балки назми классикии форсу тоҷик низ номид. Ташаккули заминаи Шашмақом ҳанӯз дар асрҳои XVI-XVII (ва ҳатто шояд аз асри XV, аз «Рисолаи мусиқӣ»-и Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ) оғоз гардидааст. Тафаккури нав ба пайдоиши шакли нави мақомоти тоҷик мусоидат кард ва Шашмақомро ба вуҷуд овард.

Шашмақом низ тибқи хусусиятҳои худ шакли нави рисолаи мусиқиро пешниҳод намуд, ки он *баёз* аст. Баёзнависӣ, хусусан, дар ибтидои қарни XIX ба рушди пуравҷи хеш даромад. Баёзҳои аввалин бештар асоси шеърии мақом ё жанри асари мусиқӣ бо шеър оварда мешуд. Шояд ин маҳдудият аз он буд, ки баёз танҳо як паҳлуи омӯзиши шифоҳии мақомро ташкил мекард. Ин маҳдудияти баёз ҳамеша маълумоти шифоҳиро дар назар дошт. Бо мурури замон хусусияти асосии баёз ҳамчун рисолаи мусиқӣ чунин зоҳир гардид, ки композитсияи асари мақомро банд ба банд оварда, зери он функсияи асосии ин қисмро гуфта, байти мутобиқшударо низ нишондод мекард. Чунин намунаи баёз дар фаъолияти мақомшинос, Устоди бузург Фазлиддин Шаҳобов (1911-1974) пайдо шуд.

Ва ин пайдошавӣ аз ихтироъи шакли нави баёз набуда, балки аз он буд, ки Устод Шаҳобов вазъи Шашмақом ва мактаби он – устод-шогирдро хеле хуб дарк кард.

Дар нимаи аввали қарни XX ҳанӯз мактаби устод-шогирди Шашмақом фаъолият мекард. Вале вазъи он рӯз то рӯз хеле хароб мешуд. Устодон-донандагони Шашмақом аз ҳаёт мегузаштанд. Чунин рафти кор ба нестшавии мактаб ва омӯзиши Шашмақом меовард. Чунин ҳам шуд. Насле пайдо мешуд, ки Шашмақомро танҳо аз рӯи сабтҳои устодони машҳур аз худ мекард, вале моҳияти онро аз дохил бо қонунҳои шаклсозиву мақомбандӣ намедонист. Маҳдуд кардани омӯзишро бо азхудкунии матни шеъриву мусиқавӣ Шашмақомро ба як навъи фолклор табдил медод. Тадриҷан илму мактаби он аз байн мерафт. Ин хатари пешомадаистодаро, албатта, қабл аз ҳама устоди асили ин санъати бузург хуб дарк кард. Устод Фазлиддин Шаҳобов дар Шашмақом рисолаеро навишт, ки он муфассалтарин аст дар шакли баёз. Ин рисола танҳо баъд аз 33 соли вафоти Устоди бузург нахустин бор рӯи чопро дид. Он аз тарафи муаллифи ин сатрҳо дар рафти омӯзиши мероси хатти(1000 саҳифагӣ)-и Устод байни маводҳои илмӣ пайдо карда шуд ва ҳамчун рисолаи мусиқӣ муайян гардид, ва бо тавзеҳот таҳти унвони «Баёзи Шашмақом» нашр гардид [21][13]. Рисолаи «Баёзи Шашмақом»-и Устод Фазлиддин Шаҳобов ягона рисолаест, ки дар давраи шӯравӣ таълиф гардидааст. Оид ба навиштани рисола худи муаллиф дар ягон ҷо сухане нагуфтааст. Дар мероси мусиқавӣ-илмии Устод низ ба он «либоси дигар пӯшонида шудааст». Онро Устод Шаҳобов дар шакли барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ овардааст. Ҳар як барнома бо калимаҳои калидии сенариявӣ ба монанди «дар кадр», «сухани баранда», «дар иҷрои ансамбл шунавед» ва диг. «муҷаҳҳазонида» шудааст. Воқеан, ин рисолаест, ки бо баёни илмии хеш дар қатори дигар баёзҳои Шашмақом назир надорад. Он мақолаҳоро дар бораи Шашмақом ва шӯъбаҳои алоҳидаи он дар бар гирифта, дар дохили мақола сохти композитсияҳои мақомиро хеле муфассал, банд-банд бо номҳои мусиқӣ-назариявии онҳо меоварад [23]:

[12] Нахустин бор ин замони пайдоишро мусиқишиноси маъруф Исҳоқ Раҷабов гуфтааст, ва то ҳол дар илми мусиқӣ ба ин нукта ягон иловае нашудааст. [15, 104].

[13] Соли 2011 ба муносибати 100-солагии Фазлиддин Шаҳобов ин рисола дар ҳудуди сеҷилдаи Фазлиддин Шаҳобов. Осор ва пажӯҳиш бори дуюм аз чоп баромад [22].

а) аз мақоми Рост: б) аз мақоми Бузрук:





4. *Саҳифаҳои дастнависи устод Фазлиддин Шаҳобов.*

Устоди асил мақсад гузоштааст Шашмақомро тибқи моҳияти он талқин намояд, то ки он ҳам ба шашмақомхон ва ҳам ба шунаванда фаҳмо шавад. Амалан, мусиқии классикӣ ё суннатии тоҷик чунин шунавандаро мепарастад ва ба он ҳамеша эҳтиёҷ дорад. Ин шунаванда дар ҷараёни шунидани мақом рафту равиши асарро амиқ фаҳмида, ҳамдами сарояндаву навозанда гардида, кайфияти хосаеро пайдо мекунад, ки ба бою ғанишавии фаҳмиши маънавии ӯ мусоидат мекунад. Маҳз ҳамин функсияи асосии Шашмақом аст. Ва устодони он мекӯшанд ин вазифаи Шашмақомро пурра иҷро кунанд. Бино бар ин, Устоди бузург Шаҳобов аз пайи тарбияи шунавандаи хосаи Шашмақом гардида, баёзи худро дар шакли барномаҳои радиовиву телевизионӣ омода мекард ва мегузаронид[14].

Дар баёзи Устод Фазлиддин Шаҳобов зери ҳар як хати сохтори шӯъбаи мақом байти ғазал оварда мешавад: бо ин васила бандҳои композитсионии асосии асари мақомӣ намудор карда шуда, аз тарафи дигар – сохти дохилии драматургӣ-композитсионии он асар пурра нишон дода мешавад. Ин талқини муфассалу мушаххас ҳам мутриб ва ҳам шунавандаро ба роҳи дурусти мақомфаҳмӣ равон месозад. Ин ҷо Сарахбори Бузургро бар ғазали Анварӣ аз талқиноти Устод Шаҳобов меоварем:

**Даромади Сарахбор – ду мисраъ**

*Эй, аз камоли ҳусни ту шавкқе дар офтоб,*
*Мӯят кашида доираи шаб бар офтоб.*

[14]Албатта, «рустӣ» навиштани ин рисола бо мураккабиёти давраи шӯравӣ низ вобастагӣ дошт. Фазлиддин Шаҳобов – ашрофзода, писари мударрис, бедилшиноси машҳури замон Абдураҳими Хатлонӣ, адабиётшиноси дарборӣ, бо «тарафдории рисоланависии услуби кӯҳна» беҷазо намемонд.

**Миёнхат – байти дуюм**

*Он ҷо, ки зулфи туст, ҳама сар ба сар шаб аст,*
*В-он ҷо, ки рӯи туст, ҳама яксар офтоб.*

**Бозгӯи аввал – байти сеюм**

*Богест орази ту , ки дорад ситорабор,*
*Сарвест қомати ту, ки дорад бар офтоб.*

**Аз Уззол – байти чаҳорум, мисраи аввал**

*Бар моҳ мушк дориву бар сарв – гулистон,*

**Аз Ушшоқ – мисраи сонӣ**

*Дар лола нӯш дориву дар анбар – офтоб*

**Муҳайяр – ду мисраи байти панҷум**

*Аз чеҳра офтобиву в-аз бӯса шаккарӣ,*
*Бас лоиқ аст бар шакарат ҳамсар офтоб.*

**Авҷи Муҳайяр – байти шашум, мисраи аввал**

*Холест бар рухи ту, ба ном Эзид, он чунон-к,*

**Супориши Муҳайяр – мисраи сонӣ**

*Хоҳад ҳаме зи хубии ӯ зевар офтоб.*

**Бозгӯи дуюм – байти ҳафтум**

*На-шгифт, агар нависадӣ ин шеъри Анварӣ,*
*Бар рӯи рӯзгор ба оби зар офтоб* [22, 16-17.]

Устод дар қатори чунин банду басти шеъру мусиқӣ, услубҳои силсиласозиву мақомбандиро хеле муфассал овардааст. Дар баробари ин истилоҳоти рисола хеле мушаххас буда, аз ҷиҳати нишондоди функсионалии ҳар як таркибот равшану амиқ аст. Рисолаи Фазлиддин Шаҳобов – рисолаи устоди бузурги Шашмақом аст. Онро метавон пурра (бидуни ягон илова) дар амалияи мусиқии Шашмақом истифода бурд.

Ҳамин тавр, агар ба таърихи рисоланависии тоҷик (Шарқ) назар афканем, шаклҳои зеринро муайян карда метавонем:

- ҷадвали раҳнамунӣ (а.VI-VII)
- рисолаҳои академӣ (а.VIII-XV)
- шарти мутрибӣ (а.VIII-XV)
- куллиёт (а.XVI-XVIII)
- баёз (а.XIX-XX)

Аз онҳо танҳо шакли илмӣ-назариявӣ (аксаран қисми донишномаҳои энсиклопедӣ), мусиқиро бештар назариявӣ, ҳамчун илм талқин медиҳад. Шаклҳои дигари рисола бевосита бо ҷараёни таълимии мактаби суннатии устод-шогирд зич алоқамanданд ва назарияи амалиро меомӯзонанд. Ин рисолаҳо характери амалӣ доранд. Вале ҳарду навъ – ҳам назариявӣ ва ҳам назариявӣ-амалӣ ҳадафи асосии мусиқӣ – таълифи асари мусиқӣ ва иҷрои мусиқиро пайғирӣ менамояд. Фарқият ҳамин аст, ки рисолаи амалӣ (ҷадвал-раҳнамо, шарти мутрибӣ, куллиёт, баёз) дар равияи амалӣ ҳамчун дастури таълимӣ, китоби дарсӣ истифода шуда, омӯзиши шифоҳии мустақими шогирдро аз тарафи устод ҳамеша дар назар дорад.

Якчанд сухане оид ба ҳудуди таърихии пайдоиши жанри рисола гуфта мегузарем. Мусиқишиносон, одатан, ҳудуди таърихии рисоланависиро зимни мақомот ба қарнҳои IX-XIX тааллуқ медиҳанд [15, 3; 20.]. Манзури мо ба ин нукта дигар аст. Ин ҷо онро дар таърихи мақомоти тоҷик то ба қарнҳои тоисломӣ пайвастем. Шакли ҷадвали раҳнамунӣ бо далелҳои фавқуззикр ба ин жанр тааллуқ дониста шуд. Эҳтимолияти бузург аст, ки шаклҳои хаттӣ низ он замон вуҷуд доштанд. Мутассифона, имрӯз дастрасӣ ба нусхае аз он надорем. Вале решаҳои қадими таърихии равобити ҳинду эронӣ аз он шаҳодат медиҳанд. Аввалӣ он, ки бидуни шак дар баробари ҳунари мусиқачиёни ҳиндӣ, илми он низ ба эрониён шинос буд (1). Ва дуюмӣ, коркарди системаи мусиқии Ҳафтпарда бидуни коркарди илмӣ (рисолаи мусиқӣ) ба вуҷуд наомадааст (2).

Бо овардаи далелҳои боло, метавон гуфт, ки дар таърихи мусиқии тоҷик анъанаи рисоланависӣ зимни мақомот давраи қарнҳои VI-XX-ро фаро мегирад.

Адабиёт


1. Абдурахман Джами. Трактат о музыке. – Ташкент: Изд АН УССР. – 1960. – 111 с.
2. Абдураҳмони Ҷомӣ. Рисолаи мусиқӣ.//Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор. Ҷилди ҳаштум. – Душанбе:«Адиб». – 1990. – С. 231-266.
3. Азизи Ф. Маком и Фалак как явления профессионального традиционного музыкального творчества таджиков. – Душанбе:«Адиб». – 2009. – 398 с.
4. Азизи Ф.А. Трактат о музыке Амира Хусрава Дехлави и его значение в музыкальной культуре. // Значение Амира Хусрава Дехлави ва культуре Центральной Азии. Сб. мат. совместной конф. института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия Академии наук РТ и МИЦАИ (ЮНЕСКО) – Душанбе, 2013. – С.23-40.
5. Азизова Ф. К вопросу об исторической взаимосвязи музыкальных традиций Индии и Таджикистана в древности. //Борбад, эпоха и традиции культуры. Сб. ст. – Душанбе,1989. – С. 153-157.
6. Азизова Ф. Шашмаком и рага. Краткий кампаративистский анализ. – Душанбе, 1999. – 166 с.
7. Алиханова Ю. К вопросу о музыкальной эстетики Индии. //Музыкальная эстетика стран Востока. Сб.ст. – Ленинград: «Музыка». – 1967. – С. 35-63.
8. Афзаҳзод А. Мавҷи сурур.// Шаҳобов Ф. Осор ва пажӯҳиш. Ҷ.II. – С. 62-98.
9. Ахвледиани В. О языковедческом наследии Ибн Сины. // Абу Али ибн Сина. К 1000-летию со дня рождения. – Ташкент: «Фан». – 1980. – С.201-211.
10. Волкова О.Ф. Описание тонов индийской музыки. // Ученые записки Тартуского университета. Вып.181. Труды по знаковым системам. 2. 1965.
11. Вызго Т.О вкладе Ибн Сины в мировую музыкальную науку. //Абу Али ибн Сина. К 1000-летию со дня рождения. – Ташкент: «Фан». – 1980. – С.189-201.
12. Джумаев А. Трактат о музыке Мухаммад Нишапури – ранний источник по системе Дувоздахпарда: история изучения, проблемы датировки, атрибуции. // ФАЛАК: услуби пажӯҳиш ва омӯзиш. Маҷм. мақ. Маводи IV-мин симп. байнлмилалии Фалак. – Душанбе:«Адиб». – 2015. – С.81-132.
13. Кавкабӣ Н. Рисолаи мусиқӣ. Рисола дар баёни Дувоздаҳмақом. Бо тавзеҳоти А. Раҷабов. – Душанбе: «Ирфон». – 1985. – 144 с.
14. Музыкальная эстетика стран Востока. Нед. В.Шестакова. – Ленинград: «Музыка». – 1967. – 414 с.
15. Раджабов И.Р. Макомы. Авт. д-ра иск-ния. – Ташкент-Ереван. – 1970. – 215 с.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Дар 2 ҷилд. Муҳаррирон М.Шукуров, диг. – Москва: «Сов. энцикл.». – 1969.
17. Ҳусайнӣ З.М. Қонуни илмӣ ва амалии мусиқӣ.//Осори тамаддуни хаттӣ. Ҷ.III. Тавзеҳоти А. Раҷабов – Душанбе:«Дониш». – 1987. – 336 с.
18. Турсунов А. Эҳъёи Аҷам. – Душанбе: «Ирфон». – 1984. – 208 с.
19. Шагинян М. Человек и время. История человеческого становления.// Шагинян М. Собр.соч. Т.1. – Москва: Изд.лит. – 1986. – 719 с.

20. Шамилли Г. Эволюция иранской классической музыки в зеркале жанра рисалаи мусики//ФАЛАК ва масъалаҳои таърихӣ-назариявии мусиқии тоҷик. Маҷм. мақ. – Душанбе:«Адиб». – 2009. – С.140-160.
21. Шаҳобов Фазлиддин. Баёзи Шашмақом. Мураттиб ва муаллифи тавзеҳот Ф. Азизова. – Душанбе: «СИЭМТ». – 2007. – 288 с.
22. Шаҳобов Фазлиддин. Осор ва пажӯҳиш. Дар се ҷилд. – Ҷилди 1. Баёзи Шашмақом. Нашри дуюм. Ҷилди 2. Шиҳоби Шашмақом. Нашри дуюм. Ҷилди 3. Мақолаҳо, тақризҳо, санадҳо. – Душанбе: «ЭР-Граф» – 2011.
23. Шаҳобов Ф. Осори хаттӣ. Факсимиле. Дар 2 ҷилд. – Душанбе: СИЭМТ. – 2021.

ТДУ 1:781.9 (092) (575.3)

## Саҳми Мубораки Вахонӣ дар мусиқии суннатии тоҷик

*Чоршанбе Ғоибназаров, PhD.*

Ин мақола дар бораи мутрибу ҳунарманд, шоир, хаттот, наққош, мунаҷҷиму ихтирокор ва файласуфи охирҳои асри XIX Муборакқадами Вахонӣ[15] мебошад, ки мусиқиро барои тарбия намудани олами ботинии худ истифода бурдааст ва барои насли имрӯза мероси фарҳангии бойро боқӣ гузоштаанд. Дар мақола маълумот дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Мубораки Вахонӣ ва саҳми ин файласуф дар мусиқии суннатии мардуми Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони (минбаъд ВМКБ) Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Мубораки Вахонӣ дар яке аз водиҳои дурдаст, водии Вахони ВМКБ умр ба сар бурдааст. Дар сарчашмаҳои таърихии адабию илмӣ маълумот дар бораи ин ҳунарманд хеле кам ба назар мерасад ва сабаби аслӣ шояд ба қавли Саодатшои Матробиён, ки тадқиқоти мукаммалро дар бораи ин ҳунарманд гузаронидааст, кам будани иртибот бо доираҳои адабӣ ва илмии охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX мебошад.[16] Аввалин маълумотро мо дар бораи ин ҳаким ва ҳунарманд дар кори Фазлалибеки Сурхафсар мебинем, ки дар асари худ “Таърихи Бадахшон” бузургии Мубораки Вахониро тавсиф намуда, мегӯяд:[17]

*Ай Муборак ба ту офарин*
*Насибат кунад ҳуру хулди барин*
*Ту ай покдоман гирифтӣ сабақ*
*Ҳар он чӣ гирифтӣ навиштӣ варақ.*

Дар замони Шӯравӣ бошад, муҳаққиқони рус ба омӯзиши забону фарҳанги мардуми тоҷик таваҷҷуи хос доштанд ва аввалин касе, ки роҷеъ ба Мубораки Вахонӣ ва мероси адабии ӯ дар он замон маълумот додааст ва шӯҳрати ӯро дар илми адабиётшиносӣ бароварда буд, адабиётшиноси собиқ Шӯравӣ А.С. Бертелс мебошад.[18] Муҳаққиқи мазкур дар замони фаъолияти илмӣ намудан дар Помир (1959-63), маҷмӯаи дастхатҳои нодири

[15] Чун дар асарҳои дигари илмӣ ва адабӣ номи Муборакқадами Вахонӣ ба шакли Мубораки Вахонӣ маъмул аст, дар ин мақола низ минбаъд Мубораки Вахонӣ навишта мешавад.
[16] Матробов С.Қ. Рӯзгор ва осори Муборакқадами Вахонӣ. – Душанбе, 2010. – С. 4.
[17] Фазлалибеки Сурхафсар, Сангмуҳаммад Бадахшӣ. Таърихи Бадахшон (История Бадахшана). Муҳаррир ва тарҷумон, Александр Болдирев. – Москва, 1990.
[18] Бертельс А.С. Находка рукописей на Памире// Народы Азии и Африки, 1961 №2. – с. 234-236.

мардуми Бадахшонро тартиб дода буд, ки дар байни онҳо ҳафт асари Мубораки Вахонӣ низ ҷой доштанд. Баъдтар адабиётшиноси шинохтаи тоҷик шодравон Амирбек Ҳабибов ба тадқиқи адабиёти мардуми ВМКБ машғул шуда, дар асарҳои худ "Ганҷи Бадахшон" ва "Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон" иттиллои бештареро дар бораи Мубораки Вахонӣ ба табъ мерасонад. Ҳабибов қайд намудааст, ки Муборак тақрибан дар солҳои 1833-1843 ба дунё омадааст ва аз хурдиаш ба донишомӯзӣ машғул буда, ҳунарҳои дигар ба мисли хаттотӣ, наққошӣ ва санъати мусиқиву ҳофизиро низ касб намудааст.[19] Ҳабибов бештар маҳорати шоирии Мубораккро мавриди таҳлил қарор додааст ва ишора мекунад, ки ҳамаи назми то имрӯз дастрасшудаи Муборак аз 49180 иборат мебошад.[20]

Сипас, муҳаққиқони дигари рус ва тоҷик низ ба омӯзиши фаъолияти Мубораки Вахонӣ таваҷҷуъ зоҳир намуда, мақолаҳо таълиф намудаанд.[21] Аввалин муҳаққиқоне, ки роҷеъ ба ҳунари мусиқинавозӣ ва ҳунари наққошии Мубораки Вахонӣ ишора намудаанд, А.З. Розенфелд ва А.И. Колескинов мебошанд. Онҳо дар мақолаашон низ оид ба хонаи истиқоматии ин ҳунарманд ва нақшу нигор дар он маълумот додаанд.[22] Маҳорат ва шуҳрати Мубораки Вахонӣ аз назари муҳаққиқони маҳалӣ низ дар канор намонда, диққати онҳоро ҷалб месозад ва аз соли 1991 то имрӯз тадқиқотчиёни маҳаллӣ мақолаҳои публисистӣ, рисолаҳои дипломӣ ва номзадӣ ҳимоя намудаанд ва китоб таълиф намуданд. Яке аз ин нафарон Одил Толибов, мухбири рӯзномаи "Бадахшони Советӣ" мебошад, ки ба зодгоҳи Мубораки Вахонӣ, деҳаи Ямги водии Вахон сафар мекунад. Дар ин сафари худ ӯ бо калонсолони деҳа ва наздикони Мубораки Вахонӣ суҳбат намуда, очерки худро нашр месозад.[23]

Баъдтар омӯзгори мактаб дар водии Вахон, Аловатшои Қурбоншо мақолаеро бо номи "Пешгузаштагони Муборакқадам" дар рӯзномаи "Зиндагӣ" доир ба ҳаёти Мубораки Вахонӣ нашр мекунад. Ӯ зикр мекунад, ки "Муборакқадами Вахонӣ зодаи деҳаи Ямги водии Вахон буда, гузаштагонаш аз Зебоки Бадахшони Афғонистон мебошанд."[24]

Доираи омӯзиш ва тадқиқи ҳаёт ва фаъолияти Мубораки Вахонӣ бештар гардида, аввалин рисолаи илмӣ доир ба рӯзгор ва осори Мубораки Вахонӣ соли 1999 дар Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ аз ҷониби Саодатшо Матробов дифоъ мешавад. Дар рисолаи илмӣ маълумоти тоза ва нав пешниҳод мегардад. Аз он ҷумла мавҷудияти 12 асари адабии шоир ошкор мешавад. Ин рисолаи илмӣ танҳо соли 2010 ба шакли монография дар шаҳри Душанбе ба табъ мерасад.[25] Муҳаққиқони ҷавон аз маҳалли худи Мубораки Вахонӣ ба тадқиқот машғул гардида ва аввалин рисолаи докторӣ ба забони англисӣ дар Донишгоҳи Кембриҷ бо қалами Абдулмамад Илолиев, ҳамзодгоҳи шоир навишта шуд ва сипас, дар соли 2008 Илолиев китобе бо номи "The Ismaili-Sufi Sage of Pamir: Mubarak-i Wakhani and the Esoteric Tradition of the Pamiri Muslims" нашр мекунад, ки муаллиф дар ин китоб ба таври мукаммал ҳасби ҳол ва фаъолияти эҷодиву илмии Мубораки Вахониро мавриди таҳлил қарор додааст.[26]

Мубораки Вахонӣ чун як нобиғаи замони худ буд ва барои насли оянда мероси зиёде боқӣ гузоштаанд, таввааҷҷуҳи ҳамватанони хешро низ барои ҳифз, омӯзиш ва ба насли оянда расонидани ин мероси адабӣ, илмӣ ва фарҳангии ин марди бузургвор ҷалб сохта, осорхонаеро дар боғи шахсии Мубораки Вахонӣ таъсис медиҳанд ва имрӯз он

[19] Амирбек Ҳабибов. Ганҷи Бадахшон – Душанбе, 1972. – С. 275-276.
[20] Ҳамон асар, с. 277.
[21] Бакаев М. В поисках восточных рукописей// Народы Азии и Африки, 1962, №3. – стр. 238-239.
[22] Розенфелд А.З., А. И. Колесников А.И. Краткие сообщения и заметки. – Эпиграфика Востока, т. XVI. – Москва: «Наука». – 1963. – С.130-131.
[23] Толиббеков О. Вассофони Бадахшон. – Хоруғ, 1991. – С.77.
[24] Аловати Қурбоншо. Пешгузаштагони Муборакқадам // Зиндагӣ. – 1996, №6 – С.1.
[25] Матробов С. Рӯзгор ва осори Муборакқадами Вахонӣ. – Душанбе, 2010.
[26] Abdulmamad Iloliev. The Sufi-Ismaili Sage of Pamir: Mubarak-i Wakhani and the Esoteric Tradition of the Pamiri Muslims. – Cambria Press, 2008.

барои мардуми дохил ва хориҷи кишвар хизмат мекунад. Роҳбарӣ ва кори ин осорхонаро яке аз наберагони Мубораки Вахонӣ Ҳайдари Маликмамад ба уҳда дорад ва дар ин осорхона тамоми мероси гаронбаҳои Муборак аз қабили асарҳои эҷодкардаи ӯ, ки дар коғази худаш истеъсол кардааст, маҳфуз мондааст.

Бояд қайд намуд, ки то ин муддат ҳаёт ва фаъолияти Мубораки Вахонӣ ҳамчун шоир ва файласуфи замони худ аз тарафи адабиётшиносон ва муҳаққиқони дар боло зикргардида омӯхта шуда, таваҷҷуҳи бештар ба ин нобиғаи замон ҳамчун шоир ва файласуф дода шудааст. Бо вуҷуди ин, кор ва ихтироъкории ин марди бузург дар илми мусиқии суннатии тоҷик то ҳанӯз таҳлилу тадқиқ нашудааст. Мақолаи банда махсусан ба омӯзиши эҷодкориву ихтироъкории Мубораки Вахонӣ ва саҳми он дар мусиққии суннатии мардуми тоҷики Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон равона шудааст ва масъалаҳои мавқеи мусиқӣ дар ҳаёти Мубораки Вахониро мавриди таҳлил қарор медиҳад.

**Ҳунари мусиқӣ ва мусиқидонии Мубораки Вахонӣ**

Мусиқӣ дар ҳаёти мардуми тоҷик аз қадим нақши муҳиме бозӣ мекард ва тоҷикон созандагони умдатарин созҳои мусиқӣ буда, дар санъати эҷодию иҷрои мусиқӣ ҳам ҳунари волое доштаанд. Махсусан мардуми Бадахшон аз замонҳои қадим ба мусиқӣ дилбастагии хосса дошта, зиндагии ҳаррӯзаи фарҳангӣ ва иҷтимоиашон бо мусиқӣ робитаи мустаҳкаме доранд. Жанрҳои мусиқӣ чун фалак, даргилик, булбулик, лалаик, мадҳия ва қасида аз оғози зиндагӣ то анҷоми он дар ҳаёти ин мардум нақши бориз доранд.

Мубораки Вахонӣ ҳам дар муҳит ва мавзее чашм ба олами ҳастӣ кушодааст, ки фарҳангу касбу ҳунар ва шеъру шоирӣ дар он қадру манзалате дошт. Ӯ дар деҳаи Ямги водии Вахон ба дунё омадааст ва дар ин деҳа ба воя расидааст. Ба гуфтаи баъзе муҳаққиқон авлодони Мубораки Вахонӣ аз Хуросон ба водии Вахон кӯчида омадаанд, ки хеле донишманд буданд ва вазифаҳои боломақоми он замон ба мисли қозӣ, мингбошӣ ва халифаро ба уҳда доштанд. Мубораки Вахонӣ низ ирси донишманду закӣ буданро аз авлодонаш ба мерос гирифтааст, ки Қуръонро дар синни шаш солагӣ пурра ҳифз намудааст ва дар ин кор нақши падараш хеле бузург будааст. [27] Чун ба камолот мерасад ҳунарҳои дигареро аз қабили сангтарошӣ, наққошӣ, чӯбтарошӣ ва мусиқидониро аз худ менамояд. Ӯро имрӯз ҳамчун шоир, нуҷумшинос, наққош ва мусиқидон мешиносанд. Ҳамаи асарҳои эҷодкардаашро дар вараққое, ки худаш истеҳсол мекардааст, навишта ба мерос гузоштааст. Шаҳодати кори нуҷумшиносии Мубораки Вахонӣ, санги офтоббин ва санги нишон, ки то имрӯз барои муайян намудани рӯзи дақиқи омадани Наврӯз истифода бурда мешавад, мебошанд. Ҳунари наққошии эшонро метавон дар сақфу сутунҳои чиллахона ва хонаи зисташ ва инчунин, саҳифаҳои китобҳои ӯ дид. Дар ин бора ӯ дар навиштаҷоти сутуни яке аз ҳуҷраҳояш, ки соли 1892 бо дасти худ ҳаккокӣ намудааст менависад:

*Кашидам чанд ҳарфи машқиёна,*
*Бимонад ёдгори ҳар замона*
*Ҳазору сесаду даҳ буд гуфтам,*
*Ки дар моҳи сафар монад нишона.*

Мусиқӣ низ яке аз падидаҳо ва ҳунарҳои муҳиме буд, ки дар ҳаёти маънавии Мубораки Вахонӣ нақши муҳим дошт. Ӯ мусиқиро ҳамчун як омили худшиносӣ, маърифат ва расидан ба шинохти олами ирфонӣ медонист ва роҳи бузургеро дар ин ҷода тай намуд, ки боис шуд лақаби суфиро касб намояд. Мусаллам аст, ки мусиқӣ дар ҳаёти мардуми мусулмон нақши умдае дошт ва то имрӯз дар бисёре аз кишварҳои олам мусиқиро пайванде барои расидан ва дарк намудани олами ирфонӣ маҳсуб медонанд.

[27] Abdulmamad Iloliev. The Sufi-Ismaili Sage of Pamir: Mubarak-i Wakhani and the Esoteric Tradition of the Pamiri Muslims. – Cambria Press, 2008. – P. 63.

Масалан, Мавлавӣ ва рақси само дар байни мардуми Шарқи Миёна, қавволӣ[28] мусиқии мардуми Осиёи Ҷанубӣ, ки дар илм бо истилоҳи "мусиқии сӯфиёна" машҳуранд, мисоле аз анъанаҳои иҷрои мусиқии ирфонӣ мебошанд.[29] Бояд қайд кард, ки мусиқии ирфонӣ решаи амиқе дар фарҳанги мусиқии мардуми тоҷик дошта, дар асоси анъанаҳои мусиқии замони то ислом шакл гирифта, дар замони инкишофи дини ислом рушд карда, ва то замони мо омада расидааст.[30]

Дар Бадахшон низ анъанаҳои суфиёна ва орифона хеле ривоҷ ёфтааст ва дар бисёре аз маросимҳо, ба хусус рӯзи мотам, мусиқӣ нақши хосае дошта, бештар хусусияти орифона касб кардааст. Дар ин вақт ашъори шоирони тасаввуф бо оҳанг ва созҳои махсуси мусиқӣ иҷро мешаванд, ки шунавандаро ба худшиносӣ ва худошиносӣ водор месозад. Мубораки Вахонӣ низ ба мисли дигар орифон мусиқиро ҳамчун василаи расидан ба ҳақиқат ва маърифати худшиносӣ ва худошиносӣ истифода бурдааст. Дар Бадахшон ин навъи мусиқӣ бо номи қасоидхонӣ ва ё мадҳияхонӣ роиҷ аст, ки саҳми Муборакӣ Вахонӣ низ дар эҷод, ихтироъкорӣ ва сохтани асбобҳои мусиқии вобаста ба ин навъи мусиқӣ хеле бузург аст.

Бояд қайд намуд, ки дар маросими қасоидхонӣ бештар ашъори шоирони классикии форсу тоҷик ба мисли қасида, ғазал, рубоӣ, мухаммас ва ғайра бо созҳои маҳаллӣ, рубоб, танбур ва даф сароида мешавад, ки дар байни мардум он бо маҳфили қасоидхонӣ ва ё мадҳияхонӣ маъмул гаштааст. Қасидаро яке аз жанрҳои адабии замони пеш аз исломии Арабистон меҳисобанд, ки дар васфи шоҳон, пайғамбарон ва шахсони мӯътабар эҷод мегардид.[31] Ҳамчуи истилоҳи арабӣ шояд қасидаро метавон марбути замони пеш аз исломии Арабистон донист, аммо ҳамчун жанри адабӣ ин навъ ашъор дар байни форсизабонҳо ҳанӯз пеш аз ислом, ки онро фаҳлавик (паҳлавӣ) меномиданд, роиҷ буд ва аз ҷониби Борбад сароида мешуд ва он ҳам шакли мадҳияро дошт.[32] Доираи густариши чунин шакли жанрҳои адабӣ дар аввалҳои асри X васеъ гардида, мардуми форсизабонон шаклҳои гуногуни онро эҷод намуданд. Масалан, шоирони Форс шаклҳои дигари қасида, ба мисли баҳория, хамрия, хазония, тардия ва мадҳияро эҷод намуданд, ки бахши мадҳиясароии он ҳамчун як падидаи хоси фарҳангӣ дар фарҳанги мардуми Осиёи Марказӣ арзи вучуд намуд[33] ва ҳамчун як сарчашмаи маънавие буд барои шинохти дини Ислом, маърифат ва худшиносӣ.[34] Рафта-рафта ин анъана ҷузъи ҳаёти фарҳанги маънавӣ дар маросимҳои гуногуни мардуми Осиёи Марказӣ мавриди иҷроиш қарор гирифт,[35] бахусус дар Бадахшон он бо шаклҳои гуногун, ба мисли қасоид, маддоҳ, ҳайдарӣ равнақу ривоҷ ёфт ва ҷузъи муҳими ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ин мардум ба ҳисоб меравад.

Муборакӣ Вахонӣ низ яке аз ҳунармандони ин навъи мусиқӣ буд, ки ашъори орифонаашро бо оҳанги хос иҷро намуда, бо ин василa ишқи орифонаашро иброз медошт. Шоҳиди гуфтаҳои боло рубоби баландмақом, ки аз ҷониби Муборакқадами Вахонӣ ихтироъ шудааст, мебошад. Чунон ки қайд намудем, ӯ дар баробари мунаҷҷим ва шоир буданаш, донандаи мусиқӣ буда, санъати хуби навозандагӣ дошт. Маҳорати чубтарошӣ ва дарки баланди мусиқидонӣ ӯро водор намуд, то баландмақомро ихтироъ намуда, қасидаҳои орифонаашро иҷро намуда, ба маърифати ваҳдати вуҷуд расад.

---

[28] Ҳазрат Амир Хусрави Деҳлавӣ, мансуб ба равияи сӯфиёнаи Чиштиро, ихтироъкори ин жанри мусиқӣ медонанд. Ниг.: Азизова Ф.А Шашмаком и Рага. Краткий кампаративиский анализ. – Душанбе, 1999. – С.57.

[29] Leonard Lewisohn. The Heritage of Sufism: The Legacy of Medieval Persian Sufism (1150-1500). Oxford: One World, 1999. – P. 277- 287

[30] Низомов А. Суфизм в контексте музыкальной культуры народов Центральной Азии. – Душанбе, 2000. – С. 23.

[31] Stefan Sperl and Christopher Shackle, eds. *Qasida Poetry in Islamic Asia and Africa: Classical Traditions and Modern Meanings*, vol. 1 (Leiden, New York: E.J. Brill, 1996).

[32] Иностранцев К.А. Сасанидский праздник весны.[электроный ресурс]: (по книге «Магия Навруза». Алматы, 2007). Режим доступа: www.safarabdullah.kz/img/books/Магия%20Навруза.pdf (Дата обращения: 26.02.2019)

[33] Амирбек Ҳабибов. Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон. – Душанбе, Ирфон. 1974.

[34] Peter B Golden, *Central Asia in World History* (New York: Oxford University Press, 2011), 66-74.

[35] Djumaev A., "Religious Music and Chant in the Culture of Sedentary-Dwellers", in *The Music of Central Asia*, eds. Theodore Levin, Elmira Kochumkulova and Saida Daukeyeva, (Bloomington: Indian University Press, 2016), 286.

**Баландмақоми Мубораки Вахонӣ**

Рубоби баландмақом[36] аввалин асбоби мусиқии сохтаи ӯ мебошад, ки намуди ҷолибу ягона ва садои форам дорад. Имрӯз ин соз таърихи беш аз 200-сола дошта, дар хонаи яке аз наберагонаш, дар деҳаи Ямги водии Вахон дар ҳолати хуб нигоҳдорӣ ва навохта мешавад. Санъатшиносони машҳури тоҷик, шодравон Низом Нурҷонов ва Ф. Кароматов дар қисми якуми китоби худашон «Музыкальное искусство Памира» қайд кардаанд: «Мубораккадам рубоби баландмуқомро дар асоси рубоби баландзикоми помирӣ ва рубоби афғонӣ дар шакли тамоман дигар сохтааст».[37] Рубоби баландмақом аз чӯби дарахти зардолу сохта шуда, аз косахона, хазина, тана, сарпанҷа, торгирҳо ва харак иборат аст. Дарозии умумии баландмақом 102-105 см, дарозии косаи он ҳамроҳи хазина 72 см, қутри косаву хазина 25-30 см, васеъгии хазина 20-30 см, дарозии тана 18-20 мебошад. Ин асбоби мусиқӣ аз 7 тори асосӣ ва 12 тори иловагӣ иборат аст. Торҳои иловагӣ дар ду тарафи хазинаи соз кашида шудаанд. Бино бар гуфтаҳои Ф. Кароматов ва Н. Нурҷонов, ки аз калонсолони деҳаи Ямг дар вақти экспидитсияи тадқиқотиашон гирд овардаанд, менависанд: «Мубораккадам баландмақомро сохта тамом кард, вале ҷӯр кардану навохтан дар ин сози мусиқӣ барояш мушкил буд. Бинобар мири деҳаи Яхшиволро даъват намуданд. Бо ҳамроҳии он кас Мубораккадам баландмақомро ҷӯр намуданд ва навохтанд. Ҳангоми навохтан соз чунон садои баланди форам дошт, ки атрофро фаро гирифт».[38] Имрӯз баъзе аз сокинони деҳа бовар доранд, ки ба хотири садои баланд доштани ин соз онро баландмақом ном гузоштанд. Шояд ба хотири садои баланд доштанаш чунин ном гирифтааст, аммо Мамадбек, яке аз наздикони Мубораккадам, ки дар баъзе маҳфилҳои фарҳангӣ ин сози мусиқиро менавозаду аз ашъори худи Мубораки Вахонӣ қасида месароядʼ мегӯяд: “ин созро барои он баландмақом ном ниҳоданд, ки ҷойгоҳаш дар ҳаёти Мубораки баланд буд. Як сози мусиқии хосе буд, барои Мубораки Вахонӣ, ки ба воситаи ин соз ӯ бо олами ирфонӣ розу ниёз мекард.”[39] Бояд қайд кард, ки маъно ва арзиши мусиқӣ ва сози мусиқӣ дар натиҷаи робитаи онҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ин ё он халқ ба вуҷуд меояд ва ё худи навозандагону мусиқичиён вобаста ба завқ, фаҳмиш ва ихтироъкории худашон ба вуҷуд меоранд. Баландмақоми Мубораки Вахонӣ низ дар натиҷаи дарки амиқи олами худӣ ва маърифати худошиносии ӯ тавлид шудааст ва имрӯз баёнгари на танҳо олами маънавии як фард, балки нишонгари тамаддунофарӣ ва фарҳанги маънавии як деҳа, минтақа, халқ ва давлату миллат ва ҳуввияти онҳо мебошад.

Сози дар боло зикршуда, ки барои маросимҳои хоси орифона истифода мешаванд, бештари қисматҳои таркибиашон аз қисмҳои узви ҳайвонот истифода шудаанд. Масалан барои косахонаи ин созҳо пӯсти гӯсола, барои торҳои он рӯдаи гӯсфанд истифода шудааст. Бояд қайд намуд, ки гӯсфанд ва буз аз замонҳои қадим, бахусус дар фарҳанги неолитӣ дар бисёре аз манотиқи ҷаҳон мавқеи муҳим доштанд. Мавқеи муҳими ин ҳайвонотҳо дар маросимҳои динию фарҳангии мардуми қаторкӯҳҳои Помир, Ҳиндукуш ва Ҳимолой тавассути муҳоҷирати ориёнажодҳо пайдо шудааст[40] ва то ин замон дар

[36] Хеле ҷолиб аст, ки Мубораки Вахонӣ сози ихтироъкардаашро «рубоб» меномад. Ҳол он ки «рубоб яке аз маъмултарин ва иззатмандтарин сози аҳли тасаввуф маҳсуб меравад ва он дар роҳи покшавии аҳли тасаввуф хеле фаъол истифода бурда мешавад» Ниг.: Азизова Ф. Шашмаком и Рага... – С.57.

[37] Кароматов Ф., Нурджанов Н. Музыкальное искусство Памира. Книга первая. – Душанбе, 2010. – С.15.

[38] Ҳамон ҷо, с. 16.

[39] Аз сӯҳбатҳои Мамадбек, ки дар соли 2012 ҳамроҳи ӯ дар хонааш дар бораи мусиқии ирфонии Мубораккадам сӯҳбат намудем.

[40] Maria Schetelich, “Sheep and goat in the religious beliefs of Rgvedic people,” in *Wissenschaftsgeschichte und gegenwärtige Forschungen in Nordwest-Indien: internationales Kolloquium vom 9. bis 13. März 1987, Herrnhut,* eds. Lydia Icke-Schwalbe and Gudrun Meier (Dresden: Staatliches Museum für Völkerkunde Dresden Forschungsstelle, 1990), 90–99; Louis Dupree, *Afghanistan* (Princeton: Princeton University Press, 1980); and Elena Efimovna Kuz’mina, *The Origin of Indo-Iranians*, ed. J.P. Mallory (Leiden and Boston: Brill, 2007).

фарҳанги мардуми Осиёи Марказӣ мавқияташонро аз даст надодаанд.[41] Ин анъана имрӯзҳо дар фарҳанги мардуми кӯҳистони Тоҷикистон[42] ва шимоли Афғонистон[43] ба хусус дар санъати мусиқӣ ва рақси онҳо хело возеъву равшан инъикос ёфтааст. Дар ҷойҳои мухталифи Бадахшон, гӯсфанд нисбат ба дигар ҳайвонҳои хонагӣ мавқеи хос дошта, барои гузаронидани баъзе маросимҳо ба мисли сохтани хонаи нав, овардани арӯс ба хона ва маросимҳои динӣ (иди Қурбон) маҳз гӯсфандро қурбонӣ мекарданд.

Аз рӯдаи гӯсфанд бошад тор барои рубоб ва танбур тайёр мекарданд. Бино бар ақидаи санъатшиносони тоҷик Кароматов Ф. ва Нурҷонов Н. асбобҳои мусиқие, ки торҳои рӯдаи гӯсфанд доранд, мардуми Бадахшон "созҳои биҳиштӣ" меномиданд ва он созҳои мусиқие, ки тори симӣ доштанд, "созҳои дузахӣ" ном гирифтанд. Ба ин хотир, дар маросимҳои мотам ва динӣ бештар созҳои мусиқие, ки тори рӯда доранд, навохта мешавад, чунки садои созҳои тори симӣ гӯё гиряву нолаи одамони гуноҳдори дӯзахиён аст ва ба ин хотир дар чунин маросимҳо навохта намешаванд.[44] Ин ақоид имрӯз фақат дар байни ҳунармандони калонсол роиҷ аст, аммо ҳунармандон ва мусиқинавозони ҷавон, ки бо асбобҳои мусиқии гуногуни замонавӣ сару кор доранд, ба чунин ақоид кам боварӣ дошта, аз таснифоти боло беиттиллоанд.

Сози баландмақом низ бо торҳои рӯдаи гӯсфанд ва косахонаи он бо пӯсти гӯсола пӯшида шудааст. Баъд аз Мубораки Вахонӣ авлодони ӯ низ даст ба ҳунари созтарошӣ мезананд ва асбобҳои гуногуни мусиқиро, ки хоси мардуми Бадахшон астанд, меофаранд. Масалан, Мубораккадами Бандашо - набераи Мубораки Вахонӣ, ки тахаллуси Мубораккадами рубобсоз ба худ касб намуда буд, то замони зинда буданаш зиёда аз 200 сози мусиқӣ сохтааст, ки якчанд созҳои сохтаи ӯ имрӯз дар Хона-осорхонаҳои Мубораки Вахонӣ ва Шоҳқамбари Офтоб дар деҳаҳои Ямг ва Лангари водии Вахон ҳифз ва муаррифӣ мешаванд. Яке аз созҳои сохтаи ӯ рубоби дудаста, ки шаклан ба одам монанд аст, мебошад. Ба ин шакл сохтани ин сози мусиқиро мардуми Вахон ба нақле, ки хело дар байни ин мардум маъмул аст, рабт медиҳанд. Дар асоси боварии ин мардум, вақте ки Офаридагор ҷисми инсонро аз гил офарид ва мехост дар ӯ ҷонро дароварад, аммо ҷон вориди қолаби гилин нахоста, бо амри Худо мусиқӣ навохтанд ва ҷон вориди ҷисми одам шуд. Ин гуна ривоят нишон медиҳад, ки мусиқӣ ҷойгоҳи хосае дорад ва ба олами ҷисмонӣ ва рӯҳонии инсон сахт алоқаманд аст. Мубораккадам ва наберааш Бандашо низ созҳои мусиқиашонро маҳз дар робита ба ин андеша сохтаанд. Мардуми Бадахшон ҳам, ки рӯзи мотамро бо мусиқӣ ва хондани қасоид ва мадҳия мегузаронанд, низ аз мисолҳоеанд, ки нишонгари мавқеи мусиқӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ин мардум мебошанд.

Бояд қайд кард, ки мавқе пайдо намудани мусиқӣ дар маросимҳои динӣ ва фарҳангии мардуми Бадахшон як раванди таърихӣ дорад, ки дар он нақши орифоне, чун Мубораки Вахонӣ зиёд буд. Онҳо худшиносӣ ва худошиносиро тавассути мусиқӣ дарк менамуданд ва маҳз мусиқӣ буд, ки ҳаёти маънавию ирфонии онҳоро ғанӣ месохт. Осиёи Марказӣ, ки аз он роҳи бузурги Абрешим мегузашт, нақши орифон ва ҳунармандон дар густариши ғояҳои орифона хеле бузург буд.[45] Мусиқӣ ва асбобҳои мусиқӣ бахши ҷудоинопазири фарҳанги он замон буд ва то имрӯз низ мавқеашро аз даст надодааст. Намунаи эҷодкории Мубораки Вахонӣ ва авлодони ӯ шаҳодати ин таҳавуллоти фарҳангӣ

[41] Литвинский Б.Л. Таджикистан и Индия. Примеры древних связей и контактов. // Индия в древности. Ред. В.В. Струве и Г. М. Бонгард-Левин. – Москва: Наука. – 1964. – С. 143-165; Литвинский Б.Л.. Древние кочевники крыши мира. Москва: Наука. – 1972.

[42] Нурҷонов дар китоби худ ин масъаларо дар мисоли рақси пантомима, ки ҳаракатҳояш шикори бузро ифода мекунад нишон додааст. Ниг. Нурджонов Н. Олами беканори рақси тоҷик. Очерки таърихӣ-назарӣ. – Душанбе. – С. 69-100; Nizam Nurjanov. Tajik folk theater and puppetry, *Asian Music*, Vol. 8, No. 1 (Afghanistan Issue 1976): P.65-77.

[43] Mark Slobin. Buz-bazi: A Musical Marionette of Northern Afghanistan, *Asian Music* (1975): P.217-224.

[44] Нурджанов Н., Кароматов Ф. Музыкальное искусство Памира. Книга первая. – Душанбе, 2010. – С. 12.

[45] Дар робита ба саҳми орифон дар густариши дини Ислом дар Осиёи Марказӣ ниг.: Devin A. DeWeese, *Islamization and Native Religion in the Golden Horde: Baba Tükles and Conversion to Islam in Historical and Epic Tradition* (Pennsylvania: Pennsylvania State University Press, 1994).

дар Бадахшон мебошанд. Аз рӯи рубоби баландмақоми Мубораккадам яке аз наберагонаш Маликмамадов Ҳайдармамад (роҳбари Осорхона, шахси санъатдӯст ва созтароши моҳир аст) баландмақоми навро бо номи баландмақоми Мубораки Вахонӣ сохта, дар Осорхонаи ӯ ба намоиш гузоштааст, ки хело шабеҳи баландмақоми Мубораки Вахонӣ мебошад. Инчунин дар осорхона якчанд созҳои тарошидаи Маликмамадов, ба монанди баландзиком, рубоб, танбӯр ва ғ. ба маърази тамошо гузошта шудаанд ва ҳар нафаре, ки ба осорхона ворид мегардад аз навозиши Ҳайдармамад баҳраи маънавӣ мегирад. Маликмамадов Ҳайдармамад мегӯяд: "созтарошӣ ба мо аз бобоямон Мубораки Вахонӣ мерос мондааст ва ин касби муқаддасро ба наслҳои оянда мерос хоҳем гузошт".

Созтароши деҳаи Андароби ноҳияи Ишкошим Масайнов Масайн низ дар такмили рубоби баландмақом нодиракории аҷибе кардааст. Ӯ шогирди Сафоев Муродалӣ буда, асосан баландмақоми худро дар асоси рубоби баландмақоми Мубораки Вахонӣ такмил додааст. Ин боис шуд, ки созтарошони Бадахшон дар баробари эҳёи созҳои қадима ба монанди танбӯри помирӣ, тор, сетор, баландзиком, рубоби қумрӣ, дутор, думбра, ғижак, лабчанг, даф, доира, таблак, табли дурӯя, қошуқ ва ғ., инчунин бо шаклҳои гуногун дар заминаи созҳои қадима созҳои такмилхӯрдаи навро бо номҳои масруд, масайнғиҷак, симруд, панҷруд, дилруд, торруд, найруд, хушмақом, ҷонбозғиҷак, давлатбекғиҷак, наҷмонғиҷак ва ғ. ихтироъ намудаанд, ки созҳои мазкур имрӯз дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон, Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ш. Хоруғ инчунин дигар осорхонаҳои дохил ва хориҷи кишвар ҳифз ва ба бинандагон муаррифӣ мешаванд.

## ХУЛОСА

Мубораки Вахонӣ бо сози офаридааш, ки дар Осиёи Миёна аз ҷиҳати таркиб ва истифодабариаш ягона мебошад, бойигарии фарҳанги миллати тоҷик буда, мусиқии суннатии тоҷикро бо буданаш ғанӣ мегардонад. Ин соз нишонгари тамаддуни бузурги сарзамини тоҷикро нишон дода, ҳуввияти миллӣ ва мусиқии мардуми Тоҷикистонро инъикос мекунад. Чуноне, ки аз таърихи ихтироъ ва такмили баландмақом маълумот додем, дар заминаи ин сози ягона тӯли садсолоҳо созҳои гуногуннамуди миллии мо такмил ёфтаву то замони мо омада расидаанд ва ин анъанаи эҳёгариву такмилдиҳии созҳои мусиқӣ дар оянда низ аз ҷониби ҳунармандони соҳибзавқи тоҷик идома хоҳад ёфт.

ТДУ 785.1:008 (575.3)

# Таджикская инструментальная ансамблевая культура: Развитие традиции

*Баходур Давлатзода,*
*доцент*

Таджикские музыкальные ансамбли – явление, уходящее своими корнями в глубину тысячелетий. Несмотря на попытки замены монодийного синкретизма академическими видами коллективного музицирования в советское время, они сохраняли свою традиционную основу и продолжали развиваться, не теряя национальной специфики.

Таджикистан, расположенный в предгорьях Памира, – единственное персоязычное государство в бывшей советской Средней Азии – обладает уникальной культурой, уходящей историческими корнями в глубокую древность. Развитая монодия, характерная для таджикской музыкальной культуры, обусловлена бытованием традиционного

сольного и ансамблево-инструментального музицирования. Сохранились многочисленные описания таджикских синкретических групп, до нашего времени дошли персидские миниатюры с изображением музицирующих девушек (см. фото 1). Обращает на себя внимание то, что ни один инструмент, за исключением мембранофона дойра, не дублируется. Это – группа солистов. Подобные ансамбли широко бытуют в современном Таджикистане. Самый распространённый коллектив: вокалист, танцующая девушка и инструментальный состав, представленный ритмообразующей дойрой и струнными щипковыми, дублирующими мелодию песни в унисонно-гетерофонной манере.



Фото 1. Музицирующие персидские девушки. Фрагмент миниатюры персидского художника Мир Саид Али (предположительно). Тебриз, XVI век [5]

Фактурная организация композиции имеет чётко регламентируемую традицию и меняется только в зависимости от количества музыкантов и их инструментов. Вначале исполнитель на дойре уверенно вводит слушателя в сферу определённого усуля, после утверждения ритма вступает инструментальная группа и одновременно в центр выходит юная танцовщица, которая как бы «разогревает» слушателей, подготавливая их к началу пения солиста-вокалиста (см. фото 2).



Фото 2. Фольклорная группа кишлака Шурча Яванского района РТ (вокал, танец, дойра, тор). Скриншот любительского видео 2010 г.

Группа работает в полном соответствии с традицией, иллюстрируя определение синкретизма[1], в нашем случае это – вокал, инструмент и танец (см. нотный пример 1).

Данный музыкальный жанр бережно сохраняется, изучается в национальных учебных заведениях и передаётся новому поколению.

Нотный пример 1. **Дил ошики ёр**
Сл. Саади, муз. Народная




В советское время предпринимались попытки замены монодийного синкретизма академическими видами коллективного музицирования.

Один из них – унисон.

Согласно учебному плану, в классе специального музыкального инструмента студенты индивидуально под руководством педагога изучают традиционный инструментальный наигрыш, используя при этом нотную запись. В классе ансамбля те же студенты играют данный наигрыш уже совместно, в унисон, единой динамикой и единым штрихом.

Твёрдая установка на коллективное творчество сохранилась в музыкальных образовательных учреждениях, отсюда и многочисленные унисоны дутаристов в Таджикистане (см. фото 3), унисоны балалаечников в России (см. фото 4) и другие инструментальные группы, основанные на письменной традиции.




Фото 3. «Оркестр дутаристов» – традиционный унисонный ансамбль учебного заведения Сталинабада (ныне – Душанбе). Скриншот киноклипа (1950-е годы)



Фото 4. Унисон балалаечников РАМ им. Гнесиных

Подобные академические группы чаще всего отражали результаты учебного процесса или же элитарный вид музицирования. Близки к академическому унисону традиционные однородные инструментальные группы монодийных и многоголосных культур. Однако фактурная организация репертуара данных ансамблей – не унисон, а гетерофония. В какой-то степени это иллюстрирует музыкальная культура башкир – этноса, близкого к иранскому субстракту[2]. Наиболее характерный состав – башкирский ансамбль кураистов, где количество участников традиционно варьируется в довольно значительном диапазоне (см. фото 5).



Фото 5. Выступление ансамбля кураистов БГПУ, кл. доцента Р. Р. Рахимова (1-й слева). Уфа, 2004

Звучание подобных групп академические музыканты воспринимали как «несносную какофонию» (выражение С. Рыбакова)[3], хотя коренной этнос получал от их игры эстетическое удовлетворение. В процессе музицирования разрешалось многое – отклонения от основного ритма, уход в верхний или, наоборот, в нижний регистр, появление неожиданных мордентов, трелей и других мелизмов. Крупные составы кураистов, согласно традиции, собирались вокруг одного ведущего исполнителя, чаще всего – Учителя определённой школы или (на современных сборных концертах) около руководителя, назначенного режиссёром мероприятия. По определенному сигналу все начинали играть какой-то наигрыш или несколько разнохарактерных мелодий в заранее обговоренном порядке. В результате звучал своеобразный кластер, в котором не прослушивались, а скорее, угадывались изгибы мелодической линии.

Основные приёмы действия руководителя различны, но они безошибочно воспринимаются всеми исполнителями. Это – ауфтакт в начале игры, фиксируемый взмахом головы и инструмента, показ окончания мелодии и переход к следующей мелодии, смена дыхания и, соответственно, фразировочного построения мелодии. К другим приемам относятся элементы театрализации – движение плечами, легкая подтанцовка, то есть всё, что имеется в арсенале каждого опытного исполнителя. Описанное выше – яркое проявление национального ансамблевого синкретизма монодийной традиции.

Оркестры народных (национальных) инструментов, в отличие от ансамблей, – уникальный феномен мировой культуры, возникший в России на рубеже XIX–XX веков и получивший распространение в первой половине XX века на советском и постсоветском пространстве. Один из коллективов этого направления – Таджикский оркестр народных инструментов (далее ТОНИ), организованный в 1938 году.

Оркестр, как наиболее совершенное инструментальное объединение музыкального академизма, для таджикской монодийной культуры явление нехарактерное. Организация ТОНИ, как нового принципа коллективного инструментального музицирования, связана с политическими событиями начала XX века и противоречивой политикой молодого Советского государства. От музыкальных культур не только Таджикистана, но и других советских республик требовалось сохранение этноинструментария и его развитие по ускоренной методике независимо от традиции – монодийной или многоголосной. За основу предлагалось брать оркестр русских народных инструментов В. В. Андреева.

За годы внедрения народно-оркестрового направления в союзных республиках СССР были организованы десятки коллективов. Решение основной проблемы создания оркестрового коллектива в монодийных условиях требовало, прежде всего, освоения многоголосной фактуры, хроматизации диатонического этноинструментария и перехода от импровизации к партитуре и дисциплине игры выписанных партий.

Всему этому противились этнофоры – хранители традиций, которые любые отклонения квалифицировали как насильственное

искажение культуры инструментального исполнительства. В этой непростой обстановке в труппе драматического театра, открывшегося в Сталинабаде в 1929 году, появился инструментальный ансамбль из двенадцати человек. Он регулярно выступал в фойе (перед началом спектакля и в антрактах), сопровождал сценическое действие за кулисами, а при необходимости выходил на сцену в национальных костюмах, играя на традиционных фоноорудиях.

Содержание спектаклей было простым и понятным: в них высмеивались феодально-байские порядки старого Туркестана, затрагивалась проблема освобождения женщины, освещались новые культурные направления. Данная тематика пользовалась успехом у местной молодёжи и поддерживалась партийно-советским руководством.

Успешные результаты целенаправленной деятельности привели к тому, что сталинабадский коллектив стал основой для формирования профессионального оркестра. Это предписывалось в специальном Постановлении Совнаркома Таджикской ССР от 9 июня 1936 года: «1) Организовать в 1936–937 году <...> национальный этнографический оркестр в количестве 40 человек, используя все виды национальных инструментов и взяв решительный курс на изучение нотной грамоты» [6]. С этого времени ведётся отсчёт истории таджикского оркестрового академизма.



Фото 6. А. С. Ленский, руководитель ТОНИ с 1937 по 1946 годы

В 1937 году руководителем оркестра был назначен молодой выпускник Московской консерватории, дирижёр и композитор А.С. Ленский (см. фото 6). Все основные достижения таджикского народно-оркестрового музицирования связаны с именем этой талантливой личности. Именно его усилиями совершился переход от свободного размещения музыкантов на сцене к подразделению на оркестровые группы, им же была доведена до совершенства игра руководитель ТОНИ строго по выписанным нотно-цифровым партиям. С открытием филармонии (1938) этот коллектив стал функционировать под официальным названием «Оркестр народных инструментов таджикской филармонии».

В те далекие годы от ТОНИ ожидалось многое. Народные инструменты как привычные для слуха местного населения должны были играть роль проводника в формировании академической культуры. Немаловажную роль здесь играл репертуар оркестра, построенный на аранжировках любимых песен, мелодий и наигрышей в исполнении известных певцов и инструменталистов.

После знакомства в 1939 году с разработками А. Петросянца – известного мастера, специалиста по реконструкции и реставрации музыкальных инструментов Средней Азии, А. Ленский начинает работать над созданием темперированных разновидностей таджикских хордофонов.

По его заявкам инструменты были изготовлены в мастерских Таджикистана, Азербайджана и Армении, концертмейстер оркестра Амон Хамдамов (будущий художественный руководитель коллектива) реконструировал гиджак, а оркестрант П.

Посевян завершил работу по реорганизации группы чангов (см. фото 7). На основе кашгарского рубоба были созданы рубоб-прима, рубоб меццо-сопрановый, рубоб альтовый, реконструкции подверглись и другие инструменты оркестра.




Фото 7. Первый состав оркестра народных инструментов
Таджикской государственной филармонии (1939) [2]

Практика пройденных десятилетий показала, что не все созданные инструменты сохранились в настоящее время. Достаточно справедливой критике стала подвергаться деятельность А. Петросянца, которому вменялось искажение традиционного этноинструментария, в результате чего все его оркестровые хордофоны были похожи и отличались друг от друга только национальными названиями[4].

Тем не менее, к концу 1940 года работа по реконструкции инструментов в целом была завершена. Практически все инструменты (за исключением мембранофона дойра) стали представлять собой тесситурные реконструкции национальных фоноорудий, сохранивших традиционный вид и названия.

ТОНИ стал новым институтом музыкальной культуры Таджикистана, с ним связано появление партитур, первоначально копирующих репертуар и фактурную организацию симфонического оркестра[5], но в процессе работы стали появляться и оригинальные сочинения, выявляющие неисчерпаемое богатство таджикского этноинструментария.

Практика показала, что партитура ТОНИ, состоящая из пяти групп (струнные: ударные, фрикционные и плекторные, аэрофоны и ударные мембранофоны), не только не отражает организацию симфонического состава (струнные фрикционные, аэрофоны и ударные), но и в какой-то мере превосходит его по богатству тембров. Ни с чем невозможно сравнить совместное звучание струннофрикционных (тесситурные разновидности гиджака), струнно-плекторных (тесситурные разновидности дутора и рубоба) со струнно-ударными (реконструированные чанги). А когда к ним добавляются духовые (най и кушнай), ударные мембранофоны (дойра и нагора), то возникает особенный «восточный колорит», столь ценимый любителями ориентальной музыки. Благодаря этому коллектив за короткое время стал визитной карточкой музыкальной культуры Таджикистана, ему аплодировали на концертных площадках Советского Союза и за рубежом. Играть в ТОНИ было почётно и престижно. В 2008 году оркестр получил

именной статус и стал называться «Оркестр народных инструментов имени Амона Хамдамова». Тем самым была дана оценка деятельности А. С. Хамдамова на посту дирижёра и главного дирижёра этого коллектива (с 1946 по 1979 гг.).

С началом перестроечных процессов 1990-х годов в национальной оркестровой культуре появились затруднения, первоначально касающиеся репертуарной политики и перманентного сокращения аудитории, в дальнейшем начались финансово-экономические ограничения[6]. Изменения не коснулись только государственных составов и коллективов учебно-педагогической сферы. Но несмотря на значительные трансформации, таджикская инструментальная культура продолжает развиваться, не теряя своего национального колорита даже с появлением субкультурных диджитальных направлений.

Инструментальный ансамбль – сложная система, в которой гармоничное звучание выкристаллизировается веками. Любые искусственные и особенно ускоренные методики её организации укоряняются с трудом, а традиционные составы практически на генетическом уровне вызывают в слуховой памяти необходимые ассоциации. Таков, к примеру, коллектив таджикских народных инструментов с участием ударных и духовых фоноорудий, ведущий своё начало из глубины веков (см. фото 8).



Фото 8. Праздничный инструментальный ансамбль отделения народных инструментов Душанбинского колледжа искусств имени А. Бобокулова (дойра, карнай, дабал). Рук. Д. М. Бобобеков 2016 г.

В завершении статьи отметим, что на фоне значительных диффузионных процессов в музыкальной культуре современного Таджикистана прослеживается бережное отношение к традиционной инструментальной культуре. Это подтверждается избирательностью обмена и заимствования новых музыкальных форм, основные из которых следующие:

1. Возникновение ранее нехарактерного для традиции народно-оркестрового академического профессионализма.

2. Развитие национального этноинструментализма в современных направлениях академизма и глобализации.

3. Сохранение культурных контактов с народами Средней Азии на основе взаимного равноправного обмена.

## ПРИМЕЧАНИЯ

1 Синкретизм (греч. synkretismos – соединение) – важнейшая черта фольклора: нерасчленённость и слитность нескольких жанров в одной композиции.

2 По мнению современных исследователей, восточно-иранский компонент является базовым в башкирском этногенезе и, несмотря на тюркизацию, до сих пор определяет этническую идентичность башкир [1].

3 «…Все играли одно и то же, то есть унисонную общую мелодию … и от одновременной игры получалась несносная какофония» [4, с. 211].

4 «...В процессе усовершенствования приняли участие, к примеру, такие одиозные фигуры, как армянин А. Петросянц и украинец С. Диденко, сконструировавшие оркестровые хордофоны для всех республик Средней Азии: „вам – такие, вам – такие, а вам – такие“. В результате грифные хордофоны, составившие основу многих национальных оркестров, отличаются друг от друга только формой корпуса и материалом резонансной деки (дерево или кожа), а туркменский оркестр вообще позаимствовал группу гиджаков у узбекского»[3, с. 49–50].

5 Критичное отношение ряда музыковедов к национальным оркестрам выражалось следующим образом: «...первое требование, предъявляемое к усовершенствованному инструменту, – хроматический темперированный звукоряд. Каким бы ни был звукоряд традиционного инструмента ... он непременно приводится в соответствие с европейским академическим стандартом [3, с. 46]. Академизация народного инструментария естественно ... привела к созданию оркестров „народных“ инструментов. При всех притязаниях этих оркестров на национальную самобытность всё же следует признать, что ориентиром для них послужил симфонический оркестр. Это обстоятельство предопределило ещё одну цель усовершенствования народных инструментов – формирование оркестровых семейств с их неизбежной унификацией» [3, с. 49].

6 Большие оркестровые составы, функционирующие в сфере организованного любительства, стали распадаться на группы из 3–4 исполнителей, играющих на традиционных фоноорудиях с диджитальным сопровождением. Чаще всего их интересовало не сохранение национальной мультитембровости, а экономическая целесообразность.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Аминев З. Г. Древнеиранский компонент в традиционной культуре башкир / З. Г. Аминев, Л. А. Ямаева // Панорама Евразии. 2011. № 1 (7). С. 41–47.
2. Архив оркестра народных инструментов им. А. Хамдамова (Рукопись).
3. Бойко Ю. Е. Куда идти народным инструментам? / Ю. Е. Бойко // Русские народные музыкальные инструменты в современной культуре России: Всерос. науч.-практ. конф. 30–31 января 2014 года, Санкт-Петербург. Труды Санкт-Петербургского гос. ин-та культуры. Т. 207. Санкт-Петербург, 2015. С. 45–68.
4. Рыбаков С. Г. По Уралу, среди башкир / С. Г. Рыбаков // Башкирия в русской литературе. Уфа: Башкнигоиздат, 1965. Т. 3. С. 164–222.
5. Тебриз, XVI век. URL : https://img3.goodfon.ru/ original/2560x1024/a/a7/party-women-girls-paint. jpg (дата обращения: 02.11.2021).
6. Центральный Государственный Архив Тадж. ССР, ф. 385, оп. 1.

ТДУ 784.75 (575.3)

# Рушди санъати мусиқии эстрадӣ дар Тоҷикистон

*Алихон Маҳмадов,*
*омӯзгори калон*

Ташкилшавии гурӯҳи эстрадӣ ва таърихи он дар Тоҷикистон ба санаи 22-юми июни соли 1964 рост меояд. Дар назди Кумитаи давлатии Тоҷикистон оид ба телевизион ва радио таъсис ёфтааст, ки ҳунарпешаи шинохта Лайло Шарифова ба мусиқии эстрадӣ ҳусни тозае гузошт, ки ҳамчун поягузор дар таърих номнавис шудааст ва баъди як сол бо нофаҳмиҳои гуногун сарояндаи хушовоз ба шаҳри Бокуи Озарбоҷон кӯч мебандад.

Баъдан роҳбари оркестри "Гулшан" хатмкунандаи консерваторияи шащри Боку (Озарбойҷон) Орифшо Орифов таъин мегардад.

Маҳз дар даврони роҳбарии ӯ ҳунарпешагони соҳибистеъдод чун Муқаддас Набиева, Тоҷиддин Муҳиддинов, Раҳима Шалоэр, Махфират Ҳамроқулова, Умар Зиёев, Баҳодур Неъматов ва Хурмо Ширинова барин ҳунармандон ҷалб шуданду шуҳрату овозаи эстрадаро боло бардоштанд.

Ҳар як чеҳраи иҷрокунандагони ансамбли эстрадаи "Гулшан" беҳамто буд ва яки онҳо сабку услуби хос дошта, яке ба дигаре монанд набуд.

Ҳар суруде, ки аз ҷониби ин дастаи ҳунарӣ сабт мешуд, дарҳол вирди забонҳо мегардид.

Даҳсолаи солҳои 70-ум ва 80-ум давраи таърихии эстрада дар Тоҷикистон ба шумор рафта, соли 1976 ин гурӯҳи хунарӣ ба гирифтани Мукофоти ҷавонон ва аввали соли 1980 баъд аз бозгашт аз сафари ҳунарӣ аз Афғонистон барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ шудааст, ки дар такмили оҳангҳо ва таклифи сурудҳо саҳми роҳбарони мусиқӣ Юрий Лядов ва баъдҳо Юрий Пӯлодов бениҳоят калон мебошад.

Ҳайати навозандагон то ба 12-15 нафар расида буд, ки аз оркестри Шӯравӣ таҳти роҳбарии Ю.Силянтев, ки тамоми чорабиниҳои бошукуҳи фарҳангиро таровати зебое мебахшид, бартарие надошт.

Оркестри эстрадии "Гулшан" дар Даҳаи фарҳангии Тоҷикистон дар Россия, Узбекистон, Литва, Латвия, Эстония ва Қирғизистон фаъолона дар қатори устодони шухратёри ҷумҳурӣ ширкат варзидааст.

Ҳайати пурраи оркестр дар хориҷи кишвар чун Полша ва Афғонистон ва ҳунарпешагони алоҳида сафарҳои ҳунарӣ доштанд ба хориҷ ва иштироки ҳамешагии сароядагон дар озмунҳои сароядаҳои эстрадӣ таклифӣ буданд.

Маҳз кордониву сахтгирии Орифшо Орифов буд, ки он вақт ҳар як ҳунарманди "Гулшан" шухрату маҳбубияти хосаи худро дошт.

Ӯ шахсияти ҷавҳаршинос буда, ҳеҷ вақт намегузоштанд, ки як ҳунарпеша дар сабки сароядаи дигар тарона сарояд. Шояд чунин талабҳои Шурои бадеӣ буд, ки таронаҳои ичронамудаи ҳунармандон ба дилҳо роҳ меёфт.

Худфаъолиятӣ ба саҳна истеъдодҳои зиёд медиҳад. Бале, ин пӯшида нест. Сароянда ба суруд балҳо мебахшад. Таъдир инчунин аз бисёр ҷиҳатҳо аз у вобаста аст, ки мо дар хотираҳои худ беҳтарин сурудҳои таъсирбахши тоҷикиро ба хотир меорем, оҳангҳои беназири устодони эстрадаи тоҷик сари чанде садо медиҳанд.

Овозҳои Лайло Шарифова, Орифшоҳ Орифов, Тамара Пӯлодова, Маҳбуба Боҳирова, М.Ҳасанова, Кимиё Ҷӯраева, Дилрабо Аюбӣ аз сарнавишти бисёр сурудҳои ҷудонопазир мебошанд.

Маликаи сурудҳои тоҷик Нигина Рауфова муддате чанде охири соли 70-ум фаъолияти эҷодии худро ба оркестри эстрадӣ бахшида буд. Таронаҳои дилнишинашон дар миёни мардум маҳбубият доранд.

Даҳҳо сурудҳои иҷронамудаи Муқаддас Набиева аз ҷониби дигар сарояндаҳои кишвар ва берун аз он бозхонӣ шудаанд.

Сарояндагони санъати эстрада наметавонанд аз тамошобин норозӣ бошанд.

Варзишгоҳое, ки барои бозист, онҳо дар чунин варзишгоҳҳои боҳашамат ҳунарнамоӣ мекунанд, ки ҳатто дар бозиҳои варзишӣ ҳаҷми зиёди тамошобинро гирд овардан басо мушкил аст.

Толорҳои консертии эстрадӣ бемаҳдуд аст. Аз ҳамин ҷост шуҳрати бузурги санъати эстрадии солҳои 70-80-уми асри сипаришуда ба шумор рафта, синну соли мухлисон фарқияте надошт, дӯст медоштанд ва мухлисӣ менамуданд.

Ба таври фоҷеавӣ канда шудани риштаи умри Муқаддас Набиева, Каро-матулло Қурбонов, Наргис Бандишоева, ки дар айни камолоти эҷодӣ буданд, таъсири худро ба санъати овозхонии эстрадӣ расониданд, вале онҳо маҳбубияти худро то ҳол дар байни мардум гум накардаанд.

Солҳои 70-ум ва 80-ум бастакорони тоҷик маҳз ба оркестри эстрадии “Гулшан” ва сарояндаҳои алоҳидаи он оҳангҳо эҷоднамудаи худро пешниҳод менамуданд, ки ба оркестри “Гулшан” шуҳрати калон оварда буд.

Навоҳои дилошӯби Зиёдулло Шаҳидӣ, Қудратулло Яҳёев, Фирӯз Баҳор, Ҷӯрахон Обидов, Толиб Шаҳидӣ, Ю.Мамедов, Дамир Дӯстмуҳаммадов ба воситаи телевизион ва радио ва дар толорҳои консертӣ садо медоданд, ки шаҳодати пешрафти санъати эстрадӣ дар Тоҷикистон буд.

Даъват шудани Муқаддас Набиева ба озмуни Осиёи Миёна бо номи “Дугонаҳо”, ки сурудҳои халқӣ дар такмили эстрадӣ садо доданд, ба сарояндаи тоҷик шуҳрати калон овард ва минбаъд гули сари сабади ҳамаи консертҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ буд.

Аввалин шуда, дар санъати овозхонии эстрадӣ ӯ соҳиби унвони фахрии “Ҳунарпешаи хизматнишондодаи Тоҷикистон” шуд.

Махфират Ҳамроқулова дар озмунҳои умумииттифоқӣ дар шаҳрҳои Минск, Тошканд ва Маскав санъати эстрадии тоҷикро муаррифӣ намуда, иштироки Умар Зиеёв дар ҷамъбасти озмуни “Суруди сол” ба воситаи телевизиони умумииттифоқ аз шуҳрату пешрафти мусиқии эстрадии тоҷик шаҳодат медод.

Солҳои 70-80-ум барои он хотирмон аст, ки ҳунармандони машҳури замони Шӯравӣ, ки гули сари сабади чорабиниҳои сатҳи баланди ҳамон солҳо ба шумор мерафтанд. нақши калон бозид дар пешрафти санъати овозхонии эстрадӣ дар Тоҷикистон на танҳо барои сарондаҳо, балки барои оҳангсозон дар интихоби оҳангҳои эстрадӣ.

Маҳз чунин ҳамкориҳои эҷодӣ буд, ки солҳои 70-80-ум давраҳои пешрафти суруду навоҳои беҳтарини эстрадӣ ба шумор мераванд.

Соли 1973 дар назди Филармонияи давлатии Тоҷикистон ансамбли созию овозии “Орзу тахти роҳбарии Глярман Аваков таъсис ёфт, ки овозхонҳои ансамбл А.Бобокалонов ва В.Аловердсов шуҳрати калон доштанд. Вале баъд аз гузашти як сол онҳо ба фаъолияти эҷодии худ хотима бахшиданд.

Моҳи майи соли 1983 дар назди Иттиҳодияи давлатии “Тоҷикконсерт” ансамбли созию овозии “Суғдиён” дар ҳайати 13 нафар ба кори эҷодӣ оғоз бахшид.

Тобистони ҳамон сол дар ҷашнвораи “Баҳори Киев” дар қатори овозхонҳои шинохта Иосиф Кобзон ва Валерий Леонтев таронаҳои зебои тоҷикӣ бо садои Кароматулло Қурбонов ва аҳли ҳунарии “Суғдиён” ба баҳори озмуни шаҳри Киев таровату зебогии бештар зам намуд.

Соли 1984 ансамбли “Суғдиён” бо сафари ҳунарӣ ба ҷумҳуриҳои Латвия, Литва, Эстония, Узбекистон ва шаҳрҳои Москваю Ленинград (имрӯз – Санкт-Петербург) баромада, моҳи августи соли 1985 дар Фестивали умумиҷаҳонии ҷавонон дар шаҳри

Москва иштирок намуд ва санъати миллати тоҷикро ба ҷаҳониён бо сурудҳои “Ватан”, “Дигар марав”, “Магар мастам?” ва “Ёри дерин” муаррифӣ намуд. Вале моҳи майи соли 1986 гурӯҳи шуҳратёри “Суғдиён” аз фаъолият бозмонд.

Аввалин оркестри созию овозии ҷазӣ дар Тоҷикистон дар назди Сирки давлатии Тоҷикистон дар ҳайати 10 нафар ба кори худ оғоз мебахшад, ки ин оркестри ҷазӣ низ баъд аз як сол ба фаъолияти эҷодии худ хотима мебахшад.

Сабабгори асосӣ оркестри “Ситора” соли 1982 буд, ки оркестри “Ариэл” сафари ш. Душанбе дошт ва ду нафар навозандаи оркестри “Ситора”-и тоҷикро ба ҳайати худ таклиф намуданд.

Ягона гурӯҳи ҳунарӣ дар Тоҷикистон ин ансамбли ҷазӣ бо номи “Авесто” мебошад, ки то ҳол дар ҳайати ташкилшудаи худ фаъолият дошта Тоҷикистонро дар озмунҳои ҷазӣ муаррифӣ карда истодааст.

Адабиёт

1. Маҳмадов А. Певцы таджикской эстрады. – Душанбе, 2004.
2. Маҳмадов А. Сароянда ва мусиқии эстрадӣ. – Душанбе, 2021. – 170 с.
3. Маҳмадов А.“Гулшан”- и ҳамешабаҳор //Адабиёт ва санъат. - 2019. -11июл.
4. Маҳмадов Маҳбуби дилҳо. //Адабиёт ва санъат. - 2014. - 4 апрел.
5. Маҳмадов А Звездапад. //Азия Плюс. - 2012. -18 октябр.
6. Маҳмадов А. Зуҳраи навогари Шарқ. //Адабиёт ва санъат . – 2016. - 30 июн.

ТДУ 784.4 (092) (575.3)

## Баъзе паҳлуҳои санъати сарояндагии устод Абдуллоҳи Назрӣ

*Исмоил Назриев,*
*Ҳофизи Халқии Тоҷикистон*

Ёде аз падари бузургворам Абдуллоҳи Назрӣ, Ҳофизи халқии Тоҷикистон.

Суруд ифодакунандаи эҳсосоти қалби мардум буда, дар фаъолият ба ӯ илҳому ғайрат ва дар истироҳаташ ҳаловату дилхушӣ мебахшад.

Боғи санъати тоҷик ҳофизону мутрибони бисёреро парвардааст, ки бо маҳорату ҳунарнамоиашон аз ҳамдигар фарқ дошта, ҳамеша мақбули халқ буданд ва ҳастанд.

Дарвоз. Як гӯшаи поку зебо ва дилрабои Тоҷикистони азиз. Диёри кӯҳсорон, чашмаҳои софу обҳои равон, боғҳои хурраму гиёҳҳои шифобахш, кабкони дарию булбулони шӯрида.

Диёре, ки мафтун карда сайёҳону олимону шоиронро.

Дарвоз диёри мардумони меҳнатқарин, сарояндагону ҳофизону хунёгарон. Диёре, ки хунёгари номӣ Акашарифи Ҷӯраро дода, Мӯъминшоҳи Қаноатро офарида, диёри Абдуллоҳи Назрӣ, ки ҳама мехостанд, ки бо садои фораму ширинаш ба кор оғоз бахшанд.

Дар санъати овозхонӣ бахт насиби касоне мегардад, ки бо истеъдоди баланди худ дар дили ҳазорон фард ошён пайдо карда тавонанд.

Солҳои 50-ум дар санъати сарояндагии тоҷик давраи шукуфоии истеъдодҳои халқии ҷумҳурӣ буд. Зеро бо қарори Шӯрои вазирони Тоҷикистон бо мақсади инкишофи санъати ҳаваскорони бадеӣ ҳар сол азназаргузаронии ноҳиявию шаҳрӣ ва ҷумҳуриявии

истеъдодҳои ҷавони халқӣ гузаронида мешуд, – мегӯяд Алиризо Раҳмонқулов, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Дар намуди жанрҳои гуногуни суруду мусиқӣ, ширинкорию шеърхонӣ мусобиқа мекарданд.

Иброҳим Кобулӣ, Зафар Нозим, Одина Ҳошим, Ҷӯрабек Мурод, Нуқра Раҳматова, Ғуломалӣ Ғуломҳайдаров, Моҳҷон Назардодова, Саймуддин Бурҳонов барин даҳҳо санъаткорони барҷаста маҳз аз ҳамин азназаргузарониҳо фестивалҳо ва озмунҳо ба саҳнаи касбӣ омадаанд.

Яке аз ин истеъдодҳи Абдуллоҳи Назрӣ буд, ки бахти баланд насибаш гашта буд.

Сири комёбии устод Абдуллоҳ, пеш аз ҳама, дар он буд, ки вай ҳаёти маънавии инсониро дақиқан дарк намуда, бо мероси ғании аҷдодони мо ва хусусиятҳои суруду навоҳои классикӣ ва мардумӣ хеле хуб ошно буд.

Ҷаҳонбинии васеъ ва халқияти сурудҳояш бо истеъдоди шахсиаш дар арсаи санъати сарояндагии тоҷик роҳ кушода, ӯро ба қатори ҳофизону мутрибони маъруфи тоҷик дохил гардонд.

Овозаш тенор, сабку услуб ва лаҳҷаю шеваи овозхонии хос дошт. Аз овони ҷавонӣ ба овозхониву мутрибӣ шавқу завқ пайдо намуда, бисёр нозукиҳои санъати сарояндагиро аз ҳофизони машҳури Дарвоз - Шарифи Ҷӯра, Сайдамир Бобӣ, Чоли Сулама, Пир Садир, Суннати Неъмат ва Одинаи Мирак меомӯхт ва бо қобилияташ такмил медод ва баъдтар дар саҳна ва тӯйҳо сурудҳои халқиро мустақилона ва ҳамроҳи ҳунармандони минтақа ва берун аз он месуруданд.

Аз ин рӯ, номи ӯ ба сафи ҳофизони маҳбуби халқи тоҷик – Акашарифи Ҷӯра, Маъруфхӯҷа Баҳодуров, Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов ва дигарон дохил шудааст, ки онҳо дар инкишофи суруду мусиқии миллӣ хидмати барҷастае кардаанд.

Ҳамчун ҳофизи хушовозу хушсалиқа на танҳо дар консертҳои муштарак, балки бо эҷодиёти мустақилона ва барномаҳои рангини худ дар қишлоқҷойҳо, шаҳру вилоятҳо ва ҳатто дар хориҷ аз кишвар (Эрон, Афғонистон ва Хитой) баромад карда, хотири мухлисону тамошобинонро шод мегардонд. Ӯро ҳамеша самимона истиқбол менамуданд.

Бисёр комёбиҳое, ки солҳои 50–70-ум дар ҷумҳурӣ рух доданд, аз қабили озмуну ҷашнвораҳои ҷумҳуриявӣ фестивалу даҳаҳои адабиёт ва санъати тоҷик дар Москва, ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ, сафарҳои ҳунарӣ ба Афғонистон, Эрон, Олмон ва ғайра ба давраи фаъолияти эҷодии Абдуллоҳи Назрӣ иртибот доранд.

Як гурӯҳ дӯстдорон ва ҳунармандони созу овоз таҳти роҳбарӣ ва омӯзгории ӯ ба олами мусиқӣ ва сарояндагии касбӣ ворид шудаанд.

Барот Яхшиев, Саломатшо Шоназриев, Ҷӯрабек Назриев, Назриддин Неъматуллоев, Аҳмадшоҳ Улфатшоев, Бобоҷон Ҳасанов, Сунатулло Хабиров, Амриддин Солеҳов, шодравон Розибек Гадоев, Муҳаммадҷон Саломатшоев ва дигарон аз ин устоди ҳалиму сахтгири санъати созу овоз дарси ҳунар омӯхтаанд.

Ҳадафу мароми банда имрӯз он аст, ки Шумо азизон, дӯстдорони санъати волоро бо баъзе паҳлӯҳои ҳаёт ва овозхонии устоди шодравон – Абдуллоҳи Назрӣ каме бошад ҳам, ошно созем.

Академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон – профессор Муҳаммадуллои Лутфулло дар хотираҳояш устодро ёд оварда менависанд: «Ҳар бор, ки Абдуллоҳро медидам, ба оғӯшаш мегирифтам, чунки мухлис ва доим муштоқи овозаш будам. Дил мехост доимо дар суҳбаташ бошам. Аммо чӣ метавон кард, ки марде буд камгап, сухани ӯ, ҳастии ӯ сурудҳояш буданд. Асбобҳои мусиқии суннатии тоҷик – дутор, танбӯру рубоб дар дасташ бозӣ мекарданд.

Дутор асбоби калон нест, аммо вақте ки худро дар дасти акаи Абдулло медид, калону бузург мешуд, меболиду фахр мекард, ки дар дасти чунин одами накӯкор, ширингуфтор ва беозор ба гуфтор меояд.

Меболид, ки дилҳои ҳазорон ҳазорро тасхир мекунад, хотираҳоро шод мегардонад.

Садои танбӯру дутор дар дасти устод бо садои булбулону кабкҳои дарии мулки хушманзараамон ҷӯр шуда, ба дуриҳои дур ба саросари Тоҷикистони маҳбуб ва берун аз он танинандоз мешуд.

Дар эҷоди офаридаҳои устод суруд бурро ва шево талаффуз мешуд, ки шунаванда умқи маънии шеърро дуруст дарк мекард.

Ба ибораи дигар аз ҷиҳати меъёр ва талаботи забонӣ дар хониши ӯ задаҳои мантиқӣ дар пораҳои тараннуми бамавқеъ ва устувор таъкид карда мешуданд, ки моҳият ва мазмуни шеъру ғазал ба фаҳми сомеъон рафта мерасид. Ин хусусият аз маҳорат ва заковати фикриву фитрии устод Абдуллоҳ башорат медод.

Дигар паҳлӯи санъати овозхонии устоди зиндаёд ин буд, ки захираи хуби беандозаи овози ӯ барои муддати басанда ва кашишҳо ҳамеша кифоят мекард.

Абдуллоҳи Назрӣ чун овозхон, оҳангсоз ва навозанда ҳамеша кӯшиш мекард, ки ҳар маънии шеър ҳамсони оҳангаш бошад, ҳар шеър оҳанге дошта бошад ва ҳаргиз ҷаҳд намекард, ки ҳар маънӣ қурбони эҳсосу наво бошад, оҳангро қурбони маънӣ месохт.

Бо ин паҳлӯи овозхониаш аз дигарон фарқ дошт,- менависад Меҳриддин Ғиёсӣ дар яке аз меҳрномаҳояш.

Оҳанг роҳу усулаш дар санъати овозхонӣ нотакрор буда, роҳи интихобкардааш дар шоҳроҳи санъати миллӣ қавӣ буд ва ӯро ба қуллаи мақсуд расонд. Мусиқии ӯ идомабахши мусиқии суннатӣ аст.

Устод Зафар Нозим, Ҳунарманди халқии Тоҷикистон дар хотираҳояш менависад: «Дар фаъолияти эҷодии акаи Абдуллоҳ агар дарси мактаби ҳунарии Акашариф ҳувайдо бошад, аммо дар амал, дар иҷрои савту навою суруд услуби инфиродии ӯ бараъло эҳсос мешавад, ки ин падида дар садо ва наво бисёр барҷаста ифода меёбад».

Фаъолияти эҷодӣ ва сароядагии устод Абдуллоҳи Назрӣ асосан бо асбобҳои торӣ – панҷтор, дутор, рубоб ва ғижжак оғоз ёфта, аксарияти сабтҳои ӯ бо ин асбобҳо ба лентаи овоз навишта шуданд.

Устод панҷтор ва дуторро ниҳоят моҳирона менавохту месуруд, ки бо ин аз дигарон фарқ дошт.

Панҷторро бо мизроби махсус менавохт. Ҳунармандони дигар ин тавр намекарданд ва намекунанд. Баъзеҳо бо медиатор менавозанд ин асбобро, ки чунин тарзи навозиш қобили қабул нест.

Як паҳлӯи дигари фаъолияти эҷодии устод ин буд, ки ӯ дар санъати иҷрокунандагӣ ва сарояндагиаш қариб ҳама зарбу усулҳои санъати овозхонӣ бараъло ҳис карда мешуд.

Масалан, сурудҳою оҳангҳое эҷод карда хондааст, ки ба оҳангҳои классикӣ мақом, фалаки даштию роғӣ, мавригӣ, хумбию уфари суст, усули зарби шикевӣ ва ғайра қаробат доранд, ки аз маҳорати баланд ва эҷодкории ӯ дарак медиҳанд.

Бо лаҳни зебою дилчасп иҷро намудани баъзе сурудҳои устод боз як паҳлӯи овозхонии Абдуллоҳи Назрӣ маҳсуб меёфт.

Ин усулро дар сурудҳои шӯху базмии худ бо ҳамроҳии шодравон Абдураҳмон Ёров ба кор бурдааст, ки хеле хуб иҷро карда шудаанд. Аксарияти ин сурудҳоро дар сюитаҳои рақсӣ истифода бурдаанд.

Устод Абдуллоҳ месуруду месароид. Аз ватани бобоию имрӯзаамон -Тоҷикистони соҳибистиқлоламон, аз халқу кишвари биҳиштосоямон, аз модарони майдонамон, аз ишқу муҳаббати ҷавонони диёрамон, аз дӯстию дӯстонамон.

Мо фарзандон – Исмоил, Давлат, Иззат тӯли солиёни зиёд аз қиблагоҳамон ҳунари санъати овозхониро то тавонистем омӯхтем.

Падари бузургворамон моро бо нозукиҳои санъати воло шинос карду дар интихоби услуби сароядагӣ бароямон дастурҳои вижа доданд ва имрӯз хушбахтона, тавонистем тавассути ҳунарамон дар хидмати халқу Ватан қарор доштa бошем.

Хушбахтона, набераи устод – Соҳиб Назрӣ фарзанди ман акнун вориди майдони ҳунар шудаанд ва боиси сарфарозист, ки ӯ бо сабку услуби бобояш сурудҳояшро ба танзим медарораду пешкаши аҳли завқ мегардонад.

Бо як сухан, дасти ҳам гирифта, эҷод менамоем, барои халқи бузургворамон.

Мо фарзандон ва ёру дӯстон, шогирдону мухлисон, ин марди шариф, марди суруду тарона, марди сарояндаи ғазалҳои ошиқонаву орифона, марди дарду ғам, шодию сурурро доимо ба ёд оварда, дуо мекунем, ки иллоҳо ҷояш ҷаннат, рӯҳу арвоҳаш шод бошад.

*Ҷӯшидани хуни бадан аз ишқи Ватан дошт,*
*Дар синаи хоки Ватан аз меҳру вафо рафт.*
*Ӯ зодаи ошиёни баланд буд, аз ин рӯ,*
*Хуршедсифат ҷилвакунон сӯи само рафт.*

ТДУ 781.22 (575.3)

## Тарз ва услубҳои ороиши садо (мелизмҳо) дар Мушкилот

*Аброр Маҳмудӣ, омӯзгори калон*

Оҳангҳои тоҷикӣ, хусусан мусиқии суннатии тоҷикро бе нақшу ороиши садо ё овоз чӣ дар навозиш ва чӣ дар овозхонӣ тасаввур кардан мушкил аст.

Дар санъати навозандагӣ, алалхусус дар навохтани асарҳои Шашмақом ва Фалак динамика (ҷараёни инкишофи асар), ритмика (қонун ва хусусиятҳои вазни мусиқӣ) суръати мусиқӣ ва артикулятсия (тарзи садобарорӣ) нақши муҳим мебозанд, аммо нақшу услуби ороиши садо мавқеи худро дорад.

Истифода бурдани тарзу услубҳои ороиши садо (мелизмҳо) сифати садоро куллан тағйир медиҳад ва онро мулоиму форам месозад.

Тарзу услубҳои ороиши садо: лаппиши садо, мавҷдиҳии садо, нолиш, молиш ва кашиш ном доранд. Дар навбати худ тарзу услубҳои ороиши садо ба се гуруҳ тақсим мешаванд:

1. Техникӣ (форшлагҳо)
2. Лаппишӣ (вибратсионӣ)
3. Лағжишӣ (глиссандо)

Ба ороиши техникӣ дохил мешаванд: мелизмҳои содда ва мураккаб, яъне форшлагҳо, нахшлагҳо, мордент ва трел.

Ороишҳои лаппишӣ, яъне вибратсия ва молиш( ба монанди вибратсияи сози скрипка).

Ороишҳои лағжишӣ, яъне глиссандо, молиш ва кашиш мебошанд.

Якумин маротиба ороиши техникиро Устод Сулаймон Тахалов дар мақолаи худ бо забони ӯзбекӣ *қочирим* номидааст, ки маънояш гурезонидан ё лағжидан аст.

Аз сабаби он, ки ин калима баъд аз тарҷума ба забони тоҷикӣ маънои худро гум накунад, банда ороиши садоро *кошинкорӣ* номидам.

Кошинкорӣ ё зебо кардани садо ба ҳамаи созҳои миллӣ хос аст.

Дар вақти иҷро дар созҳои мизробӣ ин ороишҳо бе зарби мизроб, бо пахш кардани парда бо ангушти дасти чап ҳосил мегардад ва ин тарзи ороиш дар созҳои мизробии рубоб, дутор, думбра, танбӯр, рубоби бадахшонӣ ва уд истифода мешаванд.

Дар мусиқии суннатӣ мелизмҳо дар нотагоҳ навишта намешаванд ва навозанда мувофиқи сатҳи малакаи навозандагии худ, ҳиссиёти худ ва дараҷаи дарки мусиқии халқиаш асарҳоро менавозад ё ин ки сабти навозиши устодони санъати навозандагиро шунида, аз рӯи ин сабтҳо асарҳоро меомӯзад ва менавозад.

Аз ин лиҳоз, дар вақти навозиши навозандагони мусиқии суннатӣ сабки ягон устоди машҳурро назорат кардан мумкин аст.

Устод Сулаймон Тахалов садоҳое, ки бе зарби мизроб навохта мешаванд бо аломати ” +” дар болои нота ишора кардааст:




Чи хеле ки дар боло қайд намудем, ин аломатҳо дар нотаҳои аслии китоби “Шашмақом” навишта нашудаанд ва навозанда метавонад худ интихоб намояд, ки кадоме аз садоҳоро бо зарби мизроб ё бе зарби мизроб навозад.

Аз ин лиҳоз, ин аломатҳое, ки Устод Тахалов ишора кардааст навшогирдон метавонанд дар аввали таҷрибаи навозандагии худ ҳамчун як дастурамал ё роҳнамо истифода баранд.

Дар навозиши мусиқии суннатӣ форшлагҳо бисёр истифода мешаванд, ки инҳо форшлагҳои оддии хаткашида, форшлагҳои дутогӣ ва форшлагҳои сетогӣ мебошанд.

Форшлагҳо бо ду тарз истифода мешаванд; бо зарби мизроб ва бе зарби мизроб.

Форшлагҳое, ки бе зарби мизроб, бо пахш кардани парда бо ангушти дасти чап иҷро мешаванд, форшлагҳои *интонатсионӣ* номида мешаванд. Ин форшлагҳо дар фосилаҳои прима, секунда, терсия, ё кварта иҷро карда мешаванд:




Боз як намуди форшлаги сетогӣ мавҷуд аст, ки бо такрори як садо иҷро карда мешавад ва ин услуб асосан ба сози танбӯр хос аст, лекин дар рубоб ва дигар созҳои торӣ-мизробӣ низ истифода мешавад:



Услуби ороишии трелбайни ду садои бо ҳам ҳамсоя иҷро карда мешавад.

Садои асосӣ бо ҳамсоясадои болоӣ ё поёнӣ пайдарпай бо зарби мизроб ва услуби боло поён иҷро карда мешавад.




Услуби ороишии мордент дар созҳои торӣ-мизробӣ чунин иҷро карда мешавад; садои асосӣ бо зарби мизроб, садои ороишии дуюм бо пахш кардани парда бо ангушти дасти чап:




Ба ғайр аз форшлагҳо ва мордентҳо, ки пеш аз нота навишта шудаанд, дар мусиқии касбии классикӣ боз як ороиши садо мавҷуд аст, ки онро “*нахшлаг* “ меноманд.

Нахшлагҳо ҳам бе зарби мизроб иҷро карда мешаванд. Садои асосӣ бо мизроб навохта шуда, нахшлаг баъд аз садо бо пахши парда бо ангушт иҷро карда мешавад;



**Ороишҳои лаппишӣ**

***Мавҷдиҳӣ (вибратсия)***

Мавҷдиҳӣ асосан ба созҳои танбӯр, сато, ғичак, най, қӯшнай ва сурнай хос аст.

Асоси ин тарзи ороишот бо навбат ва кам-кам паст ва баланд кардани садо мебошад.

Дар ин ҳолат садо мулоим шуда, сифати (тембри) он дигаргун мешавад.

Дар сози ғиҷҷак ин услуб ба вибратои скрипка монанд аст. (Чи хеле ки дар скрипка иҷро мекунанд, айнан ҳамин хел аст).

Дар созҳои рубоб ва дутор ҳам ин усул ба вибратои скрипка ё домбра монанд аст.

Ин услуб бо ангуштони 1-ум, 2-юм ё 3-юм иҷро карда мешавад;




**Ороиши лағжишӣ**
**(глиссандо)**

Глиссандо (молиш) - услубест, ки бо лағжонидани ангушт аз як садо ба садои дигар ҳосил мегардад.

Ин услуб имкон медиҳад, ки садоҳо бо ҳамдигар ҳамвор ва зебо пайваст шаванд.

Молиш бо услуби мавҷдиҳӣ (вибрато) якҷоя низ истифода мешаванд. Ин тарзи истифодаи ороиши лағжишӣ байни ду ё зиёда садоҳо аз поён то харак ё аз харак ба поён иҷро карда мешаванд;




Дар ин ҳолат садои асосӣ бо мизроб ё камон навохта шуда, бо ангуш ба сӯи садои дигар лағжонида мешавад.

Навозанда метавонад бо се тарз лағжишро иҷро намояд;

- бо як ангушт садоро лағжонад ва бо ҳамон ангушт садои дуюмро пахш намояд.
- Бо як ангушт садоро лағжонад ва бо ангушти дигар садои дуюмро пахш намояд.
- Дар оғози лағжиш ангушти дуюмро ба ангушти якум иваз намояд, ки он гоҳ аз садои асосӣ не, балки аз ҳамсоясадои поёнӣ оғоз меёбад.

Дар ҳама ҳолатҳо зарби мизроб ё камон ба садои асосӣ (аввала) рост меояд;



Кашиш - ин услуби ороишии садо ҳам ба гуруҳи лағжиш дохил мешавад, ки ба ҳамаи созҳои халқӣ хос аст.

Дар созҳое, ки баландии садо номуайян аст (ба монанди уд ва ғиҷҷак) ин услуб бо лағжонидани ангушт ба боло (сӯи харак) ва ба поён (аз харак поён) иҷро карда мешавад.

Дар сози танбӯр ин услуб бо пахш кардани сим ба парда иҷро мешавад.

Дар сози рубоб бошад, бо кашиши тор дар як парда, иҷро карда мешавад;



Чи хеле ки дар тасвирҳо мебинед, дар тасвири якум парда бо ангушти дуюм озод пахш шудааст, лекин дар тасвири дуюм тори якум чандон баландтар бардошта, яъне кашида шудааст.

Дар ҳолати кашидани тор ба боло садо аз ним тон то як тон баланд мешавад.

Қайд кардан лозим аст, ки садо на ба тарзи динамикӣ, балки аз ҳисоби тон баланд мешавад;




Услуби кашиш бо услуби мордент (М) якҷоя, бо ҳамсоясадои поёнӣ ҳам иҷро карда мешавад;




Истифодаи ин услуб аз навозанда маҳорати баланди касбиро талаб менамояд, чунки агар навозанда садоро бе назардошти лаҳни асар кашиш диҳад, он гоҳ садо метавонад то ба секундаи калон кашиш ёбад ва аз лаҳни асар берун шавад.

Тарзу услубҳои навозиш ва ороишҳои садо аз қадим ба мо мерос омадааст, лекин бо мурури замон қисме суфтаву зебо, қисме дигаргун ва қисме фаромӯш шудаанд.

Вақте ки мо сабтҳои устодонро гӯш мекунем, садоҳоеро мешунавем, ки баландии номуайян доранд ва дар нота ин садоҳо ё ороишотҳо навишта нашудаанд.

Албатта, ин садоҳо ҳам оромбахшанду ва ҳам ҷаззобанд, ки дарди дили инсониро инъикос менамоянд.

Баъзе ороишҳои садо, хусусан дар сабтҳои устод Мирзоқурбон Солеҳов ба назари мо баъзан ноҷӯр ё гӯшхарош метобанд.

Сабаби он мумкин дар он бошад, ки мо худ аз ороишҳои садои қадимаи халқи тоҷик дур шудаем ва онро хуб дарк намекунем.

Ба назари ман ин садоҳо то ҳол аз ҷониби ихтисосмандони ин соҳа пурра таҳлил ва тасдиқи худро наёфтаанд.

Барои аз байн нарафтани ин боигарии фарҳангии миллат мо бояд ҳамаи нозукиҳои онро омӯзем, таҳлил кунем ва ба наслҳоиояндаамон мерос гузорем.

Навозандагони маъруфи халқҳои тоҷик ва ӯзбек Фазлиддин Шаҳобов, Мирзо Қурбон Солеҳов, Якуб Бободӯстов, Маҷнун Баротов, Т.Алиматов, М.Мирзоев, Р.Қосимов, С.Тахалов, А.Исмоилов, Ари Бобохонов, Акашариф Ҷӯраев, Одина Ҳошимов, Ҳаким Маҳмудов, Рустам Абдураҳимов, Ҳикмат Ризо, Қурбон Ҷалил ва дигарон дар ин соҳа ба муваффақияти баланди навозандагӣ ноил гаштаанд, ки сабти онҳоро навозандагони ҷавон гӯш мекунанд ва меомӯзанд.

**Мушкилот**

Мушкилот номи силсилаи аслии бахши созии Шашмақом аст, ки аз панҷ шохаи асосӣ: Тасниф, Тарҷеъ, Гардун, Мухаммас ва Сақил ташаккул меёбад.

Дар баъзе мақомҳо шохаҳо пурра нестанд, масалан дар мақоми Рост шохаи дуввум - Тарҷеъ, дар мақоми Ироқ шохаи сеюм- Гардун вуҷуд надоранд.

Дар баъзе мақомҳо ба ғайр аз шохаҳои асосӣ шохаҳои иловагӣ низ ба назар мерасанд, ки бо номҳои Нағма, Самоъ, Пешрав, Ҳафиф, Чанбар, Фарфар ва ғайра маълум мебошанд.

Дар мақоми Наво шохаи иловагии Нағмаи Ораз, дар мақоми Дугоҳ шохаҳои иловагии Пешрави Дугоҳ ва Самои Дугоҳ, дар мақоми Сегоҳ шохаи иловаи Ҳафифи Сегоҳ, дар мақоми Ироқ шохаҳои иловаи Чанбар ва Фарфар мавҷуд мебошанд.

Асарҳои қисми созии Шашмақом дар асоси *хона ва бозгӯй* ташаккул меёбанд.

Хона - даври оҳанг, ки воҳиди таркибии сохтори мақом давраҳои оҳанг (хона) аз рӯи нақшу моҳият ба ду шакл ҷудо мешаванд: а) шакли хона, ки нақши оҳангу пешбару вусъатдиҳандаро дорад; б) шакли бозгӯй, ки нақши оҳанги такроршавандаро дорад.

Оҳанги хона даври пешбаранда ҳамеша бо сохтори нав ба нав зоҳир мегардад, яъне тағйирпазир аст ва аз ин сабаб онҳо дар адвори мусиқӣ ҳамчун хонаи 1, хонаи 2, хонаи 3. ишора мешаванд. Аммо оҳанги такроршаванда ҳамеша дар як шакл бидуни ягон тағйирот зоҳир мешавад ва онро бо унвони бозгӯй ишора менамоянд:




**Тасниф**

Тасниф - (таълифи асари мусиқӣ) усули мақомӣ, ки дар андозаи 2/4 сохта шуда, се давра, яъне намуди зарби он се намуд: ҳаштзарба, 8/4 (4 тақтеъ), шашзарба 6/4(3 тақтеъ) ва чорзарба 4/4 (2 тақтеъ) мебошад.

Даври ҳаштзарбаи усули Тасниф;




Даври шашзарбаи усули Тасниф;




Даври чорзарбаи усули Тасниф;




**Тарчеъ**

Тарчеъ - (такрор) усули мақомӣ, ки дар андозаи 2/4 сохта шуда, даври усули он дар ду намуд зоҳир мешавад, яъне намуди зарби он ду намуд: ҳаштзарба, 8/4 (4 тақтеъ) ва даҳзарба 10/4 (5 тақтеъ) мебошад.

Даври ҳаштзарбаи усули Тарчеъ;




Даври даҳзарбаи усули Тарчеъ;




**Гардун**

Гардун - (гардон, гардониё, гардуния) усули мақомӣ, ки бо таболулоти бонавбати ду андоза - 2/4 ва 3/4 сохта шуда, даври усули он аз се тақтеъ иборат аст.




**Мухаммас**

Мухаммас - (панҷгона, иборат аз панҷ) усули мақомӣ, ки дар андозаи 2/4 сохта шуда даври усули он аз 16 тақтеъ иборат аст.

Усули Мухаммасро метавон ба панҷ пораи зарбӣ мавриди назар қарор диҳем: пораи аввал (усули 1) иборат аз 4 тақтеъ, пораҳои дуввум (усули 2) ва сеюм (усули 3) иборат аз се тақтеъ, пораи чорум (усули 4) иборат аз 4 тақтеъ ва пораи панҷум (усули 5) аз ду тақтеъ таркиб меёбанд;




**Сақил**

Сақил - (вазнин) усули мақомӣ, ки дар андозаи 2/4 сохта шуда даври усули он аз 24 тақтеъ иборат аст.

Усули Сақилро метавон ба чор пораи зарбӣ мавриди назар қарор диҳем: пораи аввал (усули 1) ва дуввум (усули 2) иборат аз ҳашт тақтеъ, пораи сеюм (усули 3) иборат аз ду тақтеъ ва пораи чорум (усули 4) иборат аз 6 тақтеъ ташкил медиҳад.



ТДУ 784.4 (575.3)

# Ҷойгоҳи силсилаи Савти Чоргоҳи Муҳайяр дар Шашмақом

*Хуршед Иброҳимзода,*
*Лауреати конкурсҳои байналмилалӣ*

Санъати мусиқии классики тоҷикон Шашмақом, ки дар муддати асрҳои мадид ташаккул ва такомул ёфтааст, дар марҳилаи ҳозира – асри XXI аз тарафи ҷаҳониён ҳамчун падидаи нотакрори бадеӣ эътироф гардидааст. Соли 2003 аз ҷониби Кумитаи байналмилалии ЮНЕСКО Шашмақом ҳамчун ёдгории мероси фарҳангии башарият эътироф гардида, ба феҳристи шоҳкориҳои бузурги мусиқии шифоҳӣ ва мероси ғайримоддӣ ворид карда шуд. Дар оғози асри XXI, дар давраи давлати соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муҳимро барои дастгирӣ ва рушди Шашмақом Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузоштаанд. Соли 2000 бо имзои Президенти кишвар аз 12 май таҳти рақами № 294 Қарори махсус «Оид ба рушди минбаъдаи санъати иҷрогарии Шашмақом дар Тоҷикистон» ба табъ расид, ки дар он дурнамо ва масъалаҳои муҳим дар кори инкишофи ин санъати бузург номбар ва дарҷ гардида буданд.

Санъати иҷро ва эҷоди мусиқӣ ҳамеша паҳлӯи якдигар буда дар инкишофи мусиқӣ, аз ҷумла дар мусиқии Шашмақом самтҳои муҳим мебошанд. Агар ҳадафи асосии санъати эҷоди мусиқӣ ба саҳна овардани асари тоза бошад, пас ҳадафи санъати иҷрои мусиқӣ ҳамеша сайқал додани он мебошад. Сарояндаи мусиқии Шашмақом бояд пайваста думболи сайқали ҳунарии иҷроии хеш бошад, то худ асари тозаи мусиқиро дар сатҳи воло иҷро намояд. Бастакор бошад ҳамеша бо эҷоди асарҳои нав машғул шавад то худ он аз асарҳои дигар боз ҳам хубтар шавад. Яъне санъати иҷрову офаридани мусиқии Шашмақом ҳамеша паҳлӯи якдигар буданд ва ҳастанд, ки ин ду самти эҷоди санъати мусиқӣ барои рушди мусиқии Шашмақом хеле зарур ва муҳим мебошанд. Мусиқии Шашмақом ҳамеша бояд рушд кунад ва сатҳи иҷрокунандагӣ дар ин самт дар сатҳи баланди касбӣ бошад. Эҷод намудани силсилаасарҳо ва асарҳои ҷудогона бо истифода аз ашъори шоирони муосир ва классик доим пайрави ӯ бошад. Дар ин ҳолат санъати мусиқии Шашмақом метавонад ҳамеша бишкуфад ва инкишоф ёбад.

Дар илми мусиқишиносӣ дақиқан муайян карда шудааст, ки дар ҳамаи давру замонҳо ромишгарони аср дар ҳунарнамоиҳои хеш аз бахшҳои мутадовили оҳангҳо истифода мекарданд, порчаҳои машҳури мусиқӣ гаштаву баргашта рӯи композитсияҳои мухталиф мавриди такрор қарор мегирифтанд ва зимни ин одат оҳангсоз мебоист бо истифода аз ҳамин падидаҳои маъруф асари тоза эҷод намояд.

Дар давоми 10 соли фаъолияти ҳунарии хеш дар Академияи мақом яке аз масъалаҳои мушкил, аммо дар баробари он хеле завқовару муҳим ин офаридани асари нав буд. Аз ҷониби устод А. Абдурашидов, масъалае ба миён гузошта шуд, ки бояд офаридани асарҳои нав силсилаи – Савт, шурӯъ шавад.

Савт – 1) садои мусиқӣ; 2) оҳанги мусиқӣ; 3) усули мақомӣ дар низоми Шашмақом, ки дар мизонбандии 5/4 сохта мешавад: 4) навъи силсилаҳои фаръии бахши овози Шашмақом, ки дар заминаи ду навъи парда – пардаи аслӣ ва пардаи фаръӣ бунёд ёфтаанд. Дар пояи асли – мақоми навъи аввали силсилаи фаръӣ – Амал ташаккул ёфтааст ва дар пояи се навъи пардаи фаръӣ навъи дуюми силсилаи Савт ба вуҷуд омадааст. Силсилаи фаръӣ аз панҷ шоха сохта мешавад, ки шохаи аввали он асосӣ ва чор шохаи дигари он

фурӯъӣ мебошад. Панҷ шохаи силсилаи фаръӣ ҳамзамон ҳамноми панҷ усули гуногуни мақомӣ, амсоли Савт, Талқинча, Фурӯғ, Соқинома ва Уфар мебошад.

Қаблан вазъи кунунии эҷоди мусиқии Шашмақомро устод шарҳ дода вазифаи ҳар якаспирантро дар ин ҷода муайян намуданд. Аз ҷумла оид ба самти кори эҷодии моро маънидод намуданд, ки мо бо офаридани оҳангу мусиқии тоза неву, балки бо офаридани асарҳои тоза дар асоси оҳангҳои мавҷуда дар силсилаи Шашмақом машғул шавем. Яъне, дар асоси оҳанги баъзе аз шӯъбаҳои силсилаи Насри Шашмақом, амсоли Ушшоқ, Уззол, Баёт, Ораз, Ҳусайнӣ, Насруллоҳӣ, Чоргоҳи Муҳайяр ва ғайра, бояд силсилаи навъи Савт биофарем, зеро дар рӯйхати силсилаи Шашмақом чунин навъи силсилаҳои Савт дида намешавад.

Дар мақоми Ироқ маълум гардид, ки дар силсилаи аслии бахши овоз – Наср ҳамагӣ се навъи парда – мақоми Ироқ, шуъбаи Чоргоҳи Муҳайяр ва шуъбаи Муҳайяр иштирок доштанд. Яъне, мутобиқи қавонин ташаккули силсилаҳои фаръӣ дар асоси ҳар кадоме аз ин навъҳои пардаҳои мақоми Ироқ бояд силсилаҳои навъи Савт, амсоли Амали Ироқ, Савти Чоргоҳи Муҳайяр ва Савти Муҳайяр бунёд гардад.

Аммо маълум аст, ки дар амалияи мақом ва нашри панҷҷилдаи китоби Шашмақом танҳо як силсилаи фаръӣ – Савти Муҳайяр оварда шудааст, ки ба навъи пардаи шуъбаи Муҳайяр мансуб мебошад. Вале дар пардаҳои навъи мақоми Ироқ ва шуъбаи Чоргоҳи Муҳайяр силсилаҳои фаръии Савт то ҳанӯз мавҷуд набуданд. Сабабҳо метавонанд гуногун бошанд:

1) эҳтимол ин силсилаҳо то замони мо нарасиданд;
2) шояд онҳо то имрӯз таълиф нашудаанд.

Дар кори эҷодӣ қабл аз ҳама ба суннат ва анъанаҳои мавҷудаи мусиқии Шашмақом, ва инчунин қоидаҳои назму мусиқии классикӣ, аз ҷумла зарб, парда ва сохтори мусиқӣ (композитсия), такя карда шудааст. Яъне он тарзу шакле, ки устодон дар Шашмақом навъи силсилаи Савт эҷод намуда овардаанд, онро ҳамчун асос гирифта, ҳангоми офаридани асари мусиқӣ мавриди эҷод қарор дода шуд. Усули асосӣ дар офаридани асари мақомӣ дар он дида мешуд, ки мебоист дар заминаи яке аз шуъбаҳои силсилаи Насри Шашмақом интихобшуда, асарҳои мақомӣ дар панҷ усули мухталиф таълифнамуда, силсилаи навъи Савт офарида шавад.

Камина баъди таҳлили чанд силсилаасарҳои Шашмақом ва омӯзиши зарбу пардаҳои он яке аз аввалинҳо шуда ба эҷоди асарҳои Савт шурӯъ кардам. Ҳамин тавр давоми 3 сол – аз соли 2008 то 2010, бо офаридани силсилаҳои навъи Савт машғул шуда, дар натиҷа 6 силсилаи тозаи мақомӣ эҷод кардам:

1. Силсилаи Савти Ушшоқ дар мақоми Рост.
2. Силсилаи Амали Ироқ дар мақоми Ироқ
3. Силсилаи Савти Ҳиҷоз дар мақоми Сегоҳ
4. Силсилаи Савти Ҳусайнӣ дар мақоми Дугоҳ
5. Силсилаи Савти Чоргоҳи Муҳайяр дар мақоми Ироқ
6. Силсилаи Амали Рост дар мақоми Рост

Чанд аз ин навъи силсилаҳо, аз ҷумла Савти Ушшоқ, Савти Ҳусайнӣ, Савти Чоргоҳи Муҳайяр ва дигар дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов, ДДФСТ ба номи М. Турсунзода ва факултети санъати Донишгоҳи давлатии шаҳри Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров тариқи консерт намоиш дода шуда, мавриди муҳокима низ қарор дода шудааст.

Аслан, эҷодкорӣ табиатан дар вуҷуди инсон офарида шудааст. Инсон табиатан эҷодкор буда, дар соҳаҳои гуногун падидаҳои ғайричашмдоштро метавонад рӯи кор орад. Падидаҳои тозаофаридаи инсон оламро дигаргун месозад ва он рӯз аз рӯз сохти аслии хешро иваз намуда, рушд меёбад. Яъне инсон табиатан соҳиби

ҳамчунин истеъдод аст, ки он амали эҷод кардан, офаридан ва ташаккул доданро дорад. Аз ҷумла, дар соҳаи мусиқӣ чунин амали эҷодиро оҳангсозӣ, бастакорӣ, мусаннифӣ, композиторӣ ва ғайра меноманд.

Инак дар ин мақола оид ба силсилаи Савти Чоргоҳи Муҳайяр эҷодшуда маълумот дода мешавад. Ин силсила дар асоси мусиқии шуъбаи Чоргоҳи Муҳайяри мақоми Ироқ офарида шудааст. Яъне мусиқии Насри Чоргоҳи Муҳайяри силсилаи Насри мақоми Ироқ дар офаридан ва коркарди силсилаи Савти Чоргоҳи Муҳайяр асос гаштааст.

Дар офаридани силсилаи мазкур чанд қадамҳои муҳими эҷодӣ гузошта шудааст, аз ҷумла:

1) Мусиқии шуъбаи Чоргоҳи Муҳайяр аз силсилаи Насри мақоми Ироқ хуб омӯхта шудааст;

2) Пардаи шуъбаи Чоргоҳи Муҳайяр дар заминаи дастаи танбӯр муқаррар шуда, сохтори он муайян карда шудааст;

3) Сохтори мусиқии шӯъбаи Чоргоҳи Муҳайяр низ таҳлил карда шудааст.

4) Панҷ усули силсилаи Савти Шашмақом, аз ҷумла Савт(Амал),

Талқинча, Фурӯғ(Қашқарча), Соқинома ва Уфар амалан бо дойра иҷро карда шудааст.

5) Вазнҳои шеърӣ, ки дар 5 усули силсилаи Савти Шашмақом мавриди истифода қарор ёфтаанд, мушаххас карда шудаанд. Масъалан; дар ҳар усули асари силсилаи Савт вазни мушаххас мавриди истифода қарор ёфтааст:

дар усули Савт - Ҳазачи мусаммани солим

дар усули Амал (Муғулча) – Рамали мусаммани маҳзуф (мақсур)

дар усули Талқинча – Музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф (мақсур)

дар усули Фурӯғ(Қашқарча) - Рамали мусаммани маҳзуф (мақсур)

дар усули Соқинома – Мутақорибi мусаммани маҳзуф (мақсур)

дар усули Уфар – Ҳазачи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф (мақсур)

6) Барои ҳар як усул дар вазни муайян шеър аз ашъори классикӣ интихоб карда шудааст:

«Савти Чоргоҳи Муҳайяр» ғазалиЗебуннисо.

«Талқинчаи Чоргоҳи Муҳайяр» ғазали Сойиб.

«Фурӯғ (Қашқарча)-и Чоргоҳи Муҳайяр» ғазали Ҳофиз.

«Соқиномаи Чоргоҳи Муҳайяр» шеъри К. Хуҷандӣ.

«УфариЧоргоҳи Муҳайяр» ғазали К. Хуҷандӣ.

7) Шеърҳои интихобшуда дар қолаби зарбии ҳар усули силсилаи Савт қироат шуда, тибқи қоидаи таносуби зарбу вазни шеър ҳиҷоҳои он мушаххас тақсим карда шудааст.

8) Сохтори мусиқии силсилаи Савт аз рӯи ихтиёри хеш ташаккул дода шуда, дар заминаи дастаи танбӯр ҷиҳати сохтори мантиқии он санҷида ва муайян карда шудааст:

1. Сархат
2.Миёнхат
3.Дунасра
4. Авҷи Зебопарӣ
5.Нағмаи Авҷи Зебопарӣ
6. Фуровард;

Ҳамин тавр, дар давоми чанд моҳ як силсилаи мукаммали Савти Чоргоҳи Муҳайяр офарида шуд ва он рӯи кор омад. Баъд аз он дар назди гурӯҳи ҳунарии Академияи мақом ин силсила иҷро шуда мавриди муҳокима қарор гирифт. Оид ба ин силсилаи навтаълифшуда фикру андеша ва мулоҳизаҳои гурӯҳи хунарӣ ба инобат гирифта шуда, баъди коркард ва сайқал додан силсилаи нави Савти Чоргоҳи Муҳайяр мукаммал гардид ва он рӯйи саҳна омад.

Қобили зикр аст, ки дар китоби нави шашҷилдаи Шашмақом муаллифаш; Ҳунарманди халқии Тоҷикистон устод Абдувалӣ Абдурашидов ҳамаи силсилаҳои эҷодшуда ва аз ҷумла силсилаи Савти Чоргоҳи Муҳайяр ворид карда шудааст ва имрӯзҳо дар барномаҳои дарсии донишҷӯёни макотибҳои олии мусиқӣ васеъ истифода карда мешавад.

***Фурӯғи Чоргоҳи Муҳайяр. г. Ҳофиз, мақоми Ироқ.***

***Сархат***

*Муддате шуд, к-оташи савдойи ӯ дар ҷони мост,*
*В-ин таманно бин, ки дойим дар дили вайрони мост.*

***Миёнхат 1***

*Мардуми чашмам ба хуноби ҷигар гарқ аст аз он-к,*
*Чашмайи меҳри рухаш дар синайи нолони мост.*

***Миёнхат 2***

*Оби ҳайвон қатрае з-он лаъли ҳамчун шаккараш,*
*Қурси хур аксе зи рӯйи он маҳи тобони мост.*

***Дунасра***

*То нафахту фиҳӣ мин рӯҳӣ шунидам, шуд яқин,*
*Бар ман ин маънӣ, ки мо з-они ваю ӯ з-они мост.*

***Авҷи Зебопарӣ***

*Ҳар дилеро иттилоъе нест бар асрори ишқ,*
*Маҳрами ин сирри маънидори улвӣ ҷони мост.*

***Нағмаи Авҷи Зебопарӣ***

*Чанд гӯӣ: «Носеҳо дар шарҳи дин хомӯш бош»!*
*Дини мо дар ҳар ду олам сӯҳбати ҷонони мост.*

***Фуровард***

*Ҳофизо, то рӯзи охир шукри ин неъмат гузор,*
*К-он санам аз рӯзи аввал доруйи дармони мост.*

Адабиёт


1. Абдурашидов А. Шашмақом ва масоили инкишофи он. Дар бораи фаъолияти Академияи мақом. – Душанбе: «Бухоро». – 2012. – 119 с.
2. Абдурашидов А. Фарҳанги тафсири истилоҳоти Шашмақом. – Душанбе: «Адиб». – 2016. – 399 с.
3. Низомов А. Таърих ва назарияи Шашмақом. – Душанбе: «Ирфон». – 2003. – 333 с.
4. Ҳакимов Н. Шашмақом дар қарни XX. – Хуҷанд, 2005. – 408 с.
5. Шашмақом. Тартибдиҳандагон Б. Файзуллоев., Ш. Соҳибов., Ф. Шаҳобов. Мақоми Бузрук. Ҷ.1. – Москва: Госмузиздат. – 1950. – 296 с.
6. Шашмақом. Муҳаррир-тартибдиҳанда А.Абдурашидов. – Ҷ.1. Рост; Ҷ.4. Дугоҳ; Ҷ.5. Сегоҳ; Ҷ.6. Ироқ. – Душанбе: «Адиб», 2016. – 495 с.; 391 с.; 495 с.; 351 с.
7. Шиҳоби Шашмақом. Мураттиб Ф.Азизӣ. – Душанбе: «Ямини Содиқ». – 2012. –278с.
8. Шаҳобов Ф. Осор ва пажӯҳиш. Дар се чилд: Ҷ.1. Баёзи Шашмақом. Ҷ.2. Шиҳоби мусиқӣ. Ҷ.3. Мақолаҳо, тақризҳо, санадҳо. Мураттиб Ф. Азизӣ. – Душанбе: СИЭМТ. – 2011. – 288 с.; 264 с.; 216 с.

ТДУ 789.4 (575.3)

# Жанрҳои созии дойрабазм, дафсоз, қабопӯш дар мусиқии тоҷик

*Манучеҳр Бурҳонов,*
*декани факултети мусиқии суннатӣ*

1. **Ансамбли суннатӣ: хусусият ва хел**.

Дар ансамблҳои мусиқии суннатӣ ду хели асбобҳои мусиқиро дучор меоем: оҳангӣ ва зарбӣ. Дар ҳамаи навъҳои ансамблҳои суннатӣ ҷой доштани ин ду навъи соз хеле устувор аст. Ҳайати созҳо дар ансамблҳо бештар бо маҳал, лаҳҷаи мусиқӣ, анъанаҳои маҳаллӣ вобастагӣ дорад.

Маҳз маҳал ҳайати созии ансамблро муайян мекунад. Ин ҳайат аз созҳое ташкил мешавад, ки дар маҳали мушаххас маъмул аст, яъне аз созҳои маҳаллӣ. Маълум аст, ки дар маҳалҳои гуногуни Тоҷикистон созҳои маҳаллӣ аз тарафи усто-созтарошони маҳалӣ тарошида мешавад. Ин усто-созтарошҳо худ бо ҳамин лаҳҷа гап мезананд ва оҳанги нутқи лаҳҷаи маҳаллашонро кӯшиш мекунанд дар созҳои тарошидаашон инъикос намоянд. Аз ин рӯ, садобарории сози мусиқӣ, пардабандии он, ҳама ба он равона мешавад, ки оҳанги нутқи маҳаллӣ, яъне лаҳҷаи он маконро бо мусиқӣ гуфта тавонад. Хулоса, дар баробари хусусиятҳои конструктивии сози мусиқӣ, балки асоси зарбӣ, лаҳнӣ ва оҳангии мусиқӣ ба нутқи гуфтугӯии он маҳал мутобиқ мешавад.

Масалан, мо наметавонем бо танбӯр Фалак хонему бо думбра Шашмақом навозем. Дар мисоли созҳои зарбӣ ин фарқият камтар мушоҳида карда мешавад, вале қолабзарбҳо ва задаҳои он ба нутқи гуфтугӯии маҳал (лаҳҷа) ҳамеша мутобиқанд. Тарзи садобарории асбоби зарбӣ ба шакли он мустақим таъсир мерасонад: дойра ё дафро ба таври таблак навохта намешавад, ба ҳар ҳол мушкил аст. Таблакро бошад, ба тарзи дойра ё даф навохтан имконнопазир аст.

Дигар ин аст, ки сохти сози мусиқӣ ба ранги садоии он мустақим таъсир мерасонад. Ин аст, ки кас метавонад садои таблакро аз дойра ва ин ҳардуро аз садои даф фарқ кунад. Нуктаҳое, ки зикр шуданд бо садоҳои сози зарбӣ вобастагӣ доранд.

Муқоисаи созҳои оҳангӣ фарқиятҳои бештарро нишон медиҳанд. Вале таҳлилу муқоисаи онҳо ба мақсади мақолаи мазкур вобаста нест. Бинобар ин мо аз он худдорӣ намуда, таваҷҷӯҳамонро ба ҳайати ансамблҳои калон ва камеравии маҳалҳои гуногуни Тоҷикистон равон мекунем. Муҳим аст, қайд кунем, ки ин ҳайатҳо на ба таври дастурӣ, балки ба таври стихиявӣ ташаккул меёбанд. Аз он лиҳоз, ки садои ин ансамблҳо аз ҷиҳати тембрӣ (аниқтар, хушрангӣ) ва форамии худ дар байни мардум «санҷиш»-ҳои воқеъиро гузаштаанд. Омили дигари муттаҳидшавӣ ба ансамбл аз функсияи сози мусиқӣ бармеояд. Ягон ансамбли суннатӣ бидуни сози зарбӣ нест. Зеро, ки мусиқии суннатии тоҷик, новобаста ба жанру маҳал, дорои қолабзарб мебошад. Омили сеюм бо хусусияти суннатҳои навозандагиву сароямдагӣ алоқаманд аст. Ҳунари иҷрокунандагӣ дар мусиқии суннатии тоҷик чунин қарор ёфтааст, ки сози оҳангӣ танҳо такнавозӣ намекунад. Ҳатто дар ансамбли хурдтарини Шашмақом танбӯр бо дойра, дар ансамбли хурдтарини Фалаки кулобӣ – думбра ё ғиҷак бо таблак ва дар анъанаҳои Фалаки помирӣ – рубоби бадахшонӣ ҳатман бо даф ҳузур дорад. Вале баъзан сароянда бо танбӯр ва ё бо думбра суруд мехонад. Дар ин маврид ҳам рафти оҳанг риояи қолабзарби оҳангро металабад. Ва чунин ҳолат ба сароянлагони суннатӣ хеле фаҳмост.

Дар ансамблҳои калон ҳам ҳузури сози зарбӣ ҳатмист. Бо ин мақсад ҳайати ансамблҳоро дида мебароем:

| гунаи ансамбл | созҳои оҳангӣ | созҳои зарбӣ | анъанаи мусиқӣ |
|---|---|---|---|
| камеравӣ | думбра, ғиҷак | таблак | фалаки кӯлобӣ |
| камеравӣ | думбра | таблак | фалаки кӯлобӣ |
| калон | думбра, ғиҷак, най, рубоб, соз | таблак, дойра | фалак кӯлобӣ |
| камеравӣ | сетор, танбӯр | даф | фалаки помирӣ |
| камеравӣ | танбӯр, рубоби помирӣ | даф | фалаки помирӣ |
| камеравӣ | танбӯр (баландзиком) | даф | фалаки помирӣ |
| камеравӣ | рубоби помирӣ | даф | фалаки помирӣ |
| калон | сетор, танбӯр, най (тутак), ғиҷак | даф | фалаки помирӣ |
| камеравӣ | танбӯр, дутор | дойра | Шашмақом |
| камеравӣ | танбӯр | дойра | Шашмақом |
| калон | танбӯр, дутор, ғиҷак | дойра | Шашмақом |
| калон | танбӯр, дутор,сато, ғиҷак, рубоб | дойра | Шашмақом |

2. **Ансамбли зарбӣ**.

Дар амалияи мусиқии суннатии тоҷик мавқеъи созҳои зарбӣ хеле муҳим аст. Одатан, сози зарбӣ аъзои ансамблҳои созӣ ва омехта мебошад. Дар ин ҷо вазифаи сози зарбӣ новобаста аз жанр хеле мушаххас аст. Ин ҷо он вазифа такнавозӣ (аккомпанимент)-ро иҷро мекунад. Маълум аст, ки мусиқии суннатии тоҷик одатан дорои қолабзарб ва ё зарб аст. Вазифаи сози зарбӣ дар ансамбли суннатӣ ҳамеша аз иҷро кардани чунин қолабзарб иборат аст. Ансамблҳои созӣ гуногун мешаванд – ансамбли калон ва ансамбли камеравӣ. Ҳузур доштани сози зарбӣ аз ансамбл вобаста нест. Ҷой доштани он ҳамеша ҳатмист.

Мавқеъи сози зарбӣ дар мусиқии суннатӣ танҳо ансамбли омехта нест. Якканавозии созҳои зарбӣ низ дар мусиқии суннатӣ хеле маъмул аст. Дар ин ҷараён ансамблҳое ба вуҷуд омаданд, ки танҳо аз созҳои зарбии яккхела ё гуногун иборатанд. Чунин хели ансамблҳоро метавон «ансамбли зарбӣ» номид, вале дар амалияи мусиқӣ одатан онҳоро «ансамбли дойрачиён», «ансамбли дафнавозон», «ансамбли таблакчиён» ва ғайра меноманд. Ин гунаи ансамбл зодаи анъанаҳои мусиқии суннатии тоҷик аст. Зимни анъанаи зерин жанрҳое ба вуҷуд омадаанд, ки дар маҳалҳои гуногун густариш ёфтаанд. Дар рафти экспедитсияи соли 2017, ки аз тарафи ҳайати омӯзгорони Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов ба минтақаҳои Кулобу Бадахшон ташкил карда шуда буд, жанрҳои хосаи якканавозии сози зарбӣ ба қайд гирифта шуд.[46]

Албатта ин жанрҳо кашфиётҳои экспедитсияи мо ба шумор намераванд. То ин дам дар бораи онҳо муҳаққиқон (Кароматов Ф.М., Нурҷонов Н.Ҳ., Азизӣ Ф.А.) шарҳ додаанд ва ба илми мусиқӣ ворид кардаанд. Вале диққати моро он ҷалб намуд, ки ин жанрҳои сирф созии зарбӣ байни мардуми маҳалҳои гуногун дар амалияи мусиқӣ маълум гардидаанд.

[46] Дар амалияи мусиқии имрӯза инчунин ансамблҳои рубобнавозон, дуторнавозон во мехӯранд. Вале онҳо бештар саҳнавианд. Пайдоиши онҳо бо талаботи консертӣ-саҳнавӣ вобаста аст.



Ансамбли дойразанони ҷавон.

Дар амалияи мусиқӣ истилоҳи дойрабазм ба маънои васеъ истифодаи якчанд адад сози мусиқии дойраро дорад. Вале дар мусиқии суннатии тоҷик он зуҳуроти хеле серранги худро пайдо кардааст.

3. **Дойрабазм**

Бо унвони «дойрабазм» дар минтақаи Кулоб жанреро ном мегиранд, ки дар он гурӯҳи мардон ва ё занон иборат аз 2 то 10 нафар дойразанон иштирок мекунад. Ҳамаи онҳо расман як зарбро ба таври унисон мезананд. Вале маълум аст, ки ҳеҷ гоҳ ду дойразан воқеан як хел дойра зада наметавонанд.

Гуногунии зарбҳои онҳо қабл аз ҳама бо тембр фарқ мекунад, зеро ду дойра садои якхеларо надорад. Шояд дар нишон додани зарбҳои қавии заданок онҳо мекӯшанд як хел бошанд, вале дойразании якҷояву якхелаи зарбҳои заиф хеле душвор аст.

Ин нишондоди он аст, ки ҳарчанд шумораи дойразанон зиёд шавад, садои ансамбл серрангтар мебарояд.

Ҳайати ансамбли дойразании мардона ё занонаро расму оин муайян мекунад. Табиист, ки дар расму оинҳои занона дойрабазмро занҳо менавозанд. Дар расму оинҳои умумӣ бошад онро метавонад ё гурӯҳи занон ва ё гурӯҳи мардон иҷро кунад.

Дойрабазм дар ягон маврид дар минтақаи Кулоб аз тарафи гурӯҳи омехта (зану мард ҳамҷоя) иҷро карда намешавад. Теъдоди ҳайати иштирокчиёни ин ансамблҳо вобаста ба расму оин аст. Масалан, дар ҳуҷрабазмҳои занона, албатта, миқдори дойразанон камтар, ҳатто дукаса ҳам мешавад. Вале дар тӯю тамошоҳои рӯйиҳавлигӣ ҳайатро бештар сершумор мекунанд. Чунин мешуморанд, ки теъдоди зиёди дойразанон шукӯҳу шаҳомати маросими тӯёнаро зиёд мекунад.

Албатта, мусиқие, ки дойранавозон мезананд, зарбҳои ин ё он маҳал мебошад. Бинобар ин дар минтақаи Кулоб зарбҳои дойразанони як маҳал аз дигар баъзан фарқ мекунад. Пайиҳамии зарбҳо аз интихоби худи дойразанон вобаста аст.

Мазмун ва пайиҳам омадани зарбҳо дар ансамблҳои мардона ва ансамблҳои занона гуногун аст. Одатан дар дойрабазми мардона зарбҳои рақсҳои марждона ва дар дойрабазми занона зарбҳои рақсҳои занонаро истифода мебаранд.

Дойрабазм дар минтақаи Кулоб аз ҷиҳати иҷро ҳам ду хел мешавад: созӣ ва созӣ-овозӣ. Дойрабазми созӣ танҳо бо дойраҳо навохта мешавад. Зимни дойрабазми созӣ-овозӣ дойразанон дар баробари дойразанӣ, суруд ҳам мехонанд. Ҳам дойрабазми созӣ-овозӣ ва ҳам созӣ жанри мусиқии ҳам занона ва ҳам мардона мешавад.

4. **Дафсоз**

Айнан ҳамин жанр бо хусусиятҳои зикршуда дар Бадахшон «дафсоз» ном дорад. Чунин номгузорӣ қабл аз ҳама бо истифодаи сози даф мебошад. Дар он ба ҷойи дойра сози зарбии бадахшонии даф истифода бурда мешавад. Даф яке аз созҳои қадимтарини мусиқии бадахшонӣ ба ҳисоб меравад.

Дар Бадахшон ҳам дафсоз ҳам жанри мусиқии мардона асту ҳам жанри мусиқии занона. Ба гуфтаи мусиқачиёни маҳаллӣ, солҳои пеш дафсозро гурӯҳи занон навохта, суруд мехонданд, аммо бо мурури замон имрӯз онро ба жанри умумӣ табдил додаанд. Дар Бадахшон ҳам дафсоз жанри созӣ ва созӣ-овозӣ маҳсуб меёбад.




Дафсоз дар саросари Бадахшон густариш ёфтааст. Онро дар маъракаҳои тӯю тамошои мардуми минтақаи мазкур хеле зиёд истифода мебаранд. Тазаккур бояд дод, ки дафсоз жанрест, ки метавон онро ҳамчун «жанри маросимӣ» муайян кард. Он яке аз суннатҳои қадими мардуми кӯҳистони Бадахшон маҳсуб ёфта, аз маросимҳои гуногуни мардуми ин маҳал бар омадааст. Ба гуфтаи мусиқачиёни бадахшонӣ дар ин ҷо дафсозро ҳам дар рӯзҳои хурсандӣ ва ҳам дар рӯзҳои ғаму андӯҳ, тӯй ва мотам, шунидан мумкин аст[47].

Дар тӯй он якчанд оини тӯёнаро, ба монанди сартарошон, шаҳбаронро ҳамроҳӣ мекунад. Гуфтан мумкин аст, ки дар тӯй он бо образи шаҳ алоқаманд аст.

Миқдоран ҳайати ансамбли дафнавозони мардона ва занонаро расму оин муайян мекунад. Масалан, дар расму оинҳои занона дойрабазмро занҳо менавозанд, вале дар расму оинҳои умумӣ онро метавонад ё гурӯҳи занон ва ё гурӯҳи мардон иҷро кунад. Дафсоз дар ягон ҳолат дар Бадахшон аз тарафи гурӯҳи омехта (зану мард ҳамҷоя) иҷро карда намешавад. Теъдоди ҳайати иштирокчиёни ансамблҳои дафсоз  аз 2 то 10 нафар буда метавонад.

[47] Ба ман дар ин бора фалакхон Қодир Лутфишоев нақл кард: дар маросими мотамӣ дар рафти бардоштану бурдани тобут дафсозон даф зада меравад.



Дар Бадахшон, албатта, зарбҳои помирӣ навохта мешавад. Асоси жанри дафсозро зарбҳои серранги бадахшонӣ хеле зебову мутантан мегардонанд. Дар Бадахшон ҳам зарбҳои маҳаллӣ гуногунанд. Аз ин рӯ, ин гуногунрангӣ дар дафсоз таҷассумгари ин ё он маҳал мебошад. Ҳар дафзан зарбҳои маҳалли худро медонаду менавозад. Ва зарбҳои дафсози занона дигар асту, дафсози мардона дигар.

Дафсоз имрӯз ҳам дар байни мардуми Бадахшон хеле рушду ривоҷ меёбад. Хусусияти дафсози бадахшонӣ дар он низ ҳаст, ки ҳамаи дафҳо ба таври унисон наменавозанд. Баъзан ду хели зарб рӯ ба рӯ навохта мешавад.

Ҳатто дар гузаштаи наздик дар тӯю сурҳо ба ғайри дафу най дигар созҳои мусиқӣ истифода намешуд. Имрӯз бо вуҷуди истифодаи созҳои гуногунранг, ба монанди ҷуфтсоз, рубоби қашқарӣ, рубоби помирӣ, рубоби афғонӣ, гармон, ғиҷак ва дигар, жанри маросимии дафсоз дар Бадахшон хеле мубрам аст. Ин аз он далел аст, ки мардум нисбати дафсоз маҳбубияти хосаро зоҳир менамояд.

5. **Қабопӯш**

Дар ноҳияи Ванҷ ба мо маълум шуд, ки мардуми маҳаллӣ ин жанрро бо номи зебои «қабопӯш» ном мебаранд[48]. Дар ин ҷо жанри мусиқии қабопӯш ба ифтихори домод, шаҳ навохта мешавад. Ва унвони он аз як унсури либоси домодӣ гирифта шудааст. Аз ин бармеояд, ки дар Ванҷ жанри мусиқии қабопӯш – жанри маросими тӯйӣ аст. Ва ин жанри мусиқии тӯёна дар дигар хурсандиҳо ҳам баъзан ҷо дорад. Дар ноҳияи Ванҷ онро ҳамеша мардҳо иҷро мекунанд. Дар ансамбли дойразанон аз 2 то 10 нафар иштирок мекунад.

6. **Хулоса**

Аз маълумоте, ки ба мо тобистони соли 2017 дастрас шуд, бармеояд, ки жанри қариб якхелаи зарбӣ ба жанри мусиқии суннатии мардуми маҳалҳои гуногуни Тоҷикистон хос будааст. Он дар ҳар маҳал унвони гуногунро гирифтааст. Ва чунин номгузорӣ дар ҳамаи мавридҳо интихоби мардуми маҳаллист.

[48] Қабо – 1. Як навъ либоси дарози пешкушодаи рӯйпӯшии мардона.// Фарҳанги забони тоҷикӣ. Дар ду ҷилд. Мураттибон М.Шукуров ва диг. – Москва: «Сов.эн.». – 1969. – С.661.

ТДУ 78.07 (575.3)

# Эҳёи анъанаҳои устод-шогирд ва силсиласаройӣ дар консерватория

*Абдурасул Исмоилов,*
*ноиби ректор оид ба тарбия ва корҳои эҷодӣ.*

Ҳама давру замон дар Шашмақом аст,
Ҷаҳони тоҷикон дар Шашмақом аст.

Шашмақом падидаи нотакрорест, ки асрҳои аср фарҳанги миллии тоҷиконро бою ғанӣ мегардонад. Он ҳамчун асари панду ахлоқӣ шахсро ба роҳи рост ҳидоят намуда, ватандӯстӣ, инсонпарварӣ ва муттаҳидиро таҷассум менамояд. Мусиқии классикӣ тавассути тафаккури эҷодкоронаи бадеии гузаштагон аз насл ба насл гузашта, рушду камол ёфтааст. Дар мундариҷаи сурудҳову навоҳои Шашмақом ҳаёти гуногунтобиши инсон, ҳолатҳои иҷтимоӣ, ишқӣ-лирикӣ, масъалаҳои одобу ахлоқ ва тасаввуроти тоҷикон ғунҷоиш ёфтааст.

Волоияти маънӣ ва бадеияти Шашмақом, махсусан ҳангоми шунидани он эҳсос мегардад, зеро дар суруду навоҳои ба камоли эъҷоз расидаи Шашмақом сухану мусиқӣ тавъам шудаанд. Оҳангҳои пурҷозиба ва суруду таронаҳои Шашмақом нозукиҳои олами ботинӣ ва зоҳирии ҷомеаро тасвир менамоянд. Маҳз тавассути Шашмақом тафаккури баланди зебоипарастии инсон мукаммал мегардад. Чунин унсурҳои сирф ҳидояткунанда ба Шашмақоми бузург мансуб аст.

Ин мероси безаволи мусиқӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ дар чаҳорчӯбаи системаи таълимии устод-шогирд рушд ва густариш пайдо кард. Феълан анъанаи мазкур байни мардум тавассути устодони асили Шашмақом бештар рушду густариш меёбад. Тибқи ин анъана устодони мақомхон имрӯз низ нозукиҳои хелҳои гуногуни онро ба насли ҷавон интиқол медиҳанд.

Дар асри XX дар ҷараёни мазкур саҳми бузургеро ҳамчун идомадиҳандагони мактаби классикии Шашмақом фаъолияти пурсамари Устодон Бобоқул Файзуллоев, Фазлиддин Шаҳобов ва Шоҳназар Соҳибов бевосита мепайвандем.

Инчунин маълум аст, ки то охири асри XX ва аввали асри XXI, то имрӯз фаъолияти мактабҳои ҳунарии мақомхонӣ дар маҳалҳои гуногуни вилояти имрӯзаи Суғд шаҳрҳои Хуҷанд, Исфара, Истаравшан, Конибодом ва Панҷакент дар сатҳи маҳаллӣ, авлодӣ, оилавӣ идома ёфта, мақомҳои маҳаллии тоҷикро рушд медиҳанд.

Имрӯз бо шарофати дастгириҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистон ҷашнҳои хоссаи мусиқии волои тоҷикон – «Рӯзи Шашмақом» ва «Рӯзи Фалак» таъсис дода шуд ва дар тамоми қаламрави мамлакат дастаҳои ҳунарии мақомхонон фаъолият намуда, барои пешрафти ин мероси ниёгон хизматҳои бепоён анҷом медиҳанд. Аз зумраи чунин ташаббусҳои Президенти муҳтарам таъсиси Консерваторияи миллӣ низ мебошад, ки аз соли 2003 фаъолияти худро оғоз карда, имрӯз ягона муассисаи олӣ мебошад, ки мутахассисони Шашмақомро тарбия мекунад.

Бо иқдоми беназири Сарвари маҳбубамон ансамбли шашмақомхонони Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Фазлиддин Шаҳобов сазовори мақоми давлатӣ гардид. Ва Шашмақом, ин муқаддасоти маънавии миллати тоҷик ба Феҳристи шоҳкориҳои маънавии башарият дар созмони ЮНЕСКО дароварда шудааст.

Дар ин ҷараён таваҷҷуҳ ба мусиқии классикии суннатии касбӣ, зинда кардани системаи таълимии устод-шогирд, ҷорӣ намудани он дар муассисаҳои таълимии давлатӣ баҳри бедор кардани ҳисси худшиносии милливу ватанпарастӣ ва ҳифзи маънавиёти мероси мусиқӣ кӯшишу талошҳои зиёде зоҳир гардид. Ба низоми таълимӣ ворид гардидани Шашмақом асосҳои илмӣ, назариявӣ ва эҷодии онро устувор мегардонад.

Дар Консерватория дар самти корҳои таълиму тарбия, эҷоду иҷроиши санъати Шашмақом талошҳои зиёде карда шуда истодааст.

Дар факултети мусиқии суннатии тоҷик як зумра устодон ва мутахассисони варзидаи Шашмақом Мастона Эргашева, Фурқати Саид, Хуршед Иброҳимзода, Аброр Маҳмудӣ, Сироҷиддин Ҷӯраев, Шавкат Оқилов, Абдурасул Исмоилов, Зоиршо Ҳайдаров, Солеҳ Орифов ва ҳамчунин ҷавонони умедбахши консерватория Наимҷон Ҳошимов, Далер Расулов, Улуғбек Усмонов ва дигарон баҳри таълиму тарбияи ҷавонони болаёқат саҳми арзанда доранд.

Дар ин даргоҳ мусиқии суннатӣ бо равияҳои мушаххаси худ таълим дода мешавад. Фаъолияти факултет ба он равона карда шудааст, ки самти тарбияи мақомсароӣ ва мақомнавозӣ бо анъанаи услуби мактаби суннатии устод-шогирд ба роҳ монда шуда, байни устодону шогирдон мавқеи хосаро касб кардааст. Аз ин рӯ, ки маҳз ҳамин услубу мактаб тавонистааст тайи садсолаҳо ин гавҳари мусиқиро ба наслҳои имрӯза расонад.

Вазифаи асосии хешро ахли устодону донишҷӯёни факултети мусиқии суннатии тоҷик дар мавқеи арзандаву пурифтихор пайдо кардани мутахассиси Шашмақом дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистони азиз мебинад.

Дар консерватория тайи чанд сол аст, ки гузаронидани қироати ғазал, консертҳои синфӣ ва дарсҳои кушоди омӯзгорон ҳамасола барои ҳар як омӯзгор ҳатмӣ аст. Ҳамчунин иҷрои мақомҳои силсилавӣ ба василаи хуби таълимӣ табдил ёфтааст.

Талқини мақомхониву мақомнавозӣ давра ба давра рушд мекунад.

Барномаи консертии силсиланавозӣ ва силсиласароии мақомҳо, яъне куллан иҷро намудани силсилаҳои Мушкилот ва Насри як мақом дар Рӯзи Шашмақом дар муддати ду-се рӯз ҳамасола таҷлил мегардад. Дар консерватория силсилахонӣ зимни лоиҳаи эҷодии дарозмуддати «Шоми мақомхонӣ», ки аз соли 2014, бо ташаббуси ректори онвақта доктори илмҳои санъатшиносӣ Ф.А. Азизӣ таъсис дода шуда буд, оғоз гардидааст. Устодону донишҷӯён силсилахониро бо як самимияти беандоза ҷорӣ карда, онро на фақат дар Рӯзи Шашмақом, балки ба талаботи барномаҳои таълимӣ ворид карда, дар консертҳои синфӣ низ иҷро мекунанд. Умуман, дар консерватория силсилахониро хеле фаъол гардонидаанд. Он барои баланд бардоштани ҳунари сарояндагӣ ва навозандагии донишҷӯёну омӯзгорон заминаи устувори эҷодиро фароҳам меоварад.

Иҷроиши силсилавӣ яке аз суннатҳои асили ин шоҳкории мусиқист.

Дар ин бора устод Фазлиддин Шаҳобов дар рисолаи беназири хеш «Баёзи Шашмақом»[49] таъкид кардааст.

Таҷлили ҳамасолаи силсилахонӣ дар Рӯзи Шашмақом бо иштироки аҳли зиё ва фарҳангдӯстон ба ҳукми анъана даромада, сол то сол доираи васеъро дар бар гирифта, шаҳодати рушди баланди ҳунарии иҷрокунандагон гардидааст. Силсилахонии донишҷӯёну устодони консерватория боиси ифтихор буда шукӯҳу шаҳомати ҳунари мақомхониро зиёд мекунад. Ҳам худи иҷрокунандагон ва ҳам шунавандагон онро ҳамасола интизор мешаванд.

Дар солҳои таҳсили 2015-2016 силсилаи Мақоми Бузург, 2016-2017 силсилаи Мақоми Наво, 2017-2018 силсила Мақоми Сегоҳ, 2018-2019 силсилаи Мақоми Дугоҳ, 2020-2021 силсилаи Мақоми Бузург ва дар соли таҳсили 2021-2022 силсилаи мақоми Ироқ

[49] Шаҳобов Ф. Баёзи Шашмақом. Мураттиб ва муаллифи тавзеҳот Ф.Азизӣ. – Душанбе: СИЭМТ. – 2007 (нашри якум), 2011 (нашри дуюм) – 288 с.

пешкаши мухлисони ин санъати воло гардид. Ин анъанаи мақомхонӣ заминаи устувореро ба рушди Шашмақом дар ҷомеаи муосир мегузорад.

Дар мисоли барномаҳои «Шоми мақомхонӣ»-и консерватория метавон дид, ки ин намунаи олии мусиқии классикии тоҷик имрӯз дар фазои фарҳангии кишвар бо болу пари қавӣ парвоз ба сӯи қуллаи баланди ҳунарӣ дошта, дар қиёс бо солҳои пеш ҳайати ансамблҳои шашмақомсароён хеле ҷавон гаштааст. Донишҷӯёни консерватория бо ҷӯшу хурӯши ҷавонӣ дар пайи омӯзишу иҷрои бахшҳои ин шоҳасари бузург қарор доранд.

Иқдоми Пешвои муаззами миллат дар таъсиси Рӯзи Шашмақом ва дар дастгирии барномаҳои давлатӣ оид ба рушди санъати мақомхонӣ дар он аст, ки дар андак муддат ба ин ҳунар истеъдодҳои ҷавон ворид шаванд ва омодаи соҳиб гардидан ба ин олами зарбу оҳангҳои дилафрӯзу дилрабо бошанд. Мақсади амалӣ гардонидани ин ташаббуси бузургро дар ҷараёни таълим ва талошҳои эҷодӣ консерватория дар назди худ гузоштааст. Ворид намудани системаи устод-шогирд дар таълим ва фаъол гардонидани силсилахонӣ дар Шашмақом қадамҳои аввалинест барои расидан ба ин мақсад.

ТДУ 78 (091) (100)

## Жанри «силсилаи бузург»-и полифонӣ дар мусиқии композиторӣ: таърих ва талқин

*Бахтиёр Убайдзода, докторант,*
*роҳб.илмӣ Азизӣ Фарогат Абдуқаҳҳорзода*

Дар илми мусиқӣ силсилаҳои полифониро бо унвонҳои «силсилаи хурд» [5, 219] ва «силсилаҳои бузург»-и (Т. Ливанова) [5, 211] ном мегиранд. Зери мафҳуми «силсилаи хурд» силсилаи прелюдия ва фуга ва зери «силсилаҳои бузург» силсилаҳои калонҳаҷм, ба монанди «24 прелюдия ва фуга» дар назар дошта мешавад.

Дар эҷодиёти композиторон «силсилаи бузург» талқиноти гуногунро пайдо кардааст.

Он силсилаҳое, ки дар пайравии талқиноти И.С. Бах офарида шудаанд, дар мусиқишиносӣ унвони шартии «силсилаҳои бузурги полифонии суннатӣ»-ро гирифтаанд.

Силсилаҳоеро, ки дар он дигаргунсозӣ ва талқини нави сохторӣ дида мешавад, «силсилаҳои бузурги полифонии ғайрисуннатӣ» ном мебаранд.

Аслан ин раддабандӣ аз навъи силсилаи хурди полифонӣ бармеояд. Ду қисми силсила тибқи суннат ҳамон аст, ки дар худ прелюдия ва фугаро дарбар мегирад ва он силсилаи бузурги полифонии суннатӣ маҳсуб меёбад. Вале асоси силсилаи бузурги полифонии ғайрисуннатиро силсилаи хурди полифоние ташкил медиҳад, ки фантазия ва фуга, речитатив ва фуга ва амсоли онҳоро дарбар мегирад.

Таърихи ин жанр дар мусиқӣ хеле диққатҷалбкунанда аст.

Аввалин бор ба ин жанр композитори олмонӣ И.С. Бах дар асри XVII рӯ овардааст.

Маълум аст, ки ӯ силсилаи бузурги полифониро иборат аз «48 прелюдия ва фуга»-ро дар ду ҷилд (ҳар як ҷилд иборат аз «24 прелюдия ва фуга») зери унвони «Das Wohltemperierte Clavier» эҷод намудааст. Идомадиҳандагони силсилаҳои бузурги полифонии суннатӣ, ки ба талқиноти И.С. Бах пайравӣ кардаанд, дар мусиқии композиторӣ начандон зиёданд, аз ҷумла, силсилаи полифонии «48 прелюдия ва фуга»-и К. Черни (1830), «24 прелюдия ва фуга»-и В.П. Задератский (1937), «24 прелюдия ва фуга»-и Д.Д. Шостакович (1951), «24 прелюдия ва фуга»-и Р. Шедрин (1964), «24 прелюдия ва фуга»-и И. Еличёва (1970), «34 прелюдия и фуга»-и В. Бибик (1973), «24 прелюдия ва фуга»-и Г. Мушел (1975), «24 прелюдия ва фуга»-и К. Сорокин (1977), «24 прелюдия ва фуга»-и А. Флярковский (1992), «24 прелюдия ва фуга»-и С. Слонимский (1994), «24 прелюдия ва фуга»-и Н. Капустин (1996) ва «24 прелюдия ва фуга»-и Ф. Баҳор (1997).

Бояд қайд кард, ки то давраи И.С. Бах эҷоди асарҳои композиторӣ бо якчанд лаҳну тоналност маҳдуд буд. Инчунин майли композиторон ба тоналностҳои бемолӣ нисбат ба тоналностҳои диезӣ бештар зоҳир мегардид.

Композитори маъруф И.С. Бах бо мақсади нишон додани иқтидори лаҳнӣ-тоналии ҳар як тоналност ба таълифи асари мазкури бузургҳаҷми худ шурӯъ намуд.

Ин асари И.С. Бах нишон дод, ки ҳамаи тоналностҳо новобаста ба теъдоди аломатҳо баробарҳуқуқанд. Оид ба чунин рафтори И.С. Бах композитори маъруфи венгерӣ Б. Барток гуфтааст «Бах бе ташвиш дар ҳама тоналностҳо қадам мезанад» [6, 19].

Чунин кӯшишҳо то Бах низ зиёд буданд. Композитори дигари асри XVII И. Фробергер қариб дар ҳама тоналностҳо кансонаи полифонӣ[50] эҷод намудааст.

Композитори асри XVII И. Пахелбел бошад, сюитаи клавирӣ навиштааст, ки 17 тоналностро фарогир буд.

[50] Кансона, ин шеъри лирикӣ-дарборист, ки дар ашъори трубадурҳо маъруф буд.

Композитори асрҳои XVII-XVIII Иоганн Каспар Фердинанд Фишер 20 сол қабл аз эҷоди Бах силсилаи полифонии «12 прелюдия ва фуга» дар ҳама дараҷаҳои гамма навиштааст. Ниҳоят, Иоганн Маттесон (асри XVIII) маҷмӯаи полифонии «Баси генералӣ»-и худро дар 24 тоналност эҷод кардааст.



И.С. Бах (1685-1750)

Композитори маъруф И.С. Бах бошад, силсилаи полифониашро дар солҳои гуногун эҷод намудааст, ҷилди якум соли 1722, ҷилди дуюм соли 1744.

Номи силсилаашро худи муаллиф гузоштааст.

Ин асар тартиби тоналии хроматикӣ дошта, 24 тоналносторо дарбар мегирад.

Ин силсила аз 48 прелюдия ва фуга иборат буда, ба ду ҷилд тақсим шудааст.

Аз нуқтаи назари тоналӣ ҷилди дуюм такрори ҷилди якум аст. Аммо И.С. Бах дар ин силсила 48 асари мустақилро дар жанри силсилаи хурди полифонӣ навиштааст.



К. Черни (1791-1857)

Пас аз 108 сол, соли 1830 композитори австриёӣ К. Черни «48 прелюдия ва фуга» менависад. Ин силсилаи бузург 24 тоналности мажорӣ ва 24 тоналности минориро дар бар гирифтааст.

Дар қиёс ба И.С. Бах тартиботи тоналии силсила хроматикӣ набуда, давраи квинтоиро меъёр интихоб кардааст.

Давраи квинтоӣ самти поёнравандаро дорад, яъне ба сӯйи лаҳнҳои бемолӣ – C-dur – a-moll, F-dur – b-moll, B-dur – g-moll ва ҳ. равон аст.



В. Задератский (1891-1953)

Баъд аз 107 сол аз К. Черни, соли 1937, композитори украинӣ В. П Задератский силсилаи полифонии «24 прелюдия ва фуга»-и худро эҷод кард. Ин асар танҳо пас аз 77 сол, соли 2014 иҷро шудааст. Тартиби ин силсила низ давраи квинтоӣ буда, ҳаракати болоравандаро – C-dur – a-moll, G-dur – e-moll ва ҳ. дорад.



Д.Д. Шостакович (1906-1975)

Композитори машҳури советӣ Д.Д. Шостакович низ ба ин жанр рӯ овардааст.

Ӯ силсилаи полифонии «24 прелюдия ва фуга»-и худро соли 1951 менависад, яъне 14 сол пас аз В. П. Задератский.

Тартиби тоналии силсилаи ӯ низ давраи квинтоии болоравандааст.



Р. Шедрин (16.12.1932)

Композитори дигари шуравӣ Р. Шедрин соли 1964,13 сол пас аз Д.Д. Шостакович силсилаашро эҷод мекунад.

Силсилаи полифонии «24 прелюдия ва фуга»-и Р. Шедрин дуҷилда аст.

Ҷилди якум аз 12 тоналности диезӣ ва ҷилди дуюм аз 12 тоналности бемолӣ иборат мебошад.

Замони эҷоди силсила панҷ солро дарбар мегирад (1965-1970)51 . Тартиби ин силсила ба монанди силсилаи Д.Д. Шостакович дар давраи квинтоии болораванда бо ҳаракат ба сӯйи лаҳнҳои диезӣ аст.

---

51 Ҷилди якум соли 1966 ба чоп расидааст ва ҷилди дуюм – соли 1971.



И. Еличёва (1986-2013)

Миёни эҷоди силсилаи полифонии Р. Шедрин ва И. Еличева 6 сол фарқ аст.

И. Еличева силсилаи полифонии «24 прелюдия ва фуга»-ро соли 1970 дар ду дафтар эҷод намудааст.

Ҳар як дафтар (дафтари I – соли 1972 ва дафтари II– соли 1974) аз 12 прелюдия ва фуга иборат аст. Тартиби лаҳнии силсилаи полифонии «24 прелюдия ва фуга»-и И. Еличёва чун И.С. Бах хроматикӣ – C-dur – a-moll, Des-dur – b-moll. D-dur – h-moll, Es-dur – c-moll ва ҳ. мебошад.



В. Бибик (1940-2003)

Силсилаи полифонии композитори украинӣ В. Бибик дар шакли «34 прелюдия и фуга» соли 1973 навишташудааст. Он аз 3 дафтар иборат аст.

Ҳар дафтар номҳои хоса дорад: «Размышление», «Напряжение» ва «Просветление».

Мутаассифона, тартиби тоналии он, бинобар сабаби дарёфт накардани маводи нотавӣ, аз ҷониби мо муайян нашудааст.



Г. Мушел (1909-1989)

Соли 1975 силсилаи «24 прелюдия ва фуга»-ро композитори ӯзбек Г. Мушел навишт.

Дар тартиби тоналӣ-лаҳнӣ ӯ ба К. Черни пайравӣ мекунад:давраи квинтоии поён-раванда – C-dur – a-moll, F-dur – d-moll, B-dur – g-moll ва ҳоказо.



К. Сорокин (1948-2013)

Композитори рус К. Сорокин яке аз пайравони тартиби тоналӣ-лаҳнии И.С. Бах аст.

Ӯ соли 1977 бо тартиби сирф хроматикӣ силсилаи полифонии «24 прелюдия ва фуга»-ро эҷод кард.



А. Флярковский (1931-2014)

Композитори дигари рус А. Флярковский силсилаи полифонии «24 прелюдия ва фуга»-ро соли 1992 бо тартиби давраи квинтоии болораванда навишт.



С. Слонимский (1932-2020)

Композитор С. Слонимский соли 1994 силсилаи полифонии «24 прелюдия ва фуга»-и худро эҷод карда, ба устодаш А.Н. Должанский бахшидааст.

Силсилаи ӯ низ аз ду дафтар иборат буда, ҳар дафтар аз 12 силсилаи хурд иборат мебошад. Ӯ силсилаашро бо тартиби лаҳнӣ-тоналии хроматикии зерин: C-dur – c-moll, Des-dur – cis-moll, D-dur – d-moll ва ҳоказо сохтааст.



Н. Капустин (1937-2020)

Соли 1996 композитори рус Н. Капустин силсилаи полифонии «24 прелюдия ва фуга»-и худро менависад.

Тартиби лаҳнӣ-тоналии силсилаи ӯ дар принсипи афзоиши бемол дар гаммаҳои бемолӣ ва камшавии диез дар гаммаҳои диезӣ сохта шудааст.

Ҷолиб аст ки дар таносубияти тоналии ҳар як ҷузъи силсилаи хурди полифонӣ – прелюдия ва фуга ӯ фосилаи квартои костаи поёнравандаро интихоб намудааст: C-dur – gis-moll, F-dur – cis-moll, B-dur – fis-moll, Es-dur – h-moll ва ҳоказо.



Ф. Баҳор (19.11.1942)

Ниҳоят, композитори тоҷик Фирӯз Баҳор дуюмин композитори Осиёи Марказӣ аст, ки ба ин жанр рӯ овардааст. Силсилаи ӯ низ 24 тоналности мажорӣ ва минориро дарбар гирифтааст.

Ӯ чун Д.Д. Шостакович дар тартиби давраи квинтоӣ силсилаашро эҷод намудааст. Лекин бояд қайд шавад, ки баъзе тоналностҳои силсилаи Фирӯз Баҳор шартан навишта шудаанд. Бисёре аз онҳо рамзӣ буда, дар дохили онҳо лаҳнҳои диатоникии дорӣ, фригӣ, миксолидӣ ва диг. истифода шудаанд.

Дар заминаи силсилаҳои суннатии полифонӣ талқинҳои дигари эҷодӣ пайдо шудаанд, ки онҳоро метавон чи тавре ки зикр кардем, шартан ба силсилаи бузурги ғайрисуннатӣ дохил намуд. Силсилаи бузурги ғайрисуннатӣ дорои якчанд хусусияти худ аст:

1. Дар силсила гарчанде жанри сирф полифонии фуга нигоҳ дошта шавад ҳам, лекин он бо жанрҳои дигари мусиқӣ, аз қабили речитатив, интерлюдия, фантазия ва ғайра ҳамҷоя силсиларо ташкил мекунад;

2. Теъдоди силсилаҳои хурд дар онҳо гуногунанд, аз ҷумла, 4, 5, 7 ва ғайра;

3. Асоси лаҳнӣ ва ҳатто тартиби лаҳнӣ дар онҳо бо системаи мажор-минор маҳдуд нест. Силсилаҳо на танҳо дар низоми мажору минор, балки дар сирф диатоника ва ё пентатоника низ офарида шудаанд.

Дар жанри силсилаи полифонии бузурги ғайрисуннатӣ композиторон П. Хиндемит «Ludus tonalis» (1944), Арам Хачатурян «Ҳафт речитатив ва фуга» (1966), Гаянэ Чеботарян «Прелюдия ва фуга дар лаҳнҳои мусиқии арманӣ» (1979), Ван Лисан маҷмӯаи полифонии «Тян-Шан» (1981), Ван Лисан «5 прелюдия ва фуга дар асоси лаҳнҳои қадимаи чинӣ» (1981), Леонид Бобилев «Полифонияи диатоникӣ» (1987) ва дигарон асарҳо эҷод намудаанд.



П. Хиндемит (1895-1963)

Асосгузори жанри силсилаи полифонии ғайрисуннатӣ композитор Паул Хиндемит ба ҳисоб меравад.

Ин композитор силсилаи полифониро дар системаи додекафонӣ эҷод карда, чун И.С. Бах китоби дарсӣ офаридааст.

Дувоздаҳ интерлюдия ва фуга дар маҷмӯаи ӯ ҳамчун «машқҳои контрапунктӣ ва машқҳои пианинонавозӣ» эҷод шудаанд.

Асоси силсиларо тибқи қонуни додекафония 12 дараҷаи баробарҳуқуқ ташкил медиҳад.

Хусусияти якуми «Ludus tonalis» ягонагӣ ва якпорчагии он аст. Иҷрои як силсилаи хурди интерлюдия ва фуга имконнопазир аст, зеро дар ин ҳолат мантиқи он гум мешавад.

Хусусияти дуюми ин силсила бо асоси атоналии он пайваст аст. Тавре аз унвони он бармеояд («Ludus tonalis» –«Бозии пардаҳо»), асоси силсиларо дараҷоти 12 парда ташкил медиҳад ва нотаҳои дигар дар меҳвари нотаи «С» чарх мезананд:

Хусусияти сеюми силсилаи П. Хиндемит дар иваз кардани силсилаи хурд аст. Ӯ фугаро на бо прелюдия, балки бо интерлюдия ҳамҷоя мекунад.

Асоси композитсия 12 интерлюдия (ба истисноии силсилаи якум, ки прелюдия аст) ва фугаи сеовоза мебошад, ки дар фугаҳо усулҳои инверсионӣ, афзуда, коста ва чаппа инъикос истифода бурда шудаанд.

Ба ақидаи мусиқишинос И.И. Васирук эҷоди силсилаи калон дар тавоноии композитор аст, ки «мушкилоти рӯзмарраи ҷаҳонро дар эҷодиёташ инъикос карда, таърихан дарҷ мекунад» ва боз чунин мешуморад, ки «дар силсилаи бузург композитор имкони васеъ кушодани мавзӯи эстетикиро дорад, онро хубтару пурра мекушояд» [3, с. 57].Ба ин бояд илова кард ки дар таърихи мусиқӣ ин жанри мазкур таҷассумкунандаи системаҳои мусиқӣ гардидааст. Сарфи назар аз зиёд шудани таваҷҷуҳ ба полифония дар асри XX, пайдоиши силсилаи нави полифонӣ ҳамеша як воқеаи муҳим хоҳад монд, зеро он аз маҳорати композиторӣ, камолоти бадеӣ ва аз ҷиддӣ будани мақсадҳои эҷодии композитор дарак медиҳад.




Адабиёт

1. Ван Ин. Интеграция национальных традиций и европейского музыкального опыта в творчестве китайского композитора Ван Лисана. // Известия РГПУ им. А.И. Герцена – Москва, 2008. – Вып. 70. – С.111-116.

2. Васирук И. Содержательные аспекты цитирования в фугах отечественных композиторов последней трети XX века. // Известия РГПУ им. А. И. Герцена. – Москва, 2008. – Вып. 60. – С. 65-68.

3. Васирук И. Художественно-содержательные особенности больших полифонических циклов XX века. // Известия РГПУ им. А. И. Герцена. – Москва, 2008. – Вып. 61. – С. 57-60.

4. Гейзер Э., Бахор Ф. Композитор – профессия замечательная. – Санкт-Петербург: «Алетейя», 2012. – 128 с.

5. Ливанова Т. Музыкальная драматургия И. С. Баха и её исторические связи. Часть1: Симфонизм. – Москва: Гос.муз.изд. – 1948. – 230 с.

6. Мильштейн Я. Хорошо темперированный клавир И.С. Баха и особенности его исполнения. – Москва.: «Музыка». – 1967. – 393 с.

7. Мусоҳиба бо композитор Фирӯз Баҳор. – 24 январи соли 2016.

8. Шпенглер О. Закат Европы. – Ростов на Дону: «Феникс». – 1998. –640 с.

## Дарсҳои маҳоратии пианинонавози машҳур Франсуа Шаплен

*Бахтиёр Убайдзода,*
*омӯзгори калон*



*Пианинонавоз Франсуа Шаплен*

Ҳанӯз моҳи феврали соли ҷорӣ байни мутахассисон ва дӯстдорони мусиқӣ хабаре паҳн гардид, ки сафорати Фаронса тибқи маслиҳатҳои пешакӣ ба якчанд муассисаҳои мусиқии Тоҷикистон ҳузури пианинонавози варзидаи Фаронса Франсуа Шапленро ба нақша гирифтааст.

Тибқи он дарсҳои маҳоратӣ дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхуҷа Сатторов ва консерти якка дар Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ пешбинӣ шудааст.

Франсуа Шаплен пианинонавози маъруфи ҷаҳонист, ки ба ҳунари ӯ мунаққидони варзида баҳои баланд додаанд.

Мавсуф Консерваторияи олии миллии Парижро дар синфи пианинонавози булғорӣ Венислава Янков ва пианинонавози фаронсавӣ Жаклин Робен бо баҳои аъло хатм кардааст.

Дар раванди таҳсил ӯ барандаи ҷоизаҳои озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла барандаи ҷоизаи якуми Озмуни байналмилалии пианинонавозони ҷавон ба номи В. А. Мотсарт дар Италия, барандаи ҷоизаи якуми Озмуни байналмилалии фортепиано ба номи Роберт Казадезюс[52]дар Фаронса ва дигарон сазовор гардидааст.

Дар ҷаҳон Шаплен қабл аз ҳама бо маҳорати навозандагӣ шуҳрат пайдо кардааст. Ӯ бо оркестрҳои гуногуни ҷаҳонӣ, аз ҷумла оркестри миллии Лилия (Филармонияи Москва,

[52] Робер Марсел Казадезюс (1899-1972) пианинонавози Фаронса, композитор ва омӯзгор.

Россия), оркестри Филармонияи Санкт-Петербург (Россия), оркестри Филармонияи Токио (Япония), ансамбли оркестрии Париж (дар заминаи оркестри камеравии Фаронса), оркестри миллии операи Лотарингӣ (шаҳри Нэнси, Фаронса), оркестри симфонии радиои ғарбии Кёлн (Олмон) ва ғайра ҳамчун якканавоз баромад намудааст.

Пианинонавоз Франсуа Шаплен ба фаъолияти консертии худ аҳамияти бузург медиҳад.

Ӯ иштирокчии фаъоли фестивалҳои бонуфуз, аз зумра Ла-Рок-Д'Антерон (Фаронса), Вохӯриҳои байналмилалӣ дар Нохант (Фаронса), Фестивали байналмилалии Сервантино (Мексика), Фестивали байналмилалии Йокогам (Япония, Фестивали Шопен дар Париж (Фаронса) аст. Инчунин, Ф. Шаплен навозандаи фахрии калисои Вигмор-холл (Лондон,Англия), Театри Майдони Елисей (Париж, Фаронса), оркестри Филармонияи Санкт-Петербург (Россия), Галереяи миллии санъат (Вашингтон, ИМА), театри Колизей (Буэнос-Айрес,Аргентина) ва ғайра мебошад.

Дараҷаи баланди пианинонавозии Шаплен имкон медиҳад, ки ӯ ба сабти асарҳои бузурги композиторон машғул шавад. Ин паҳлӯи фаъолияти худро ӯ ҳанӯз пас аз хатми Консерватория оғоз кардааст.

Сабтҳои Шаплен имрӯз ҳамчун беҳтаринҳо баҳогузорӣ шудаанд ва мавқеи намоёнро дар миёни сабтҳои дигар ишғол мекунанд. Метавон чунин албомҳои ӯро қайд кард: маҷмӯи асарҳои К. Дебюси, экспромтҳои Ф. Шуберт, 28 консерт барои фортепиано ва оркестр В.А. Мотсарт (№28 - нотамом), пйесаҳои И. Брамс, 19 валси Ф. Шопен ва маҷмӯи мунтахабиноктюрнҳои Ф. Шопен (ба муносибати 200 солагии композитор). Ин сабтҳо аз ҷониби мунаққидони мусиқии Фаронса ва ширкати бонуфузи британиёӣ «BBC Magazine/London Award» баҳои аъло гирифтаанд. Инчунин, Франсуа Шаплен бо Александр Таро, Филипп Кассар ва Марсел Роджер асарҳо барои ду фортепианоро, аз ҷумла, асарҳои Ф. Пуленк ва ба муносибати 150-солагии К. Дебюси албоми «Roaring Twenties»-ро сабт кардааст.Чунин фаъолияти сермаҳсулу пурбаракати пианинонавозиро дар замони муосир кам вомехӯрем.

Профессор Франсуа Шаплен дар Консерваторияи олии миллии Париж[53], донишҷӯёни мамлакатҳои гуногунро тарбия мекунад ва ҳунару истеъдоди онҳоро сайқал медиҳад. Бо дарсҳои маҳоратӣ ӯ бо донишҷӯёни мактабҳои олии мамлакатҳои гуногун, аз ҷумла, Консерваторияи Санкт-Петербург (Россия), Донишгоҳи Монреал (Канада), Академияи мусиқии Осло (Норвегия), Донишгоҳи санъати Токио (Япония), Консер-ваторияи олии миллии Буэнос-Айрес (Аргентина), Консерваторияи давлатии Тошканд (Ӯзбекистон), Консерваторияи миллии Қазоқистон ба номи С. Курмангазӣ дарс гузаштааст.

Дарсҳои маҳоратии Франсуа Шаплен дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов бо унвони «Маҳорати садобарорӣ дар асбоби мусиқии фортепиано»1 марти соли 2022 дар Толори хурд ва 5 марти соли 2022 дар Толори калон баргузор гардид. Толорҳои консерватория бо фортепианоҳои нави истеҳсоли фабрикаи «Yamaha» таҷҳизонида шудаанд, ки боиси ифтихор аст. Профессор Шаплен пеш аз дарси якуми маҳоратӣ ин асбобҳоро санҷида, ироа кард, ки онҳо бисёр олианд. Пианинонавоз қайд намуд, ки мақсаду мароми дарсҳои маҳоратии ӯ дар он аст, ки тарзи дурусти садобарорӣ дар фортепианоро ҳар як пианинонавоз ҳамчун вазифаи асосӣ ба роҳ монад. Аз ин рӯ, тамоми афкори дарс ба ин маҷро равона мешавад.

Дарси якуми маҳоратӣ бо суханронӣ ва хайрамақдами муовини ректор оид ба илм Латифзода Д. Н. оғоз гардид. Ӯ қайд кард ки чунин дарсҳои маҳоратӣ барои донишҷӯён заруранд. Ин дарсҳо ба малакаи онҳо такон медиҳаду илҳоми эҷодӣ мебахшанд. Шаплен бошад изҳори миннатдорӣ карда, гуфт, аз сафорати Фаронса шунидани меҳмоннавозии олии тоҷиконро пас аз омадан ба Тоҷикистон мутмаин шудааст.

[53] Консерваторияи олии миллии Париж, соли 1795 дар заминаи мактаби сарояндагии Шоҳона ва Мактаби мусиқии Гвардияи миллӣ аввал, чун Донишгоҳи миллии мусиқӣ (1793), баъдан чун консерватория таъсис ёфтааст.

Дар фазои хубу гуворо дарси якуми маҳоратӣ оғоз шуд. Рӯйхат бо чунин тартиб пешниҳод гардид:

1. Ф. Менделсон. Суруди бе матн. Донишҷӯи курси 2- Убайдуллоева Дилрабо аз синфи омӯзгор Обидова Н. Ҷ.;
2. Н. Метнер. Афсонаи №3. Ор. 26. Донишҷӯи курси 2- Қодирова Карина аз синфи омӯзгор Сайфиддинов Б. Ҷ.;
3. С. Рахманинов. Прелюдия h-moll №10, Ор. 32. Донишҷӯи курси 1 Қурбонмамадова Фараҳноз аз синфи омӯзгор Ҳакимова Д. Ҳ.;
4. И. С. Бах. Прелюдия ва фуга, ҷилдиI. донишҷӯи курси 2- Шокирзода Муҳаммад аз синфи омӯзгор Обидова Н. Ҷ.

Дар раванди дарс Шаплен тамоми ҳастии худро барои дарки мақсади худ ба донишҷӯ равона кард. Ӯ ҳар як қисми асарро тикка-тикка карда, боз ҷамъ намуда, ба донишҷӯён мефаҳмонд. Донишҷӯён бошанд аз паси ӯ бо илҳом такроркарда, таҷриба мегирифтанд. Ҳамин тариқ, дарс бо шавқу шури баланди эҷодӣ гузашт.

Аз миёни иштирокчиён ба профессор Шаплен Қурбонмамадова Фараҳноз писанд омад. Қурбонмамадова Фараҳноз бо иҷрои Прелюдияи С. Рахманинов Франсуа Шапленро мафтун кард. Ин боис гардид, ки Шаплен ба муаллимаи мактабии ӯ Преснякова Е.Т. ва ба профессори кафедраи фортепианои тахассусӣ Ҳакимова Д.Ҳ. барои тарбияи чунин иҷрокунанда изҳори миннатдорӣ ва таърифу таҳсини худро баён кунад.



*Машғулият бо Фарҳноз Қурбонмамадова*

Шокирзода Муҳаммад низ иҷрои хуб кард, вале ба гуфти Франсуа «худро озод ҳис намекунад, худдории беҷоро ба худ хос кардааст».

Барои гузаронидани дарси дуюм, профессор Шаплен Толори калони консерваторияро интихоб кард. Қаблан ӯ бо роял ва вазъи акустикии Толори калон шиносои пайдо карда, хеле хушҳол шуда буд. Ӯ қайд намуд, ки ин толор аз ҷиҳати акустикӣ ба дараҷаи олӣ ҷавобгӯ аст. Инчунин, таъкид кард, ки Толор бояд эҳтиёд карда шавад ва мо бояд барои оқибатандешӣ кӯшиш кунем, онро бештар барои консертҳои хосса ва имтиҳонҳои тахассусӣ истифода барем ва аз гузаронидани чорабиниҳои дигар худдорӣ намоем. Дарси дуюми маҳоратӣ бо шукӯҳи хос гузашт. Толор пур буд. Дар ин

навбат иштирокчиён назар ба дарси якум зиёду фаъолтар буданд, ҳамаги 7 нафар бо руйхати зерин пешниҳод шуд:

1. Ф. Лист. Утешение, №3, Des-dur, op. 172. Донишҷӯи курси дуюм Мороз Анна аз синфи омӯзгор Обидова Н. Ҷ.;
2. Л. Бетховен. Вариатсия дар мавзӯъи Памзиелло. Донишҷӯи курси дуюм Ахмедов Акбар аз синфи омӯзгор Саодатова П. Ю.;
3. Ф. Шопен. Этюд "№1, op. 25. Донишҷӯи курси дуюм Алишерова Суман аз синфи омӯзгор Олимова Х. Н.;
4. К. Дебюси. «Духтар бо мӯйҳои ранги моҳтобӣ». Хонандаи синфи 11 МИМММҶ ба номи З. Шаҳидӣ Скачкова Лада аз синфи омӯзгор Проснякова Е. Т.;
5. Ж. Рамо. «Сиклопҳо». Магистри соли аввал Сайфиддинов Беҳруз аз синфи омӯзгор Ҳакимова Д. Ҳ.;
6. Ф. Шопен. Баллада №3, op. 47. Донишҷӯи курси тайёрӣ Ҳусейнзода Ҷаннат аз синфи омӯзгор Саодатова П. Ю.;
7. Ф. Шопен. Этюд №11, op. 25. Омӯзгори ҷавони кафедраи фортепианои тахассусӣ Набиев Б. З.

Профессор Шаплен ба ҳар як иштирокчӣ 30 дақиқа вақт ҷудо намуд. Дар умум дарси маҳоратӣ севуним соатро ташкил кард.

Дар доираи дарси маҳоратии дуюм низ Шаплен ба иштирокчиён паҳлуҳои гуногуни мушкилоти садобарориро дар фортепианобаррасӣ намуд. Ин дафъа низ ба масъалаҳои мубрам нисбат ба садобарории иштирокчиён дар фортепиано мушаххас ва дақиқ нишон дода шуд.

Дар дарси маҳоратии дуюм маҳоратӣ иҷрокунандагии иштирокчиён дар зинаҳои гуногун қарор дошта, асарҳо аз ҷиҳати тавсиф тазод буданд. Аммо иштирокчиён Сайфиддинов Беҳрӯз ва Набиев Беҳрӯз аз дигарон тафовути бештар доштанд. Пас аз иҷрои Сайфиддинов Беҳрӯз ва Набиев Беҳрӯз профессор Шаплен бисёр хурсанд буд. Зеро чи гунае, ки ӯ қайд кард ин хатмкунандагони консерваторияи точик дар сатҳи баланди иҷрокунандагӣ қарор доранд. Ва аз вақти муносиб истифода бурда, Набиев Беҳрӯзро ба синфи худ, ба Консерваторияи олии миллии Париж барои омӯзиш даъват намуд. Онро низ қайд кард, ки талабот ва барномаи кафедраи фортепианои тахассусӣ дар сатҳи байналмиллалӣ қарор дошта, ҷавонон малака ва нерӯи хуби корӣ доранд.



*Машғулият бо Беҳрӯз Сайфиддинов*

Дар дарсҳои маҳоратии Франсуа Шаплен омӯзгорон, донишҷӯён, хонандагони мактабҳои махсуси мусиқӣ, мактабҳои ҳафтсолаи мусиқӣ ва коллеҷи санъат даъватӣ буданд. Аз ин рӯ, толор аз толибилмони мусиқии касбӣ, хоҳишмандон-иҷрокунандагон пур буд.

Ҳамин тариқ, пас аз дарсҳои маҳоратӣ дар консерватория роҳбарияти мактаб-интернати миёнаи махсуси мусиқии ҷумҳуриявӣ ба номи З. Шаҳидӣ, профессор Шапленро барои гузаронидани дарси маҳоратӣ боталабагони ин муассисаи махсуси мусиқӣ даъват кард. Албатта, ин дарс аз дарсҳои гузашта хеле фарқ мекард. Тафовут дар он буд, ки асарҳои кудакона мавзӯъ ва мароми дарсро дигар мекунад. Дар умум мавзӯъи дарс муҳаббати мусиқӣ, тарбияи меҳнатдӯстӣ, тарбияи мустақилона омӯхтани асар аз ҷониби талаба буд. Пас аз шиносоӣ бо мактаб ва сухани хайрамақдами директори мактаб Ҷасур Комилов рӯйхати зерини хоҳишмандон ба профессор Шаплен пешниҳод гардид:

1. И. С. Бах. ХТК, қисми I, B-dur. Талабаи синфи 11 Матхолов Шоҳрух аз синфи омӯзгор Паномарчук Л. Э.;
2. Ф. Шопен. Этюд a-moll.Талабаи синфи 11 Скачкова Лада аз синфи омӯзгор Проснякова Е. Т.;
3. Скарлатти. Соната №2. Талабаи синфи 7 Оқилова Турсуной аз синфи омӯзгор Паномарчук Л. Э.;
4. Кабалевский. Прелюдия. Талабаи синфи 5 Магамедова София аз синфи омӯзгор Мазова Т. В.;
5. И. С. Бах. Менуэт. Талабаи синфи 1 Раджабов Самир аз синфи омӯзгор Проснякова Е. Т.;
6. П. И. Чайковский. Старинная французкая. Талабаи синфи 2 Супликов Николай аз синфи омӯзгор Проснякова Е. Т.

Барои пианинонавозони ҷавон ва омӯзгорони онҳо ин имконияти хеле олии санҷиши кории онҳо буд.



*Пианинонавоз Франсуа Шаплен бо хонандагони МИҶММ ба номи З.Шаҳидӣ*

Пас аз анҷоми дарсҳои маҳоратӣ ба профессор Шаплен Хрестоматияи асарҳои композиторони тоҷик (мураттиб Олимова Х. Н.) ва маҷмӯаи асарҳои композиторони тоҷик, аз ҷумла, Т. Сатторов, Т. Шаҳидӣ ва дигарон тақдим шуд. Умедворем, ки панинонавози маъруф репертуари худро бо асарҳои тоҷик пурра мегардонад.

Аҳамияти мавзӯи интихобшудаи дарси маҳоратӣ барои мутахассисониояндаи санъати фортепианонавозии тоҷик муҳим ва зарур ба ҳисоб меравад. Иҷрои фортепиано танҳо нотачинӣ дар фортепиано нест, балки ҷаҳони тасвиру бадеият аст. Иҷрокунандаи хуб ҳамон аст, ки дарки маъниро ба шунаванда расонида тавонад.

Сохтори дарси маҳоратӣ фаҳмо ва ба талаботи методӣ ҷавобгӯ буд.

Таҳияи бадеияти асар дар дарси маҳоратӣ аз ҷониби профессор Франсуа Шаплен ба донишҷӯ дар сатҳи баланди талқинот расонида шуд. Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ дуруст, мақсаднок ва самимӣ буд. Забон ва тарзи баёни муаллиф барои омӯзгорон, донишҷӯён ва талабагони мактаб фаҳмову равшан буд. Муаллиф методикаи омӯзгорӣ ва маҳорати баланди иҷрокунандагии худро дар раванди дарс хубу аъло нишон дод.

Пешниҳод ин аст ки дар оянда бо чунин мутахассисон дар робита буда, дарсҳои маҳоратиро боз ҳам ҷоннoктар ва зиёдтар намудан лозим аст. Чун усулҳои нави корӣ барои омӯзгорон қиммати худро дошта, барои таҷрибаи омӯзгорӣ чун боду ҳаво заруранд.



*Пианинонавоз Франсуа Шаплен бо устодон ва донишҷӯёни консерватория*

Пианинонавоз Франсуа Шаплен дар давраи тиллоии иҷрокунандагӣ қарор дорад. Ӯ таҷрибаи бойи консертӣ дошта, бо ҳамовозии оркестрҳои гуногун низ баромад кардааст. Шаплен яке аз беҳтарин пианинонавозони ҷаҳони муосир аст.

Дар арафаи консерти якка дар Душанбе, Шаплен ба сайру гашт ва шиносои бо шаҳри Душанбе, Варзобу Сафеддара низ даъватӣ буд. Чунон ки ӯ мегӯяд: Душанбе шаҳри илҳомбахшу зебоманзар аст. Ман аллакай бо Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов шинос шудам. Дарси маҳорати низ гузаронидам. Фаҳмидам, ки одамони шаҳр низ хеле равшанфикранд. Манзараҳои табиати Душанбе бениҳоят дилчаспанд, кӯҳҳои Варзоб, Сафеддара бо ҳавои тозааш дилошӯбанд.

4 марти соли ҷорӣ консерти яккаи Шаплен дар толори Театри давлатии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ баргузор гардид. Суханҳои ифтитоҳии муовини Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Манучеҳр Шарифзода ва Сафири Ҷумҳурии Фаронса Мишел Торран қабл аз консерт гуфта шуд. Барномаи консертӣ аз чунин асарҳо иборат буд:

1. Ф. Шопен. Валс, As-dur, op.34,№1;
2. Ф. Шопен. Валс, a-moll, op.34, №2;
3. Ф. Шопен. Валс, F-dur, op.34, №3;
4. Ф. Шопен. Ноктюрн, f-moll,op.55;
5. Ф. Шопен. Ноктюрн, Es-dur,op.55;
6. К. Дебюси. «Пйеса-Эстамп», «Шаб дар Гренада», «Боғи зери борон»;
7. К. Дебюси. Ноктюрн.H-dur,op.33,№2;
8. Габриел Форе. Ноктюрн;
9. Ф. Шопен. Валс, Cis-dur, op.64, №2;
10. Ф. Шопен. Ноктюрн, H-dur,op.62;
11. Ф. Шопен. Ноктюрн, E-dur, op.62.

Профессор Ф. Шаплен бо барномаҳои гуногуни консертӣ ройгон дар Ҷумҳурии Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон баромад кардааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, консерти яккаи ӯ пулакӣ буд. Бояд қайд кард ки консертҳои Шаплен дар Осиё ва Осиёи Миёна ройгон аст. Пас аз консерти пулакӣ дар театри тоҷик, Шаплен дар Консерваторияи Тошканд 10 марти соли ҷорӣ, консерти ройгонро баргузор намуд. Нобаваста аз он ки нақшаи гузаронидани консертҳои Франсуа Шаплен пешакӣ дар мамлакатҳои гуногун муайян шудааст ва иҷрои ин нақшаро Сафоратҳои Ҷумҳурии Фаронса дар ҳама давлатҳо ба зимма гирифтааст, ин консертҳо ҳамеша ройгон пешбини шудаанд. Мутаасифона, дар театри тоҷик чиптаҳои консерт 100 сомониро ташкил кард. Ин сабаб шуд, ки аксар ҷавонони боистеъдод роҳхат наёфтанд. Албатта ин боиси баъзе нофаҳмиҳо низ мебошад.

Шояд аз ин сабаб дар консерт сафоратҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ ва намояндагони дигар корхонаҳои ғайримусиқавӣ аслан иштирок доштанд. Бо таклифи роҳбарияти консерватория устодон, донишҷӯёни консерватория, аз ҷумла кафедраи фортепианои тахассусӣ, бе нишондоди ҷойи нишаст ба толор ворид гардид. Чун Франсуа Шаплен мегӯяд: «Ба ман ҳама гуна шунаванда писанд аст, хоҳиши махсус надорам. Ба шунавандаи оддӣ писанд омадан мушкиле нест, зеро ӯ озоду самимист, аммо ба шунавандаи закиву таҷрибадор писанд омадан бисёр мушкил аст, чун ӯ дар ин бобат назари худро дорад». Шунавандаи воқиф аз мусиқӣ фикри худро аз навохтани бомаҳорат пайдо мекунад. Аз ин рӯ, аҳли мусиқӣ чунин имконро бояд дар Тоҷикистони азиз аз даст надиҳад.

Барои консерти хуб, аз ҷиҳати акустика толори хуб лозим аст. Ин асоси кор аст. Мисол, композитор Ф. Шопен афзалиятро асосан ба толорҳои начандон калон медодааст, зеро инъикоси садо дар ин толорҳо хуб будааст. Албатта, агар толор калон бошаду акустика хуб набошад, иҷрокунанда дар ташвиш мемонад, зеро ӯ мақсаду мароми хешро ба шунаванда хуб расонида наметавонад.

Ба ақидаи Шаплен дар Толори театр асбоби мусиқии фортепиано дар сатҳи хуб набуд, лек ба ин нигоҳ накарда ӯ кӯшид, ки ин монеа ба иҷроиш халал наросонад. Ӯ қайд кард ки дар толорҳои гуногун ва бо шароитҳои гуногун баромад кардааст. Доим мекӯшад, ки ба шунавандааш новобаста аз мушкилот мақсади мусиқиро расонад.Толорҳои дӯстдоштаи ӯ толори Буэнос-Айрес, Кёлн, Лондон, майдони Елисейи Париж мебошанд.

Новобаста ба мушкилиҳои пешомада Шаплен консерти худро дар Театри давлатии опера ва балети тоҷик, дар сатҳи баланди касбӣ гузаронд, ҳатто барои шунавандааш дар охири консерт асарҳои иловагӣ («дар бис») иҷро намуд. Бо боварии том гуфта метавонем, ки шунавандагон дер боз чунин консертро нашунида буданд.



*Франсуа Шаплен ва тарҷумони ӯ дар сӯҳбат бо С.С.Каримзода*

Дар охир профессор Франсуа Шаплен ваъда дод, ки агар имкон шавад тирамоҳи соли ҷорӣ дар Толори калони консерватория як консерти ройгон ва ду дарси маҳоратӣ мегузаронад. Ин албатта, боиси ифтихор аст ки чунин мутахассисон пас аз шиносоӣ бо ҷавонони боистеъдоди Консерваторияи миллии Тоҷикистон, хоҳиши ба роҳ мондани муносибатҳои эҷодиро пайдо карда, онро равнақ бахшиданианд. Ин маромро роҳбарияти консерватория ҳаматарафа дастгирӣ менамояд ва доимо шароити мусоидро муҳайё месозад.

**Фароғат Азизӣ. Назарияи мусиқӣ. Китоби дарсӣ.** – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – 304с.

Дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ китоби дарсии «Назарияи мусиқӣ» ба забони тоҷикӣ ҳанӯз таълиф нагардида буд. Дар ҳоле, ки ба мо маълум аст, ягон мутахассиси мусиқӣ бидуни аз худ кардани сатҳи асосии аввалӣ – назарияи мусиқӣ (ба маънои мушаххаси фаннӣ) таҳсили худро идома дода наметавонад. Ин фанро аз синфҳои аввал (шояд синфи дуюм, баъди аз худ кардани «Саводи мусиқӣ») ва то консерватория ҳам мегузаранд. Вазъи имрӯзаи системаи таълим дар тамоми дунё чунин қарор дорад, ки баъзеҳо омӯзиши мусиқиро метавонанд дар синну соли балоғат оғоз кунанд. Ин аст, ки ҳатто дар сатҳи консерватория (ҳатто Москваву Тошканд барин консерваторияҳои таҷрибадор) метавон донишҷӯеро пайдо кард, ки ӯ ба омӯзиши фаҳмиши одии мусиқӣ ниёз дорад. Консерваторияи миллии Тоҷикистон дар ин қатор истисно нест. Бо назардошти ин вазъ китоби дарсие таълиф гардид, ки ҳам таълимӣ бошаду ҳам илмӣ. Он характери энсиклопедияи мусиқиро дорост ва бисёр паҳлуҳои мусиқӣ огаҳона бо мушахассиёти дақиқ дар он пешниҳод гардидаанд. Омӯзиши пурраи китоб ҳунарҷӯву донишҷӯро ба қабули мустақими мусиқӣ меоварад. Мақсади муаллиф, доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор Ф.А. Азизӣ он аст, ки ба хонанда тамоми сирру асрори мусиқӣ фаҳмо бошад. Аз ин рӯ доираи мазмунии китоби дарсӣ хеле васеъ аст ва бо далелҳои таърихӣ асоснок карда шудааст.




Дар ин роҳи ҷустуҷӯ ба муаллиф коркардҳои педагогӣ-таҳқиқотии ду олими гуногунмиллат ва гуногундавлат – Парвизи Мансурӣ (1924-2011), профессори консерваторияи Вена (Австрия), ки худ зода ва намояндаи Эрон аст ва мусиқишиноси Русия Морис Шлемович Бонфелд (1939-2005) ҳамчун маводи ёридиҳандаву раҳнамунӣ хизмат кардаанд. Муаллифи китоб профессор Ф.А. Азизӣ бо Устод Парвиз Мансурӣ ҳанӯз дар солҳои 90-ум шиносоӣ пайдо карда, нияту нақшаи худро муҳокима карда буд. Вале замон гузашту даст кӯтоҳӣ кард, ва ин ният даҳ сол баъд аз вафоти Устод Парвиз Мансурӣ ҷомаи амал пӯшид. Аҳсант, ки китоб навишта шуда ва аз чоп баромад.

Имконияти таҳия ва чопи китобро ба муаллиф лоиҳаи давлатии консерватория «Мукаммалгардонии ҷараёни таълими мусиқӣ дар консерватория барои солҳои 2015-2020» бо маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳайё гардонид. Бинобар ин миннатдории самимии худро ҳам аз номи муаллиф ва ҳам аз номи раёсату аҳли консерватория ба Ҳукумати ҶТ ва қабл аз ҳама ба Сарвари маҳбуби мамлакатамон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сидқан мерасонем.

Дар китоби «Назарияи мусиқӣ» ба истифодаи забони тоҷикӣ аҳамияти хоса дода шудааст. Зеро ки забондонӣ барои мусиқачӣ хеле муҳим аст. Ва маҳз дар солҳои охир насле ба воя расида истодааст, ки ба забони тозаву адабии фанни мусиқӣ хеле ва хеле эҳтиёҷ дорад.

Таҳияи китоб бо нақшаҳои корӣ ва дурнамои Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ва мутобиқ гардонида шудааст.

**Миралӣ Достизода. Муҳаббати Ватан. Маҷм. нотавӣ**. – Душанбе: «Истеъдод»,2021. – 152 с.




Соли 2021 маҷмӯаи нотавӣ аз эҷодиёти Лауреати Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ҳунарпешаи Халқии Тоҷикистон Миралӣ Достизода зери унвони «Муҳаббати Ватан» аз чоп баромад. Бо ин маҷмӯа паҳлуи дигари фаъолияти эҷодии ин шахси болаёқат дида мешавад. Дар он сарояндаи маъруф ба ҳайси оҳангсоз муаррифӣ мегардад.

Ба маҷмӯаи мазкур 22 асари вокалии Миралӣ Достизода дохил шудааст. Онҳо барои овозҳои занона (2), мардона (3) ва сурудҳо барои хор (17) мебошанд. Сурудҳои хорӣ бештар барои хори омехта (15) ва танҳо дутои онҳо барои хори мардона эҷод шудаанд. Ҳамаи сурудҳои хорӣ барои хори ҷоровоза навишта шудаанд.

Мазмунан сурудҳо ба васфи Ватан бахшида шудаанд. Маҷмӯаи мазкур маҷмӯаи сурудҳои якка ва хорӣ бар ашъори шоирони муосир аст. Муаллиф дар ҳамаи асарҳо ба ашъори шоирони муосир рӯ овардааст. Сурудҳо – натиҷаест аз ҳамкориҳои эҷодии оҳангсоз бо шоирони ҳамзамони худ.

Ин сурудҳо репертуари хорӣ ва репертуари овозҳои занонаву мардонаро бою ғанӣ мегардонанд. Маҷмӯаи мазкур саҳми арзандаест ба репертуари консертӣ ва таълимии вокалистону хорсароён.

# МУНДАРИҶА
# ОГЛАВЛЕНИЕ

*Аз сармуҳаррир // От главного редактора* ....3

*Ҷараёни таълим // Учебный процесс*

Диловар Латифзода Такмили неруи илмӣ дар магистратура ва докторантураи консерватория ....4

Воҳид Мирзоев. Барномаҳои таълимии тахассусӣ ва коркарди онҳо ....7

Чоршанбе Ғоибназаров. Се масъала оид ба навиштани рисолаи хатм (Як андеша) ....8

*Ҳаёти консертӣ // Концертная жизнь*

Саъдулло Каримзода. Таҷлили Рӯзи Фалак дар консерватория ....11

Эмомалӣ Абдуллозода Наврӯзи консерватория. ....15

Фархунда Олимӣ. Озмуни «Иҷрокунандаи беҳтарин» ....25

*Баррасиҳои илмӣ // Научная деятельность*

Миралӣ Достизода. Театри опера ва балети тоҷик: роҳи тайшуда ва рушди минбаъда ....29

Фароғат Азизӣ. Рушди жанри рисолаи мусиқӣ зимни мақомоти тоҷик. ....34

Чоршанбе Ғоибназаров. Саҳми Мубораки Вахонӣ дар мусиқӣ ....45

Баходур Давлатзода. Таджикская инструментальная ансамблевая культура: развитие традиции ....51

Алихон Маҳмадов Рушди санъати мусиқии эстрадӣ дар Тоҷикистон ....60

Исмоил Назриев. Баъзе паҳлӯҳои санъати сароядагии устод Абдуллоҳ Назрӣ ....62

Аброр Маҳмудӣ. Тарз ва услубҳои ороиши садо (мелизмҳо) дар Мушкилот ....65

Хуршед Иброҳимзода. Ҷойгоҳи силсилаи Савти Чоргоҳи Муҳайяр дар Шашмақом ......72

Манучеҳр Бурҳонов. Жанрҳои созии *дойрабазм*, *дафсоз*, *қабопӯш* ......76

Абдурасул Исмоилов. Эҳъёи анъанаҳои устод-шогирд ва силсиларо дар консерватория ......81

*Аз таърихи мусиқии ҷаҳонӣ // Из истории мировой музыки*

Бахтиёр Убайдзода, роҳб илмӣ Ф.А. Азизӣ. Жанри «силсилаи бузург»-и полифонӣ дар мусиқии композиторӣ: таърих ва талқин ......84

*Дар меҳмонии мо // У нас в гостя*

Бахтиёр Убайдзода. Дарсҳои маҳоратии пианинонавози машҳур Франсуа Шаплен ......92

*Китобҳои нав // Новые книги*

Азизӣ Ф.А. Назарияи мусиқӣ (китоби дарсӣ) ......100

Достизода М.Д. Муҳаббати Ватан (маҷмӯаи сурудҳо) ......101

ISSN 2959-1848

# МУТРИБ

## (МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ)

## (НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ)

## №1

Нишонии мо:
ш. Душанбе, к. Ҳусейнзода 155
Телефонҳо: 227 07 20, 227 60 29,
www.conservatoriya.tj
E-mail: tjconservator@mail.ru

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
таҳти №258/МҶ - 97 аз 04 августи соли 2022
номнавис шудааст.

Теъдоди нашр 120 нусха.
Супориш № 01/23.

Маҷалла дар матбааи ҶДММ
*«Хирадмандон»* чоп шудааст.
шаҳри Душанбе, к. Ҷ. Расулов 9.